**Шодӣ РАҶАБЗОД**

# ИМТИҲОНИ ҚИСМАТ

**ДУШАНБЕ**
**2024**



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

**УДК 891.550-3**
**ББК 84 тоҷик 7-4**
**Ш-21**

**Имтиҳони қисмат, ҳикояҳо: Шодӣ Раҷабзод, – Душанбе, Меҳроҷ Граф, 2024. – 240саҳ.**

Маҳаррир
Абдурауф Муродӣ

Мусаҳҳеҳ
Мадина Диловарова

Китоби “Имтиҳони қисмат” ҳикояҳои тозатаълифи нависандаи соҳибистеъдод Шодӣ Раҷабзодро дар бар гирифтааст. Дар онҳо адиб бештар ба мавзуъҳои муборизаю талоши одамон баҳри инсофу адолат, тасвири некию накукорӣ, мазаммати хислатҳои ношоиста, таблиғи худогоҳию ватандӯстӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

Ғояю муҳтавои китоб судманду омӯзанда буда, умед аст, ки мақбули доираи васеи хонандагон ва боиси болидатабъии онҳо хоҳад шуд.

**ISBN 978-99985-833-37**

**© *Шодӣ Раҷабзод***



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

# ҶЕМПЕРИ САБЗ

Расо бист сол мешавад, ки вай, зани миёнаумр, вале замоне ҷавону хушпайкар, азобу дарди ҷонгудози руҳиро аз сар мегузаронад. Чу гунаҳкори осӣ назди шавҳар бо ҳама латофату нозукадоӣ ва заҳмату ранҷкашиданҳо наметавонад худро ҳақ барораду покдоману боиффат буданашро ба исбот расонад. Аслан, зан бо ғуруру шикебоӣ ва имондорию порсоии худ аксар ҳангом суханони заҳрогину наштардори шавҳарро ба як пашизе ҳам намегираду банди андешаҳои гарону дардолуд, ки мағзашро тазъйиқ медиҳанд, бо худхӯриҳои дарунӣ, даст афшонда, аз пайи сариштаи кору бори рӯзгор мешавад.

«Ман назди бандааш не, фардо пеши даргоҳи Худованд бо покию бегуноҳии худ сарбаланду дилпур бошаму хиҷолатманду шармзада не. Дигар маро чӣ бок аз ғур-ғуру таъну мазамматҳои шавҳар, ки бист сол мешавад ба тардоманию нопок буданам ишора мекунаду заҳр мезанадам». Ҳар чӣ буд-набуд, гузашт. Охир, вай ҷое хондааст, ки бадгумонӣ аз амалҳои ҳаром аст. Пас, бо «соҳиби сараш» дигар бо кадом забон суҳбат кунаду ҳақиқати ҳолро фаҳмонад? Намедонад. Шигифтангезу аҷиб он аст, ки шавҳараш баҳри исботи беиффатии ӯ далелу мадраке надорад ва ҳам шоҳиде, ки аз воқеияти талх сарчашма гирифтани ин рухдодро тасдиқ кунад. Танҳо гоҳ-гоҳ, бо гузашти солҳо, шабу нимшаб ва ҳам рӯзҳои фароғат дар хона ногаҳону нохоста оташи дерини аламу рашкаш афрӯхта мегардаду ба таънаю айбҷӯйии ӯ мегузарад ва мегӯяду мегӯяд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ҷамеи суханони хашину таҳдорашро бо як ҷумла хулоса мекунад:

-Ба ту бовар надорам.

Зан ибтидо ба ин ҳарфҳои шавҳар ҳазору як далелро шафеъ оварда, посух медод, ки ҳеҷ гуноҳе накардааст. Солҳои баъдиҷангӣ зиндагӣ маҷбураш кард, ки дар бозор нишаста, ба савдо машғул шавад. Вале ҳаргиз аз роҳи тақво берун гом наниҳодааст. Чун шавҳар ӯро муртакиби гуноҳ меҳисобад, чаро мард шуда, рӯзу моҳу ҳафта ва солҳоро дар идораи колхоз ҳамчун муҳосиб бе маош ва подош бар боди фано дод? Чаро мисли муаллими ҳамсояаш Асрор, муҳандиси роҳ Сабзалӣ, духтури бунгоҳи тиббӣ Алӣ ва чанди дигар ба тиҷорат ва савдои биринҷу равған ва меваҷоту сабзавот машғул нашуд, то аробаи зиндагиро пеш бубарад? Чаро ин амалҳоро ба шаъни худ лоиқ надонист? Охир, чаро ӯро - ҳамсари аз хобу хӯр мондаю заҳматкаши хаставу афсурдаҳолашро ба бозор равон карду нагузошт, ки дар хона думболи корҳои рӯзгор ва парастории фарзандон шавад? Чаро?! Ва акнун ӯро ба нопокӣ муттаҳам мекунаду сари ҳар гуфтораш ибораи «ман гумон мекунам»-ро истифода мебарад.

«Ман гумон мекунам, ки дар бозор, шояд дар кадом хонаи сарватманде ба хотири пул шуда, аз баҳри ҳама арзишҳои олии зиндагӣ, шавҳару фарзандон баромада, ба амали зишт даст задаӣ? Дилам мегӯяд, ки… аз рӯйи таъбири «дар зарурат раво бувад» амал карда, боре… рӯйи зиндагии бафайзу бонишотамон хати бутлон кашидаӣ? Охир, ман ба сидқу имони ту эътиқоди зиёд доштам. Мефаҳмӣ?» Зан аз суханони шавҳар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

аламу дард мекашад, мехоҳад садо баланд кунаду ӯро назди Худованд тавба диҳад ва ба адлу инсоф хонадаш. Гӯяд, ки ин ҳазёну ҳангомаҳояшро бас кунаду ба вай не, ба фарзандон, ки бузургу баркамол шудаанд, раҳм намояд. Аммо на! Ҳарфе намеафзояду сукутро ихтиёр мекунад. Аз чӣ бошад, ин оромию тамкини зан шавҳарро бештар ғазабнок месозаду ба кӯйи гумону хаёлҳои ваҳшатзо тела медиҳад. Чанде қабл чангу ғубори хотираҳоро «афшонда», ҳамон ҳодисаҳои замони баъдиҷангиро кирми шубҳа ба дилаш панҷа задаю беқарору ошуфтааш карда, аз овозаю ҳангомаҳои он айём, ки бо чанд зани бозорнишини деҳа рабт дошт, ёдовар шуд. Ва таъкидан боз хулоса кард: ҳамсараш ҳам мисли зани кали Собир ё Салими ронанда ё Нодири қассоб ба хотири пули сабилмонда ва дарёфти нону анвои ғизоӣ бо мардҳое сарватманди тоҷир ба аъмоли ногувор ва шармсорию расвоӣ даст задааст.

«Агар ҳамин тавр воқеъ шуда бошад, вой бар ману шарафу обрӯ ва наҷобатам,- чашмонаш огандаи ҷаҳлу нотавонӣ ва табъаш гирифтаю лабонаш пир-пир парида мегуфт мард ва бархоста рӯ-рӯи хона қадам мезад. Ҳамсар, ки воқеан, бо гузашти бист сол ҳанӯз ҳусну тароваташ накоставу чашмони сиёҳи зебояш нигоҳи софу самимонае доштанду аз қалби чу оби чашмасорон поку мубаррояш шаҳодат медоданд, бо оҳанги нарму мулоим ба мард мефаҳмонд, ки ҳушашро дар ҷояш монад. Аз он рӯзгорон бист сол пушти сар мешавад. Барои онҳо, ки имрӯзу пагоҳ соҳиби набераҳо мешаванд, бас айби бузург аст, ки зиндагие баста ба гумону шубҳаро ба сар баранд.»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

«Ман,-мегуфт ҳамсари дар аъроф монда, - аз он занҳои сабукпою беандешае, ки ки на аз Худо метарсанду на аз бандааш ва шавҳарро чу махлуқи безабон зину лаҷом зада, савор мешаванд, нестам. Модару модаркалонамро тамоми мардуми деҳ медонанду иззаташонро ба ҷо меоранд. Падарам умре дар саҳроҳои колхоз деҳқон буду меҳнати ҳалол мекард, бобоям Эшони Холиқназар авлиё буд, ки дар тақвою парҳезгорӣ ва илму каромоташ ҳеҷ ҷои шаку нобоварӣ набуду нест. Ман тарбияту насиҳати волидон ва бибию бобои шарифамро дар гӯш ҳалқаи зар бинмуда, аз роҳи рост берун қадам назадаам. Ё магарам савганд бихӯрам? Дигар роҳе дар илоҷи ҳалли ин савдо намебинам. Ба Худо, розиям бо Қуръони маҷид қасам хӯрам. Оқибати нек надорад ин бадгумонию шабону рӯзон маро ба маҳкамаи имону виҷдон кашидан. Ошкоро мегӯям, ки инчунин зиндагӣ ҳаром аст, касиф аст, бефайзу баракат аст ва воқеаҳои баду маъшуме дар пай дорад. Худоё, аз ҳама офату бадиҳо нигаҳбони хонадони мову фарзандонамон бошӣ!»

Шавҳараш якраву сахткӯше буд, ки ришханде дар лабонаш ба пайдо омада, даст афшонда, такрор мекард:

«Ман ба ту бовар надорам. Ин ки бо ҳам сар ба як болин мегузорему назди мардум гӯё рӯзгори босаодате дорем, ба хотири фарзандонамон аст. Вагарна… як рӯз дар ин хонаю ҳавлӣ меҳмонат намекардам».

Ва ана дар ҳамин мавқею ҳолат замину осмон дар пиндораш чарх задаву оламу одамро фаромӯш карда, ғуруру шараф ва нангаш боло



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

гирифта, зан низ бархост аз ҷой, ки аз фарти ҳаяҷону ғазаб дастонаш меларзид.

«Ҳо, ман зани сабукпойи каҷрафтор будам,- киноя зад вай. - Ҳо, бо мардони сарватманду серпул гаштаму маблағи заруриро ба даст овардам ва нону равғану сабзӣ, пиёзу картошка, шакару дигар нозу неъматро харида овардам, то ки шиками фарзандон ва ту – амири Бухороро сер кунам. Ҳо, ман пасту ноодаму хиёнаткорам. Ҳо, меҳру вафою садоқат надорам. Ҳо, ба ҳусни ҷамилаам мағрур шуда, ҳар касу нокасро писанд намекунам. Ҳо, аз қавли ту, чашмам бад аст. Акнун бигӯ, дигар аз ман чӣ мехоҳӣ? Ҷонамро ба ҳалқам овардӣ, хӯрдагиям заҳру зақум аст. Охир, ин хел беохир баҳси мо то кай давом меёбад? Дар ин сару савдо умри ҷавониям барбод рафт. Аз ин зиндагии талху пурғам чӣ дидам? Нуҳ фарзанд зоидам. Нуҳ одами зинда! Онҳоро худ нахӯрдаму хӯрондам, на шаб хоби бароҳат доштаму на рӯз. Баданам либосу пираҳани навро надида, ҳар чӣ ёфтам, барои тифлон сарф кардам. Аз ҳусну латофатам чизе намонда: мӯйҳоям сафеду чашмонам камбин, абруҳоям рехтаву ожангҳо чу гиёҳи ҳарза ба рӯям давида. Барои кӣ ҷон кандам? Подоши ин ҳама азобу талош, дар чор фасли сол, дар гармои майнасӯз, зимистони сарду қаҳратун, зери боронҳои баҳорону тирамоҳон дар по калӯши резинии қоқ, таҳи як ҷемпери тунук дар рӯйи сименти пур аз рутубату нам, аз субҳ то шом, гоҳо то намози хуфтан дар бозор бо як по рост истодан барои киву ба хотири чӣ буд? Магар барои фарзандон, барои рӯзгори ободу фирӯз набуд? Магар ту метавонистӣ ё мехостӣ назди касе дасти ниёз барию миннат бикашӣ? Дар ҳар сурат,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

ман намегузоштам, то сарафкандаю оҷиз бошӣ, назди мушкилиҳои Ҳазрати зиндагӣ. Ва бар ивазаш… суханҳои сард, туҳмат… Эҳ…»

«Хайр, ин қадар бо обуранг азобҳоятро қисса кардӣ, ки маро ба инсоф бихонию ба ту раҳмам ояд ва «ба гузашта салавот» гӯям?»- чашм аз чашми ҳамсар наканда гуфт шавҳар. Маро бовар кунондан мехоҳӣ? Ҳамин тавр?»

Зан барошуфт ва бар тавсани ғазаб нишаст ва нохоста бонг зад:

«Ё ба додгоҳ бикаш маро, ё ҷавобамро деҳ!»

Шавҳар чун шуълавар гардидани оташи ғазаби ҳамсарашро мушоҳида мекунад, зуд оҳанги гуфторашро шабеҳи ҳуққабозон тағйир медиҳад, аз забонаш, ба қавле, шаҳду шакар рехта, дасти навозиш бар шонаи зан ва хирмани мӯяш мебарад ва хандаи дурӯғину фиребое дар чеҳрааш ба пайдо омада, сар хам мекунад ва бо тавозуъ: «хайр, хайр, шуд, шуд», мегӯяд оромона ва меафзояд, ки туро санҷидам, азизам. Ҳамакнун эътиқодам як бар даҳ афзуд, ки дар зиндагӣ солеҳаву бонафозат ва ғамхору дилбастаи фарзандонӣ. Ҳо, медонам, ки он айёми сангину тирарӯзони наҳс ба хотири ёфтани пораи нониву гурусна намондани фарзандонамон машаққату азобҳои зиёдеро таҳаммул кардӣ, ҳусни расои ҷавоният хазон гардид. Кори сад мардро ба сомон расондӣ. Барои минбаъд дар ин бобат ҳарфе намезанам ва дарду аламҳои куҳнаро бод намедиҳам. Бубахш, ҷони ширин!»

Аз чӣ бошад, ҳамсар, ки дили бузург, вале содае дошту олам-олам меҳру муҳаббат дар он ҳамчун ганҷи номакшуф нуҳуфта буд, дарсоат аз аспи ғазабу ҷаҳл мефуромад ва ашк дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

чашмонаш тӯфон барангехта, он рӯзҳоро хаёлан пеши назар оварда, ғайриихтиёр сар ба китфи шавҳар мегузошт ва пичиррос мезад:

«Ҳеҷ гоҳ гумони бадро ба дил роҳ надеҳ, отаи Шаҳбоз. Ҳамеша ба Холиқи якто такя кун. Ҳар шахс барои рафтору аъмолаш имрӯз не, фардо дар қиёмат ҷавоб хоҳад гуфт. Ту нағз медонӣ, ки дар тӯли зиндагиамон ба чӣ бемориҳое мубтало нагаштам ман. Аммо фикри он ки кӯдаконамон гуруснаю ташна намонанд, ҷисми зору низорамро кашолакунон роҳ сӯйи бозор мегирифтам. Ман метавонистам, ки хоб раваму аз пайи табобат шавам. Ҷонам биосояду хастагиямро дур созам. Вале на, на! Ҳар дақиқаю лаҳза нидое аз ботин ба гӯшам мерасиду ошуфтаю беқарорам мекард: ба чашмони кӯдаконат, ки шикамашон «бӯи нон нагирифтааст», чӣ тавр нигоҳ мекунӣ? Бо ин ҳол, магар метавонӣ муросо кунию осуда сар ба болин гузорӣ? Пас, вазифаи модарии ту аз чӣ иборат аст. Ана, ҳамин ово маҷбурам мекард, ки дандон ба дандон монда, дардро дар синаам кушта, роҳ сӯйи бозори шаҳри калон бигирам».

Аммо… бо гузашти рӯзҳову ҳафтаҳо шавҳар бедимоғу парешон, боре шабонгаҳ, вақте ки сар ба болин мегузоштанд, гӯё кашфиёти нав ё бозёфте карда бошад, суханро аз дур оғоз намуда, ба ёди ҳамсар воқеаи гум шудани ҷемпери нави сабзгуни ӯро овард ва сар ҷунбонда афсӯсу дареғ хӯрд:

«То ҳол барои ман муаммост, ки ту ҳамон вақт як ҷемпери наппа-навро ду ҳафта ҳам напӯшида, гум кардӣ. Боз дар бозор! Охир, он ҷемпер сӯзан набуд, ки куҷое афтонда, бо ҳазорон талошу ҷустуҷӯ наёфта, «э бало ба паси як сӯзан»-гӯён аз кофтукови он батамом даст кашида бошӣ».



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ва гиреҳ бар абрувон зада, ҳамсарашро ба посух гуфтан ба суоли қотеъонаи худ маҷбур мекард:

«Пас, бигӯ, он ҷемпер чӣ тавр гум шуд?

Шояд дар бозор нею дар кадом хонае аз ёдат баромада бошад?»

Зан дафъатан андуҳе дар жарфи чашмонаш зуҳур карда, ниҳоят оромона суханони шавҳарро тасдиқ кард:

«Рост мегӯӣ, ман аз ташвишу такудави зиёд ҳушам парешон, аз ғайб задани молу калои ба фурӯш баровардаам ё ана ҳамон ҷемпери сабз хабар намеёфтам. Чанд дафъа ин ё он халтаи себу ангур, картошкаю пиёз, сабзӣ ва меваю сабзаҷотро дар бозори серодаму пурғавғо гум кардам. Гум кардаму нафаҳмида мондам. Хаста мешудам, чашмонамро хоб пахш мекард. Чунки дамидани субҳро интизор нашуда, ҳанӯз хурӯсҳо ҷеғ назада, торик – торик мебаромадем аз деҳа. Ва бору коло – халтаҳои мева (себ, хурмо)-ро бардошта, то роҳи калон мебурдем. Эҳ, чӣ рӯзҳои талху сиёҳе буданд он рӯзҳо, ки бо ба ёд овардан мағзат ба дарду қалбат ба сӯзиш медарояд. Пеши худ мегӯйӣ, ки ин ҳама дар зиндагият рӯй додааст ё афсонаву рӯъёе беш нест? Боварат намеояд, ки он талхрӯзҳоро пушти сар намудаӣ…

Ҳамон ҷемпери сабзрангро низ дар куҷое аз тан баровarда мондам, ки аз ёдам баромадаасту фардо, вақте ки ба бозор расидам, аз занҳои савдогар пурсуҷӯ кардам, вале касе аз чунин ҷемпер хабар доштанашро ифшо накард. Ҳама бо ғаму ташвиши худ овора. Ё шояд кадоме аз онҳо аз ин ҷемпери наппа-наву оҳорӣ хабар дошту сир бой намедод? Ҳар кор рух доданаш мумкин буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Замони пуртаҳлука ва серташвиш, баъзеҳо оламу одамро фаромӯш карда, ба ҳар амали ногувор даст мезаданд. Боз кӣ медонад?» Ва зан оҳ кашида, рӯ ба дигар тараф гардонд. Пеши назараш дубора он лаҳзаҳои оворагию сарсонӣ ва даводаву такопӯ падидор гашт. Занҳои савдогар баъд аз мавсими меваю сабзаҷот ба фурӯши дигар анвои ғизоӣ машғул мешуданд. Ҳамсари мард низ бо маслиҳати чанд зани ҳамдеҳа ва сокинони деҳаҳои ҳамсоя ба хариду фурӯши нон оғоз кард. Аз нонпазҳои маҳаллаҳои канори шаҳр, бештар аз ҳудуди Ховарон нони гарму дастсӯзи бозориро харида, дар халтаҳо ҷо карда, пиёда се-чаҳор километрро тай карда, ба бозори Калон мерасиданд. Тавону неру аз дасташон рафта, арақ аз сару рӯяшон шорида, ба нафас рост кардан имкон намеёфтанд. Ба хариду фурӯши нон аксаран дар баҳорон рӯ меоварданд. Ана, дар яке аз ҳамин гуна рӯзҳои баҳорон, ки ҳаво софу офтоб бо анвори ҷонфизояш ба тан ҳаловат мебахшид ва атри гулу сабзаву гиёҳҳои навдамида ба машом форам мерасид, зан ҷемпери чанд рӯз қабл аз ин харидаашро гум кард. Шомгоҳ ба хона расиду шавҳар рӯ ба рӯяш пайдо шуда, аввалин пурсише, ки дар нӯги забонаш пайдо шуд, ҳамин буд:

«Таҳи як курта рафта будӣ?»

Зан, ки лакоту бефараҳ буд, баногоҳ ба хотираш ҷемпер расид.

«Не,-гуфт дар посухи шавҳар, бомдодон ҳанӯз ҳаво сард аст, ҷемпер бар тан карда будам. Бояд ҳамин ҷо, дар даруни халтаҳо бошад.» Ва ҳарчанд ҳадаҳаву осема халтаҳои дасташу рӯймолҳои дохили онҳоро чаппа-роста кард, ғайр аз чаҳор дона нон ва як сар собун чизе ба назар нарасид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

«Эҳ,-даст ба пешонӣ бурдаву аз ҳайрат чӣ кор карданашро надониста, пичиррос зад:

-Сабил дар куҷое монда омадаам. Ҳай афсӯс, ҷемпери наппа-нав буд. Кош аз тан намебаровардам.

-Ку, пагоҳ рафта аз занҳои бозоракӣ пурсуҷӯ кунам. Гӯр ҳушам шавад, ин чӣ балоест, ки хотирпарешон шудаам?»

Шавҳар ғазабаш боло гирифта, чинҳои пешонияш зиёдтару барҷастатар гардида, даст афшонд:

«Ҷемпера меёбӣ. Агар аз бозоракиҳо пурсидаву ҷустуҷӯ карда наёбӣ, пас аз хонаи нонпаз суроғ мекунӣ. Ёбӣ, ҳалолат бод, агар не, пас… ту ҳам мисли зани кали Собиру Раҳим ягон нағма баровардаӣ».

Ва хандид. Заҳрхандаи сарду нофорам, ки аз дунёи разиливу қабоҳат, бераҳмӣ, носипосӣ ва таҳқири иззу шарафи зани наҳифпайкару аз кашокаши тақдир маъюсу оҷизу нотавонманд мегуфт. Дунёе, ки фазову муҳиташ паридарангу бетароват, ҳасрату навмедӣ дар қалбҳо нуфуз пайдо кардаву аз офтоби дурахшону самои нилфом ва атру накҳати махмуркунандаи гулу гиёҳҳои баҳори нозанин дар он асаре нест. Тирагиву зулмот, ки аз фишори он ҳаракати хун дар бадан карахт ва озодию ворастагии инсон маҳв ва фано меёбанд, ин фазоро фаро гирифта.

Ҳамсар сархаму хомӯш ва лолу карахт, моно бар он ки гуноҳи бузурге содир карда бошад, ғам дар гулуяш печидаву нафасгирияш номуназзам гардида, рӯйи суфа нишаст…

Ва ҳамааш аз ҳамон рӯзи наҳсу маъшум оғоз гардид. Дигар шавҳар ҳар шомгоҳ аз тақдири



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

ҷемпер пурсон шуда, ҷонашро ба ҳалқаш оварда, занро, ба қавле, «хун медод». Бо гузашти солҳо оташи он «савдо» гоҳ баланду гоҳ паст гардида, то имрӯз идома меёбаду идома ва ба кӯҳи ғам дар синаи зан мубаддал гардида, ҷарору оромиро аз ӯ мерабояд. Чӣ кор кунад? Чӣ тавр бегуноҳии хешро собит созад? Намедонад. Замин сахту осмон баланд. Гӯши фарёдшунав нест. Эҳ зиндагӣ, зиндагӣ! Инак, мард лахчаалови таҳи хокистари воқеаву рухдодҳои мозиро рӯ кардаву занро ба нопокиву беисматӣ муҷрим меҳисобад:

«Кӣ медонад, дар хонаи кадом пулдор меҳмон шуда, ба амале даст зада, аз шармсорию расвоӣ ҷемпера аз ёд баровардию худ хабар нашудаӣ?

Ё шояд дар мошини қимматбаҳои тоҷире…».

«Бас, шуд, кифоя,-суханони шавҳарро бурид зан, ки ашки чашмонаш ба бари рухсораҳояш шорида, дилаш ба кафидан наздик омада буд.

-Дигар ин зиндагиии мо ҳаром аст, маъное надорад. Ман аз ин ба баъд назди ту худро сафед намекунаму ҳақ намебарорам. Ҳар коре, ки аз дастат меояд, ба анҷом расон. Як рӯз не, як рӯз ҳақ ба ҳақдор мерасад. Дар номи Худо ҷонам, дар ҳеҷ давру замон ҳақро ноҳақ ва ноҳақро ҳақ набаровардааст». Ва аз бистар берун шуда, гирёну нолон ба хонаи бачаҳо гузашт…

Ин гуна зану шавҳар қаҳрию ногап рӯзгори нобасомону талхе аз сар мегузаронданд. Андак-андак сардие, ки дар байни онҳо ба амал омада буд, дар деҳ овоза шуд. Ва боре мард узр пеш оварда, аз роҳи муросову созгорӣ хост бо зан равзанае аз ҳамдилию ҳамсуҳбатӣ кушояд. Аммо ҳамсар рӯ турш кардаву ранҷу озоре дар дил ин тасмими шавҳарро қотеъона рад кард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

«Ман бо ту дигар зиндагӣ намекунам, - гуфт вай бо оҳанги сард. - Бист сари сол заҳробаи ғаму дард чашидам, хун хӯрдам. Акнун бас. Валекин дар назди ту худро гунаҳкор намедонам. Бирав, зани дигар бигир!

Ман ба ин розиям».

Мард аз ин пешниҳоди ғайримунтазира дар ҷояш такон хӯрд, монанди мурдаақлҳо сарашро дудаста дошта, фарёд кашид: «Ноҷинс, бадгавҳар, Хонаи ободамро хароб мекунӣ? Фарзандонамро дар чорсӯи зиндагӣ ҳайрону бечора мегузорӣ? Ман аз аввал медонистам, ки аз дасти ту ҳар бало меояд. Шаттоҳ, худозода. Оҳ, оҳ…»

…Кӣ медонад, ин моҷарои дерҳангоми зану шавҳар то кай идома меёфт, агар… Агар дар як нимарӯзи гарму тафсони айёми тобистон дар назди дарвозаи мард зане солманду рӯймоли калони сиёҳфоме даври сару гарданаш печонида, ки чашмонаш нигоҳи пурмеҳру беғубор дошт, пайдо намешуд ва ду-се дафъа чеғ намезад. Ҳамсари мард ба назди зан, ки дар даст халтаи селофание дошт ва хиҷолатомез ба пеши пояш менигарист, ҳозир шуд ва ӯро ба хона таклиф кард.

-Не, раҳмат, хоҳар,-узрхоҳӣ кард «меҳмон»-и ношинос ва лаб газида, лаҳзае хомӯш монд.

-Медонед, ман дар назди шумо гунаҳкорам. Қариб бист сол мешавад, имону виҷдонамро сӯхта, ин розро пинҳон доштам. Лекин дар ин муддат фаҳмидам, ки дар ҳар кору амал ва ҳодисаҳои зиндагӣ ҳикмати Худованд нуҳуфта будааст.

-Ман аз ин суханони шумо чизе нафаҳмида истодаам,-ҳайраташро пинҳон надошт зан. –



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net мураҷиат кунед

Шумо аз куҷоед, барои чӣ пеши мо гунаҳкор будаед? Боз аз ҳикмати рӯзгор ҳарф мезанед.

-Рост, рост,-посух дод «меҳмон» ва шавҳари занро дид, ки оҳиста-оҳиста гом ниҳода ба онҳо наздик мешавад.

-Ман аз деҳаи Камонгаронам,-ба суханонаш идома дод вай.-Шуморо, хоҳарҷон, шинохтам. Солҳои вазнини баъдиҷангӣ дар бозор савдо мекардем. Меваю сабзаваоту ҳар хел молу коло мефурӯхтем, то ки бегоҳ як пора нон ёфта, ба хонаҳомон биёрему шиками кӯдаконамонро сер кунем. Шавҳари ман Латиф ном дошт. Вай дар фермаи колхоз кор мекард. Ҷанг сар шуду на ферма монду на чорвои давлат. Хӯҷаинам азобҳои зиёде кашид. Дар партовгоҳ кор мекард. Баъд Расия рафт. Хайр, ҳамаи мардум машаққат кашиданд, дарди маълум. Лекин то охирин нафасҳояш маро аз наздаш дур шудан намемонд. Мегуфт, ки вафодортарин зан ҳастӣ ту. Хидмате, ки барои фарзандонам кардаӣ, як умр дар ёдам мондааст. На шаб хоб будию на рӯз ором доштӣ. Инак, як сол мешавад, ки аз пову пар мондаам, ту ба болои дар бозор шиштану савдо карданат, тару хушкамро пок мекунию ҳарфе зиёдатӣ намегӯӣ. Худо ҳафтпуштаата раҳмат кунад. Ва қабл аз ҷон додан таъкид кард, ки дар шаҳри Кофарниҳон аз дӯсташ, равғанфурӯши бозор ду ҳазор сомонӣ қарздор аст. Ҳамин ки маблағ дарёфт кардам, қарзи ӯро бурда диҳам, то вай дар гӯр ором бихобад. Ман чандин сол дар бозор нишаста, ба савдогарӣ машғул шудам, аммо маблағ ҷамъ карда натавонистам. Охир, чанд сӯм пуле, ки аз фурӯши коло даромад мешуд, ба хариди чор-панҷ нон мерасиду халос. Шумо, хоҳари ҷон, аз кадом



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

маҳаллаи шаҳр нон харида меовардеду дар шафати ман мефурӯхтед. Боре ингуна халтаҳои нонро наздатон гузоштеду як халтаи холиро дар паҳлуятон. Шомгоҳ баъди анҷоми савдо ва «хунук» шудани бозор ҳама сӯйи истгоҳи мошину автобусҳо мешитобидем. Як вақт ман охирин себҳоро фурӯхта, халтаҳоямро ҷамъ кардани шудам, ки чашмам ба халтаи шумо афтид, ки аз ёдатон баромадааст у монда рафтаед.

«Эҳ, аз ёдаш баромадааст, - гуфтам ва он халтаро бо худ гирифтам, ки дар дарунаш матои сабзе ба чашмам бархӯрд. Ба даст гирифтам, ки ҷемпери хушдӯхти сабзранге будааст. Ҳавасу ҳушам рафт. Халтаҳоро ҷамъу гир карда, чор-панҷ нон харида ба хона омадам. Пеши худ аҳд кардам, ки фардо ҷемперро ба соҳибаш, яъне ба шумо, ки бонуи раънову моҳсимо ва чашму абрусиёҳе будед, мерасонам. Аммо… субҳ ба васвасаи шайтон дода шудам ва аз қавлам гаштам. Ҷемпер, дар ҳақиқат, бо ҷилою тобиши ранги худ чашм мебурд ва нафису нозук буду боби пӯшидану ба меҳмонӣ ё маъракаи ҳамдеҳагон рафтан. Тамаву ҳирсам боло гирифт ва ҷемперро бозпас ба даруни сандуқ гузоштам. Чун дар бозор шумо суроғи ҷемпер кардед, баданам оташ гирифта, мушакҳои рӯям ба паридан даромад, аммо худро ба карию нофаҳмӣ задам. Ва ҳамон рӯз дарёфтам, ки гоҳо машаққату сахтиҳои рӯзгор одамро муҳтоҷу дастнигар ва тамаъкору фиребгар ҳам мекардааст… Дигар бо ҳамин сирри ҷемпери сабз ошкор нагардид. Хайр, солҳо ноаён паси сар ва фарзандонам калон шуданд. Ду писарам ба муҳоҷират рафта, заҳмат кашида, маблағи хуб роҳӣ мекарданд. Духтари яккаву



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

ягонаамро бо обрӯю иззат ба шавҳар додам. Васияти шавҳарамро иҷро карда, баъди чанд муддат қарзи равғанфурӯши ҷӯраашро ба бозори Кофарниҳон рафта, боз гардондам.

Бо ин ҳама, аз чӣ бошад, руҳам доим ноором буд. Шабҳо хоби бароҳат намерафтам. Дар ибодатҳоям аз Худованд талаби мағфирати гуноҳонамро мекардам. Аммо шумо, хоҳари ҷон, бо ҷемпери сабзатон ҳеҷ аз пеши чашмонам дур намешудед. Баъд, бисёр вақт шавҳарам ба хобам медаромад. Ҳанӯз аз кадом коре хафаманду парешон менамуд. Як дафъа ҳатто норозиёна мазамматам кард, ки аз роҳи сидқу вафо ва ростӣ берун пой ниҳода истодаам.

«Фикр кун, ки чӣ гуноҳе аз ту содир шудааст»,- гуфт вай ранҷишомез. «Баъд пеши худ мақсад гузоштам, ки азму иродаамро ба кор бурда, шуморо, хоҳари ҷон, меёбаму бахшиш мепурсам. Мо, ки ҳамсояқишлоқ ҳастем, суроғ карда, хонаатонро ёфтам.

Зан хомӯш монд ва аз халтаи селофанӣ ҷемпери ҷанҷолиро баровард, ки рангбохтаю обшуста буд, вале ҳоло ҳам зебоию тобише дошт.

-Ҷон хоҳар, аз гуноҳам гузареду маро бибахшед,-илтиҷоомез гуфт «меҳмон». - Ман, охир, хонаю дари обод дорам, соҳиби набераҳои зиёде ҳастам, Шукр, зиндагии фарзандон тинҷ, серу пуранд. Танҳо то ин дам руҳан азоб кашидам. Акнун мехоҳам, ки бо марҳамати шумо ин доғро абадӣ бишӯяму шабҳо хоби бароҳат равам.

-Аҷаб коре,-сӯйи шавҳар нигарист зан. - Рост, ҳақ ҷояшро мегирифтааст. Хайр, ба гузашта салавот, ман ҳазорон бор бахшидам шуморо,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

хола, ҳарчанд ки зиндагиямон дар сари мӯе овезон буд.

Ва пас аз дирангу тааммул ба зан ва шавҳараш маънидорона нигаҳ дӯхт.

- Аммо вай (ӯ ба шавҳараш ишора кард) ману шуморо мебахшида бошад?

Мард аз ғояти изтиробу хиҷолат сурх шудаву ҳарфе ба забон наоварда, нигоҳашро аз ҳамсар ва зани бегона гурезонд…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

# ОШИҚИ ЧАШМОНИ СИЁҲ
## Барои дӯстам

***Ҳеҷ гумон надоштам, ки замоне дасти тасодуф шуморо аз кадом маконе ноошно меораду рӯ ба рӯи ман менишонад. Ва ман, мани хаёлию ғарқ дар олами афсонаҳои рангин, аз қавли дӯсти бофазлам, романтик, шуморо барои худ чун муҷассамаи олиҳае кашф мекунам ва саропо шайдою мафтун ва маҷзубатон мегардам.***

Ба чашмони сиёҳи пурдурахшатон дурудароз ва ба таанӣ менигараму менигарам ва якбора дар куҷо қарор доштани худро ба боди фаромӯшӣ супурда, нарму маҳин ин мисраъҳоро рӯ ба рӯятон замзама мекунам.

***Ба чашмони сиёҳат бингарам, чашмам шавад равшан,***
***Дар он ҷое ту бошӣ, олам аз одам шавад равшан.***

Шумо ҳеҷ ҳарфе дар посух ба забон намеоред, танҳо ғунчаи лабонатон мешукуфаду табассуме мавҷ мезанад дар он лабҳо. Аммо ман афсун шудаам, ки оламу одамро фаромӯш карда, ҳанӯз аз чашмони сиёҳи шарорапоши шумо риштаи нигоҳамро наканда, аз бозёфти худ, яъне шумои баландболою хушпайкар масту мадҳуш байти дигареро замзама мекунам:

***Маро меҳри сияҳчашмон зи дил берун нахоҳад шуд,***
***Қазои осмон ин асту дигаргун нахоҳад шуд.***

Ва…чӣ аҷаб, шумо табассум даври лабонатон ҳамон мавҷ зада, бо ҳайрат сӯям дида медӯзеду ҳарфе намегӯед. Маро илҳоми саршоре фаро гирифтааст, илҳоми ишқ, меҳру муҳаббат, навозиш ва… дӯстдорӣ. Ҳеҷ хомӯш буда наметавонам. Ошӯбу туғён ва шӯру шаафе ошёни



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

диламро фаро гирифта, сар ба деворҳои он мекӯбад. Садое аз ҳисори қалбам бармехезад:

– Бигӯ, бигӯ, розу рамзи ошноии ту беҳадду ҳисоб аст. Бигӯ, ки…

Ҳо, мегӯям, дигар касе маро аз раъйям боздошта наметавонад.

– Ман бо шумо ифтихор мекунам, чун шумо дар ин даргоҳи бонуфуз кору пайкор анҷом медиҳед ва аз пайи эҷодед!-мегӯям бо изтироби шадиде, ки ҷумла ҷисму ҷонамро фаро гирифтааст ва меафзоям:

– Медонед, ман шуморо дар зиндагиям барои худ кашф кардаам. Шумо кашфиёти тозаи манед, ба Худо падидаед, падида!

Аммо шумо, ки оташи шарм ба марзи рухсораҳоятон давидаву чеҳраатон арғувонӣ гардидааст, ҳанӯз банди хаёлотеду андешаманд аз ман чашм барнамедорад. Чӣ чашмони пурдурахшу нигоҳашон муъҷизаосо! Ё дар нигоҳу тасаввури мани дилбохтаи савдозада чунин менамояд?

Ё дар воқеъ, ин ҳама таҷаллие аз партави ҳусни отифаи чашмгири шумосту инак, ман кам-кам ба дарку маърифати ин зебоии асил расида истодаам? Дар ҳар сурат, ман ин латофату назокатеро, ки дар саропои шумо ба ранги садгесӣ мавҷ мезанад ва хусусан, дар меҳвари он ду чашми сиёҳи махмури пурнозатон қарор гирифтаанд, бо риштаҳои ноаёну нозуки қалбам эҳсос мекунам. Эҳсосу дарк ва маърифати ман олист! Шумои аз зебоии нодир шодобу боназофат чаро сухане ба сӯхтанҳову шиддати азобҳои ботинии ман, ки ҳар лаҳза хавфи ба таркиш расондани дили ошуфтаву зор ва пора-пора шудани онро наздик месозанд, бар забон намеоред? Чӣ хомӯшии махуфу пурсеҳр!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Аммо дар пиндори мани сармасту дил аз ихтиёр берун рафта, ин хомӯшии шумо намои дигари раъноию ҳусни чашмгиратон ба шумор меравад. Хомӯшие, ки бар зебоиятон зебоӣ афзуда! Хомӯшие, ки як ҷузъи истеъдоди ҳусну дилрабоии шумост! Хомӯшие, ки ҳазорон ҳикмат ва рамзу розе дар худ ниҳон дорад! Аммо ин хомӯшӣ аз чӣ бошад, нохоста маро ба гирдоби яъсу навмедӣ ва тарс гирифтор мекунад. Ёдам меояд аз гузаштаҳои дур, замонҳои қадим, аз ҳикмате, ки дар осори ривоятӣ ва афсонаҳо ифода гардида буд. Оне, ки чун ман ошиқи чашмони сиёҳ ва рухи шабеҳи қамар дурахшони нозанине гардида буд, ба ҳазор балову фалокат рӯ ба рӯ мешуд, ба иҷрои шартҳои сангину муҳлик, ки хавфу таҳдид бар ҷонаш доштанд, ба хотири ишқи поку мубарро розӣ мешуд, ҳарчанд дасту дил аз зиндагӣ мешуст. Аммо ишқ чӣ сармояи бузургест, ки дар қасри дили инсон нуҳуфтааст! Ишқи асил инсонро бебоку қаҳрамон, ҷасоратманду соҳибирода месозад, ҷавони ошиқ дар роҳи муҳаббат омода аст, аз ҳафт водии ишқ бигзарад, мансурвор сар ба ҳалқаи дор бикашад, чу Дедал бол баровардаю сӯйи осмон парвоз кунад ва мунтаҳо ба Офтоб, ки мақсудаш ҳамин буд, наздик шуда, болу параш сӯхтаву об шавад ва бо ҳамин матонат маргро истиқбол намояд. Ман ба чашмони сиёҳи шумо менигараму менигарам ва дар зеҳнам ин рубоии мардумӣ чарх мезанад, ки онро замзама мекунам:

***Чашмони сиёҳ ба ноз мегардонӣ,***
***Моро зи сари бурида метарсонӣ.***
***Мо гар зи сари бурида метарсидем,***
***Дар кӯчаи ошиқӣ намегардидем.***



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Боз ҳам амвоҷи ханда лабонатонро ба тасарруфи худ медарорад. Вале ба назари ман чунин менамояд, ки хандаатон тамасхур ва такмаъние дорад. Ё дар пиндорам чунин аст?

– Медонед,-ба ҳарфҳоям идома медиҳам ман. – Шумо аз ин рубоӣ ба як маънии он таваҷҷуҳ кунед.

Чаро сари бурида? Чаро тарсондан дар миён аст?

Ва чаро шумо ин маъниро пурсидан намехоҳед? Чаро, умуман, хомӯширо ихтиёр кардаед? Наход эҷодкор ба ин дараҷа орому бар лаб муҳри хамӯшӣ ҳарфе нагӯяд? Ҳеҷ намефаҳмам ин вазъро. Хуб, ин масъаларо як сӯ мегузорем, меравем думболи «сари бурида». Ҳикояти маъмулест, ки дар замонҳои қадим подшоҳе духтаре паричеҳра дар паси парда дошта, ба талабгорони ӯ чанд шарт мегузорад. Ҳар касе, ки аз уҳдаи посух гуфтан ба ин шартҳо (муаммо) баромада тавонад, духтарро ба ӯ ба ҳамсарӣ мебахшад, илло варо сарнавишти онҳое интизор аст, ки сарҳои буридаашон дар бораи қасри подшоҳ овезон мебошад. Аммо гӯяндаи рубоӣ аз ошиқони сарафрохтаи ҷонфидое будааст, ки ҷигари шеру гурдаи паланг доштааст. Моҳияти суханро дарк кардед? На, шумо бо лабханди худ ва нигоҳи дилшикори чашмони сиёҳатон маро ба кӯйи навмедӣ ва ранҷу азоби руҳӣ тела медиҳед. Ва аммо ман аз раъйям намегардам, сӯзиши ҷигари кабобу дили пурфиғони худро бо ин рубоӣ хомӯш кардан мехоҳам!

***Парвин ба сари қалъа, ки ман бандаи ту,***
***Бишкуфта гули сафед аз хандаи ту.***
***Моро мекушанд барои як хандаи ту.***
***Хуни мани бегуноҳ дар гардани ту.***



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Хомӯшед, ба Худо, ин хомӯшии тӯлониятон маро девонаю савдоӣ мекунад. Чаро ҳарфе ба тасаллои дили захминам бар лаб намеоред? Бонуи раънову хушлиқо ва зеботалъати эҷодкори ман! Чаро хандаи тавъам бо озмоишу… киноямез даври лабонатон сайр мекунад?

Хуб, ин рубоӣ низ бо рубоии дар боло овардашуда ҳамоҳангии мантиқӣ дорад. Тафовут танҳо дар он аст, ки хандаи ёр ва ба ҳалокат расидани ошиқи бегуноҳ ба мушоҳида мерасад. Рост, ҳангоме ки талабгорони духтари шоҳ ба шартҳои ӯ посух гуфта наметавонанд, бо ишораи подшоҳ духтарро ба боми қалъа мебароранд, вай чодирро як тараф мекунад ва ошиқони дилсӯхта маҳви ҳусни ҷамилаи ӯ гардида, ҳатто маргро ба боди фаромӯшӣ медиҳанд. Духтари подшоҳ бошад, чашми пурхумори худ аз ошиқони ба марг маҳкумшуда наканда, механдаду механдад. Чӣ бераҳмӣ, чӣ ношикебоӣ, чӣ ҷафокешию сангдилӣ! Ба Худо, аз ҳусну зебоӣ ва фаттонии духтари подшоҳ дилмонда мешавем. Магар ин ишқ аст?

Ишқ бар ивазу ҷабру ҷафо? Бар ивази зулму бераҳмӣ? Ё ин ҳама бофтаи хаёле беш нест?

Вале дигар ба воқеият бармегардам. Ба шумо, ки отифаи рӯзгор ва беҳин аз соҳибҷамолони дар зиндагӣ вохӯрдаам ҳастед, бо аламу ҳасрат менигарам.

– Дигар ихтиёр аз кафам берун рафт, – мегӯям ошкоро, чизеро пинҳон накарда. – Ман ошиқам, ошиқи чашмони сиёҳи шумо. Ишқи маро, бо вуҷуди аз шумо калонтар буданам, қабул фармоед, бонуи азиз!

– Шумо кай таваллуд шудаед?-ба нохост кунҷковона мепурсед шумо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

– Ман…ман… соли 1966, – канда-канда мегӯям дар посух.

– Донишгоҳро кай хатм кардаед?

– Соли 1986.

– Аҷиб, ман соли 1986, вақте ки шумо донишгоҳро хатм кардаед, ба дунё омадаам.

Нафас дар гулӯям гиреҳ мезанад, баданам худ аз худ метафсад, дар интизории пурсиши дигари бону хаёлманд дар ҷоям карахт мешавам. Аз шумо хоҳиш доштам, ки бихезеду ба назди ман оед, – хитоб кард бону ва бо рамзу муаммое, ки танҳо ба худаш маълум буд, сӯям нигарист:

– Илтимос, назди мизи ман оед!

Ман, ки то ин дам беист ҳарф зада, посухе намешунидам, бо азобе тамоми неруямро тамаркуз намуда, бархостам зи ҷо ва чанд қадам ниҳода, ба мизи бону наздик шудам.

– Сӯхтанҳои шуморо дарк кардам, - ба сурати қоби хурди шишагӣ ишора намуд бону ва чашмони сиёҳаш дубора пурдурахш гардиданд.

– Дидед, ин ду тифли маро. Яке писару дигаре духтар. Ана, ману шавҳарам, зиндагии саодатмандонае дорем. Шумо бошед… аз достони ошиқони ноком ривоят мекунед. – Охир, зиндагии пуршаҳду нишоти хонаводагӣ ҳам ишқ аст. Ҳамин тавр не?! Ман шабеҳи он ки гӯё хоросанги вазнинеро рӯзи дароз бо азобҳои сангин ҷон коҳондаю араќи ҷабин резонда, ниҳоят ба қуллаи кӯҳ бароварда бошаму аз беэҳтиётӣ баногаҳ он хоросанг дубора аз теғаи кӯҳ ба поён ғелида рафта бошад, пакару парешон аз мизи бону дур шудан гирифтам ва якбора ба назарам чунин расид, ки оинаи руъёии ишқи покам ба санги воқеият бархӯрда, пора-пора гардид…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

# ДУХТАРАК, БЕНАВОӢ ВА ФАРИШТАҲОИ ЗАРРИНБОЛ

**(Ба ёди наврасони солҳои ҷанги дохилӣ)**

Духтарак либоси гарму нарму ғафси зимистонӣ чӣ ки, ҳатто попӯши бадоште надошт. Зимистон буду барф ба шиддат меборид. Сардӣ, ба қавле, аз мағзи устухон мегузашт. Имрӯз соли навро ҷашн мегирифтанд. Аз субҳ, ба сардию рутубат нигоҳ накарда, бачагону духтарон аз думболи омӯзгорон ҷониби дабистон мешитобиданд. Мактабиён гӯё дар олами дур аз ҷангу кашмакашҳо, олами хосаи ваҷду нишот, хуррамию тарабу руҳафзо танҳо рӯзаке меҳмон шуда бошанд, шодону чеҳраҳо ғарқи табассум ба дабистон расидаву атрофи арча ҷамъ гардидаву тантанаю базми идонаро интизорӣ мекашиданд. Духтарак аммо берун мебаромаду дарун. Палто надорад, ҷемпер надорад, бадтар аз ҳама, пойафзоли гарми пашмин надорад. Бенавоӣ, нодорӣ! Бародаронаш либосҳои куҳнаю рангбохтаашонро чаппа-роста пӯшида, кайҳо дар мактаб, гирди арча парвои оламу одам накарда, «тор метананд». Вай бошад… беқарору осема ҷӯроб мекобад, ҷӯробҳояш даридаву ҷиғда-ҷиғда, ягона пойафзолаш – мӯзачаи резинии (як навъ резини сахту дуруште буд, шабеҳи чӯб), низ тагаш танга-танга сӯрох шудаасту об медарояд ба он. Модараш ончунон дар олами ташвишу азобҳои худ ғарқидааст, ки аз такудаву худхӯриҳои духтарчааш бехабар аст. Садои имдодхоҳонаи духтарча якбора ӯро ба худ меорад, ки ҷӯроб мехоҳаду попӯшу палто. Аммо зан, ки нигоҳи чашмонаш лабрези навмедию бечорагист, ин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

ҳамаро барои духтарчааш аз куҷо ёбад? Дасти дароз надорад, ки… зуд маблағ ёбаду ба фурӯшгоҳи деҳ шитобад ва мӯзаи наву палтои наву ҷӯробҳои нав харида орад. Оне, ки ваъдаи пайдо кардани пулро додааст, ба ҷустуҷӯйи ризқу рӯзӣ дури дур, ба он канори дунё рафтааст.

Духтарча лиҷоми сабру таҳаммул аз даст дода, гиристан оғозид ва ҳиқ-ҳиқкунон шикваю шикоят кард, ки ба мактаб, ба тамошои арчаю Бобои барфӣ ва саҳнаҳои идонаи афсонавӣ меравад. Ҷодугару муъҷизакоронро мебинад, ҳайвонҳои булаҷаб, заргӯшу харгӯшу гургу рӯбоҳро мебинад. Аз ҳама муҳим, фариштаҳои осмониро мебинад, ки бо болҳои заррину симин, ханда дар лабонашон мавҷ зада, оҳиста-оҳиста аз он боло ба поён мефароянд. Эҳ, кош, падараш ин ҷо мебуд, ҳатман ҷӯробу попӯшу палто мехаридаш, кулоҳи ғафси мӯина сару гӯшашро гарм мекард. Аммо, таъкид мекунад модар, вай ба он канори дунё рафтааст. Модар оҳу воҳкунон хонаи дарун даромад, он ҷо хеле ҷумбуҷӯлу кофтуков кард ва рӯймоли барқади васеи пашмини хокистарранге дар даст ба айвон баргашт.

– Ҷӯробҳои даридаро ба поят накаш, – ғур-ғур кард ба духтарча ва бо рӯймоли пашмини ҷо-ҷо куяхӯрда сару гардану пеши бари духтарчаро пӯшонид. Порае матои кухнаро (шояд аз кадом куртаи кухна буд) аз ҳам дарида, шабеҳи пайтоба пойҳои духтаракро печонид. Рӯйи дастархон нони ҷувории хушку обаш гурехта ва чойники чой меистод. Духтарак аммо аз ғояти шавқу шӯру шааф ва изтиробе, ки ниҳодашро фаро гирифта буд, чойю нон нахӯрда, ҳанӯз беқарору шитобзада буд. Модар гуфт, мӯзачаҳоят сӯроханд, аз ин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

хотир, як пора селофанро гирифту дар даруни мӯза ҷо кард, то об аз сӯрох надарояд. Духтарак пойҳои пайтобапечашро ба мӯза даровард ва давида аз дар баромаду сӯйи дабистон тохт. Нафасгиру арақшор ба дабистон расиду аз пушти бачагону духтарон, ки атрофи арча давра гирифта буданд, истода ба арчаву шилшилаҳои симину заррини фарқи он ва бозичаҳои гунагунаи саққомонан-ди дурахшону суроби ҳайвончаҳое, чун рӯбоҳу гургу сагу харгӯшу аз ин табор, ки дар шохаҳои бурси сабз овезон буданд, бо лаззату ҳавасе бепоён нигарист. Бобои барфӣ ҳамроҳи набераащ халтаи алвонии бузурге дар пушт ва асое сафедранг дар даст таври арча ба таври афсонавӣ қадам мезаданд. Набераащ Барфак кулоҳи нӯгаш тези сурхранге ба сар дошту бинияш дарози дароз буд. Духтарак мафтуну шайдои ин манзара, баногоҳ ҳис кард, ки пойҳояш тар шуданду месӯзанд. Қафаси синааш низ сим-сим ба дард меояд. Шамоли барфолуд панҷа бар рӯймоли шоли модараш, ки даври сару гарданашро печонидааст, мезанад ва сардӣ аз қабати рӯймол гузашта, ба гӯшу гарданаш алмосвор мехалад. Ингуна вай эҳсоси гуруснагӣ кард ва заъфу беҳузурие зарфи меъдаашро пур сохт. Бо ин ҳама, по бар замини пурбарф кӯфта, панҷаҳои сармохӯрдаашро пеши даҳон наздик оварда, бо нафас гарм кардан мехост. Вале пойҳояш… сахттар ба сӯзиш даромада, сардӣ ба хунаш меомехт, сӯзиши тавонкоҳ иртифоъ гирифта, ба мағзаш мерасид. Духтарак ҳеҷ аз тамошои афсуномези арчаву Бобои барфию Барфаку туҳфаҳои ба бачагону духтаракон тақдимнамудаи бобо сер намешуд. Аммо теғи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

сармо аз ҷавшани ҷонаш гузашта, ошуфтаву оҷизу нотавонаш кард. Оҳиста-оҳиста аз давра берун шуда, дилкашолу ночор раҳ сӯйи хона гирифт. Афтону хезон оқибат ба хонаашон расид. Модараш набуд дар хона. Садо кард модарро, посухе наомад. Назди бухорӣ нишасту дасту пойҳои сармохӯрдаашро гарм кардан хост. Пайтобаҳо тар шуда, ангуштони пойҳо аз таъсири сармо кабуд гардида буданд. Лаҳзаҳое бад-ин минвол гузаштанду духтарак бархосту ҳамон ҷуробҳои даридаашро ба по кашид ва мӯзаҳояшро як сӯ монду ба калушҳои куҳнаи калони модар нигарист. Фикр карду фикр кард ва калушҳои модарро ба по кашид, ки тақрибан як ваҷаб аз пойҳояш дарозтар буд. Шавқу нишот ва кайфияти тамошои анҷумани мактабиёну арчаву Бобои барфию Барфак он гуна неруе дошт, ки духтаракро ёди калуши куҳнаи калону дарози модар ва ҷӯробҳои даридаю ҷиғда-ҷиғдааш аз сар рафт.

Вай дубора ба дабистон расида, ба давра чашм дӯхт. Ҳолиё ҷодугаре бо қомати баланду дастони фаҳул айнаки коғазии ранга дар чашм, ҳар гуна «нағмаву муъҷиза» нишон медод, ки якеш ангуштон ба даҳон бурдану аз ковокии гулу кашидани силсилаварақҳои беохири сурху сабзи норинҷию зард буд. Дигар, мехе дарозро ба даҳон гузошта, бо дастон чӣ ҳаракоте анҷом дод ва ғояте пас аз сӯрохи бинияш он мехро бо эҳтиёту орому оҳиста-оҳиста кашида баровард. Бад-ин шеваю наҳва, шаҳкосаҳои гулдори пуробро ба даст гирифта, обашонро ба замин рехт, пасон он косаҳоро рӯйи панҷаҳояш вожгуна нигоҳ дошт. Аҷобат дар он буд, ки косаҳо гӯё оҳанрабо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

ҷазбашон карда бошад, ки аз панҷаҳои соҳир намеафтиданд. Аҷаб, аҷаб. Ин воқеият аст ё фиреби чашм? Кӣ медонад? Аммо шигифтовар он буд, ки лаҳзае баъд ҷодугар косаҳоро рӯ ба боло дар панҷаҳояш нигоҳ дошт, ки ҳамагӣ пуроб буданд. Духтарак ин манзараи афсонавиро медиду бовараш меомад, ки одамон неруюи қудрати муъҷизавӣ доштаанд.

«Кош, – аз дил гузаронид духтарак, – ин соҳир муъҷизае нишон медоду барои ман мӯзаи наву палтои нав ва кулоҳи гармакаки пашмин муҳайё мекард». Ҳа, аз ёдаш баровардааст, боз чанд ҷуфт ҷӯроби рах-рахи кабуду зарду сурхи зимистона. Ва духтарак пеши худ тасмим гирифт, ки баъд аз поён ёфтани ҷашни соли нав назди соҳир меравад ва илтимос мекунад, ки…

Оҳ, боз пойҳояш бо шиддат ба сӯзиш даромаду қафаси синааш сих зад. Тундбоди сарднафас бари рухсораҳояшро сӯзонда аз рӯймоли шоли сару гарданаш гузашта, чу сӯзан ба баданаш мехалад. Вай ҳис кард, ки осмони пурбарфу бинои дабистону замину арчаву бобои барфию барфаку омӯзгорону хонандагон ба тарзи аҷиби руъёӣ ба чархиш даромаданду ӯ низ давр мезанаду замину осмонро вожгуна мебинад. Пеши дидагонаш камонҳои ранга ба пайдо меоянд, баъд олам тираю сиёҳ мешавад. Баданаш тафсидаву боди сарде дар марзҳои мағзаш ба сайр медарояд. Баногаҳ вай мебинад, ки аз осмон фариштаҳои зарринбол парвозкунон поён мефароянд. Нафаре аз онҳо ба ӯ наздик мешаваду мӯзаҳои нав-нави кабудрангро, ки дарунаш пашми сафеди ғафсе мавҷуд аст, дарозаш мекунад. Дувумӣ палтои сабзи тугмаҳояш зарҳалиро, ки гиребонаш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

пашмин аст, ба тани ӯ мепӯшонад. Савумӣ кулоҳи мӯинаи сафедро ба сараш мегузорад. Чорумӣ чанд ҷуфт ҷуроби рах-рахи сурху сабзу зардро ба пойҳояш мекашанд.

– Бихез, – мегӯянд нарму мулоим ба ӯ. – Бихезу рақсу бозӣ кун. Ана, соҳиби либосу пойафзоли нав шудӣ. Ҳо, ҳо, бихез, бихез!

Аммо вай чашм намекушояд. Барф ба рӯйи мӯю мижгонҳояш тӯри сафед мекашад. Аз кадом гӯшае, шояд аз олами руъё садои модараш дар гӯшаш мерасад:

– Падарат дури дур рафтааст, аз ин канори дунё ба он канори дунё…

…-Эҳей мардум, духтаракро аз замин бардоред.

– Гурусна будааст, ки сараш чарх задаву афтодааст.

– Ҳо, ҳо, ҳам гуруснагӣ, ҳам болои сӯхта намакоб, сардию намӣ…

– Бечора, калӯшҳои пояша бин. Эҳ, нодорӣ вазнин аст…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

# БЕГОНА

Воқеаҳое, ки дар ин ҳикоя нақл мешаванд, солҳои 70-уми асри пор рух додаанд. Аз он айём солҳои бешуморе сипарӣ шудаву обҳои зиёде аз сар гузашта. Аммо он чӣ ки дар чамани ёдҳо боқӣ мондаву хотирароро ангезиш медиҳад, дили бузурги занест, ки оқибат бо як сухани сард шикаста шудаву ӯро аз зиндагӣ ва одамон ба гӯшаи инзиво кашида буд.

***

-Мегӯм, бачам, хонаи Бобоҷони милиса биравам. Аз магазин қадре қанду қанфит, пичину шириниҳои дигар мехаридӣ, бо кулчаҳои гарму нарми пухтагии занат мегирифтаму мерафтам, -ба писараш, ки лаби сӯфа нишаста досро қайроқ мекашид, муроҷиат кард зан, ки Гулбаҳор ном дошта, тақрибан 50-55 –сола буда, куртаи чити сафед ба бар кардаву рӯймоли калони сабзгун ба сар баста буд. Ҷавонмард ҳамчунон сар набардошта, досро ба чашмонаш наздик оварда, ба дами он даст бурда, тез буданашро санҷида, гӯё амали муҳиму бузургеро анҷом медода бошад, хаёлманд домани куртаашро афшонд.

Ва ангор суханони модарашро нашунида бошад, аз ҷойи нишастааш бархост ва ба саҳни ҳавлию ҳота нигаҳи тӯлонӣ афканд. Дар замини ҳота юнучқаю ҷуворӣ бо ранги сабзи худ дар радифи дигар зироатҳои полезӣ-помидору бодиринг, боимҷону қаланфури булғорӣ, лубиёву мош тобиши зебое доштанд. Зироатҳои парваришу нигоҳубинёфта дар муҳити худ ҷаззоб менамуданд ва ба чашм нур мебахшиданд.

-Ҷон, бачаи оча, - ин дафъа суханони модар оҳанги навозишомез доштанд.-Мегӯм, хонаи Бобоҷони милиса мерам, аз магазин…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Шуд, шуд, фаҳмидам,-ба байни ҳарфҳои модар даромад ҷавонмард, ки 30-35-сола менамуду миёнақади абругирифта ва нигоҳаш бефарқу саҳл ғазабнок буд.

Ва бедимоғ даст афшонд:

-Ман намефаҳама, оча. Куҷо меравӣ, пеши кӣ, барои чӣ? Чор –панҷ сари сол рафтию омадӣ, рафтию омадӣ. Дар хонаи Бобоҷони милиса ягон кас, ақаллан кампири модараш миннатдор шуданд аз ташрифу хабаргирият? Аз Бобоҷону занаш-ку ҳеҷ бӯйи одамгарӣ намеояд. Барои ҳамин, мегӯм, ки…

-Бачам, дили очата озор натеву нашикан. Ин дафъа зан бо умедвории зиёд рост ба чашмони вай нигарист:

-Ман на парвои Бобоҷон дораму на аз занаш. Фақат ба хотири Сайрами ғурамарг… боз бачаҳои Бобоҷон….

Чеҳраи занро андуҳу ҳасрате фаро гирифта, об дар чашмонаш ба пайдо омада, лаҳзае хомӯш монд.

Оромие ҳукмфармо гардид. Чӣ оромие! Аз ин вазъи зан ту гӯйӣ замину осмон ғарқ дар дарёи ҳасрат ва дарахтону мурғони сари шохаҳо мунчар ба як сукути тӯлонӣ гардида, ҳатто шамол аз вазидан бозмонд.

Ҳолати руҳонии зан, воқеан, моҳияте амиқ дошт, ки дар тафсири он осмону замин, дарахтону мурғони шохаҳо ва насими сабуксайр гунгу лол ва оҷиз монда буданд. Чӣ ҳикмате нуҳуфта буд дар чашмони пуробу ғамзадаи зан? Чӣ тӯфону тарокум ва шӯру валвалаи ноаён мегузашт аз дили ӯ? Кӣ медонад?

Ҷавонмард досро ба шохаи шоҳтути боазамат, ки баргҳои паҳн-паҳнаш доғҳои сиёҳтоби меваҳои замоне рехтаву чидашударо доштанд, овехт ва



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

каф ба каф зада, вазъашро тағйир надода ба модар рӯ овард:

-Гӯш кун, оча, бачаҳои Бобоҷона мегӯйӣ? Сайрами духтарат ҳо дар мазор хоб аст. Аз вай тифле ҳам нишона намондааст.

-Ҳамин тавр?

-Ҳо, ҳо, бачам, -тасдиқ кард суханони писарро модар.

-Пас ин ҳол хандаовар аст ба Худо. Ба хотири бачаҳои Бобоҷон,ки ба мо тамоман дахл надоранд, ба хонаи вай равию биёӣ, равию биёӣ. Охир, худат як фикр кун. Бобоҷону ҳамсар ва кӯдакони вай ба мо чӣ мешаванд? Бегонаанд, бегонаи бегона. Барои ҳамин…

-Ту, бачам, дили маро чӣ медонӣ? Сайрам ҳиҷ аз хотирам намебарояд. На шаб қарор дорам, на рӯз. Сӯзиши дилу ҷигарма як Худо худаш медонаду бас.

-Оча, кам не-ғам не, аз мурдани Сайрам панҷ сол гузашта истодааст. Бо хонаи Бобоҷон рафтан дарду аламат сабуку сӯзиши дилат паст мешавад? Замоне Бобоҷон домодат буд. Акнун вай на парвои ту дораду на аз Сайрам.

-Рост мегӣ, бачам,-ба писар ҳамраъй буданашро изҳор кард зан. Онҳо бегонаанд, лекин ман ба хотири Сайрам мераваму хабаршон мегирам. Дарду аламам сабуку сӯзиши дилу ҷигарам паст мешавад.

- Рост мегӣ, рост мегӣ! Хайр, чӣ кор кунам? Ҳамин хел дил дорам ман. Гапма гӯш кун, ба рӯйи очат надав!

Ҷавонмард ҳамон хафаманд, аз ин хоҳиши модар ноилоҷ монда, сӯйи дарвоза раҳсипор шуд:

-Хайр, ман рафта майда-чуйдаи гуфтагиатро харида мебиёрам, лекин…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ва боз ба чеҳраи модар дида дӯхт. Рамзе дошт нигоҳаш.

-Лекин, оча, гунаҳкор ҳам шавам, дигар намегузорам ба он ҷо равӣ. Аввалину охирин бор…

Ва зан лаҳзаҳое пас аз ин нону кулчаҳои гарм, қанду мағзу мавиз ва меваҳои шаҳдборро дар дастархоне печонида, болои сар гузошта, оҳиста-оҳиста қадам зада, ҷониби хонаи Бобоҷон раҳсипор мегардад. Ҳамаашро дар ёд дорад ва он рӯзгорон чу хотираи талхе дар хонаи дилаш ҷо бигрифтаю аз навори хаёлаш дур намешавад. Ҳамааш шуда, нуҳ моҳу нуҳ рӯз Сайрами ҷигарбандаш бо Бобоҷон ҳаёт ба сар бурду халос. Аслан, ҳеҷ дар гӯшаи хотири касе аз ҳамдеҳагон намеомад, ки зан духтари шаҳдонаи шабеҳи гули навруста раънову пуртароваташро бароварда, ба Бобоҷон, ки аллакай аз як зан ҷудо шудаву бераҳму сангдил ва ғазабноку фурӯмоя буданаш дар байни ҳамдеҳагон маълуму машҳур буд, ба занӣ медиҳад. Вой бар ӯ, вой бар сари сахташ! Аз сарнавишт ҷойи гурез набудааст. Модари Бобоҷон чанд дафъа ба хонаи зан омада, ба ӯву духтараш аз қавле, «бандаву садқа» шуд, аз зиндагии нобудаву нопайдои шаҳду шакарини Сайраму Бобоҷон, ки бояд минбаъд сурат мегирифт, бо ҳарорат ва чунон бо шавқу шӯр нақл кард, ки зан нохудогоҳ маҷзубу шайдои Бобоҷони қадбаланди фарохшона гардид. Аммо ҳамон вақт ҳам писараш, ки навакак барои хариди қанду ширинӣ ба мағоза шитобид, ба ин савдо зид баромад.

-Оча,-эътироз кард вай, ҳама медонанд, ки Бобоҷони милиса бисёр бераҳм аст. Зани аввалааш чаро аз ӯ ҷудо шуду сарашро гирифта, додгӯён баромада рафт? Дар муносибат бо он



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

бечора дағал, суханонаш бӯгину чу тири алмос аз ҷавшани ҷони зан мегузаштанд. Баъд ин ки, вай занро ҳамчун мол меҳисобад. Суханони бамаънию ширин ба забонаш меҳмон намешавад. Аз ҳама баду ногувор он аст, ки занашро бо сангдилии аз тасаввур берун мезадаасту лату кӯб мекардааст. Ҳамсояҳояш борҳо ҷавонзани шӯрбахтро аз чанголи он махлуқ бо азобҳои алим халос кардаанд, вагарна ӯро мекуштааст. Акнун бигӯ: дидаву дониста Сайрами моҳпайкари нозанинро ба коми оташ ҳаво медиҳӣ? Эҳ , агар падарам зинда мебуд…

-Чӣ донам?-ҳайрон монд дар илоҷи ин доду ситад модар. –Ку, бубинем, аз Худои олам чӣ мерасад?

Аммо… модари Бобоҷону бародарбузургаш ва деҳдор по аз дари зан накандаву даст аз ин ин савдо нашустанд. Омаданду омаданд ва ба эътирозу норизоиятии зан нигоҳ накарда, лаб ба носеҳию ширинзабонӣ кушоданд. Овоза ва ҳангомаи мардумро дар ҳаққи Бобоҷон ва бадрафтории ӯ ҳарзаву сафсатта ва ҷуз ҳасудию бахилӣ беш надонистанд ва он ҳамаро бебунёду дур аз ақлу пиндор ҳисобиданд.

-Ҷавонмарди заҳматкашу ғаюр аст, Бобоҷон,-ба тавсифи ӯ гузашт деҳдор ва афзуд:

-Ба хотири зиндагии бонишоташ на шаб хоб асту на рӯз. Ин ки ӯро бераҳму ҷоҳил мегӯянд, аз нотавонбинист.

- Э бача, мард бояд сиёсат дошта бошад, ҳукмашро ба зан маъно гузаронда тавонад. Дар акси ҳол, вай латта аст, латта.

-Ҳо, рост мегӯяд амак,-суханони деҳдорро тақвият дод бародарбузурги Бобоҷон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

-Ҳамаи ин гапҳо туҳмат аст дар ҳаққи бародари ман. Ин мардум доим пойи як кас не, як касро хойида меистанд.

-Охир, гуфтаанд-ку, паси подшоҳ сад гап.

-Розӣ шав, бачам,-аз чеҳраи зан чашм наканда, мавридро созгор дида, гуфт модари Бобоҷон.-Мо, хоҳӣ-нахоҳӣ, Сайрамро ба фарзандӣ қабул мекунем. Худо хоҳад, ҳамааш хуб мешавад, зиндагияшон бо хурсандӣ мегузарад.

Ва оқибат зан ба тақдир тан доду розӣ шуд ва тӯй барпо гардиду Сайрамро Бобоҷон ба ҳамсарӣ баргузид. Зиндагияшон ба таври муқаррарӣ идома меёфт. Ҳар гоҳ ки зан ба хабаргирии духтараш мерафт, ӯро банди кору ташвишҳои зиндагӣ дучор меомад.

Аз рӯдхона об меовард, ҳавлӣ мерӯфт, гов медӯшид, хӯрокҳои гуна-гунаи болаззат мепухт. Вақти фориғ аз ин болою поён давиданҳо, ба дӯхтани ҷӯробу жемперҳои пашмин машғул мешуд. Модари Бобоҷон ҳамвора дар ҳузури зан ба таърифу ситоиши Сайрам мепардохт:

-Духтари ҳунарманд калон карда ба воя расондӣ. Ягон лаҳза қарор надорад. Ҳай чусту чолоку чаққон аст.

Ва даст ба дуо мебардошт:

-Худо аз ин зиёдааш кунад. Асло дарду доға набинад.

Модар дар танҳоӣ аз духтараш пурсон мешуд, ки шавҳараш азобаш намедиҳад?

-Ба сарат мушт бардошта, лату кӯбат намекунад?- ташвишомез кунҷковӣ мекард вай. Мабодо…

-Не, ҳеҷ сухани носазое намегӯяд,- посух медод Сайрам ва лаб мегазид:

-Танҳо…

-Чӣ «танҳо?» -ошуфта мешуд модар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

-Танҳо раҳм надорад. Ҳар шаб…
-Мезанад, ҳақоратат мекунад?
-Ҳар шаб талаби ҳамхобагӣ мекунад. То саҳар азобам медиҳад. Барзагов барин…
Аз ин аламу ҳасрати Сайрам модар рӯяшро ҷониби дигар мегардонд ва ашк дар чашмонаш мавҷ зада, бо алам оҳ мекашид…
Аммо… ба рӯзҳои неку хушбахтӣ нарасиду аз зиндагияш ком ширин накард духтари бетолеъаш. Вақти зодан тифл беҷон ба дунё омаду модар вопас чашм кушода ба ҳуш наомад. Дар илоҷи зинда монданаш табибон тамоми тадбирро анҷом доданд, аммо хости Худо, Сайрам барои абад чашм аз олами ҳастӣ пӯшиду рӯ ба ниқоби хок кашид.
Гулбаҳор дар назди имтиҳони сарнавишт оҷизу нотавону сарафканда, дилу ҷигараш ғарқоби хун, ба даргоҳи Худо менолиду менолид.
«Эҳ Худои беайб, ин чӣ рӯзи сахте буд, ки ба сари духтарам омад? Ҷони худашро – ку гирифтӣ, ақалан тифлашро зинда намондӣ? Охир, чӣ гуноҳе нобахшиданӣ аз аҳли хонадонаш гузашта буд? Ё ҷурм аз худаш буд? Ё аз ман?»
Не, дарду ғам ва сӯзиши қалби зан бо гузашти рӯзу ҳафтаву моҳҳо паст намешуд. Баръакс, ҳар гоҳ ки ба хонаи Бобоҷони милиса меомад, аламаш шиддат мегирифт, хаёлан Сайрами якдонаашро банди коре медид. Ҳавлиро чашмандоз мекард, аз дил мегузаронд, ки дар рӯйи ҳамин хонаву ҳавлӣ қадам мезад замоне духтараш. Дар як чашм задан бо мурдаҳои садсола баробар шуд.
«Эҳ, фаришта буд, фаришта».
Маъракаи чилу солро гузаронданд, вале…
Вале зан ҳеҷ чеҳраи Сайрамро аз ёд баровarда наметавонист.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ҳарчанд зӯр мезаду худро бовар мекунонд, ки дигар Сайрам дар рӯйи замин нест, ин ҳолатро тасаввур карда наметавонист. Дар хона қадам мезаду мегирист, менишасту мегирист, бармехосту мегирист. Чашмонаш аз таъсири гиряи бисёр варамидаву сурх шуда, чеҳраашро ожангҳо пахш мекарданд.

-Куҷо рафтану чӣ кор кардан ва чӣ хӯрданамро аз ёд баровардаам,-мегуфт ашкрезон.-Охир, ман лоиқи мурдан доштам. Наход гул вори духтари маро Худованд аз ман бигираду бибарад? Тифлашро ҳам гирифту бурд, гӯё ҳуши модараш кашоли вай бошад.

Ба хости тақдир ва қазову қадар тан дода натавонист. Духтараш пайваста пеши назараш буду шабеҳи ҷунунзадагон бо худ гуфтугӯ мекард. Ва аз чӣ бошад, зуд-зуд дастархони қанду ширaворӣ, нону кулча ва меваҳои рангорангро бардошта, мерафт ба хонаи домодаш. Ибтидо ба ин рафтори зан писару келинаш эътибор намедоданд. Ва аммо рафта –рафта ба хонаи Бобоҷони милиса роҳ пеш гирифтани модар ба одати маъмулии ӯ табдил ёфту писарашу келинашро ба ташвишу изтироб мувоҷеҳ сохт.

-Оча, - боре ба насиҳати модар оғозид писар, ин хел тез-тез ба хонае, ки ба ту ҳеҷ пайвандӣ надорад, рафтанат чӣ маънӣ дорад? Аллакай гапу овозаи мардум паҳн шудааст. Ақлашро хӯрдааст, мегӯянд.

Ва писар лаҳзае ғарқ дар баҳри хаёл ба оҳанги нарму мулоим таъкид мекард:

-Оча, дигар ба хонаи Бобоҷон рафтанро бас кун. Лозим нест. Вай охир, ба мо бегонаи бегона аст.

Вале… Бобоҷон аз ҳамсари наваш бо гузашти ду-се сол соҳиби се тифл гардиду зан бадтар дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

оташи ҳасрати ҷигарсӯз ва тавонкоҳи ёдҳои талхи Сайраму тифлаш сӯхтаву обу адо шуда, хобу хӯрро фаромӯш карда, ба хонаи Бобоҷон рафтанашро идома медод. Ҳамакнун бар замми қанду шираворӣ ва меваю нону кулчаҳои ширмол, куртачаю эзорчаҳои кӯдаконаи наву оҳариро дар бастае печонда мебурд бо худ.

-Ҳеҷ ҷойи ташвиши надорад, -мегуфт вай, кӯдакони Бобоҷон ба ҷойи набераҳоманд.

Ва аҳли хонадони Бобоҷон низ ба ин ҳол одат карданд. Модари Бобоҷон соатҳои тӯлонӣ бо ӯ суҳбат мекарду тасаллояш медод, ки шукри додаҳои Худовандро ба ҷо орад.

-Писарат коргари калон, келину набераҳоят дар гирдат парвона, -кӯрпаро лаганда карда мегуфт пиразан.

-Бо ин сӯхтанҳову обу адо шудан духтарат Сайрам зинда шуда, аз қабристон хеста наздат намеояд. Худатро ба даст гир, набошад, аз по меафтӣ. Эҳа, аз ман шаш фарзанд дар таҳи хок хоб аст. Ҳамин Бобоҷону Икром зинда монданд. Шукр, ҳазор марта шукр, ки соҳиби хонаву дари ободанд. Сайрам ҷавонмарг шуд, насибу тақдир будааст.

Модари Бобоҷон, кампири Зиёда дӯзандаи ҳунарманде буду дар ҳама тӯйҳои ҳамдеҳагон кӯрпаву кӯрпача медӯхт. Суҳбатҳояшон бо модари Сайрам ширину рангин буду Гулбаҳор дар ин лаҳза ғаму дардашро фаромӯш мекард. Аммо аз хабар гирифтанҳои модари Сайрам ҳамсари нави Бобоҷон, аз чӣ бошад, чандон хушҳол набуду ӯро дидан замон зуд кунҷое ғайб мезад, рӯзи дароз аз худ дарак намедод. Агар хӯроке пухтаву анвои нозу неъматро рӯйи дастархон ҳам мегузошт, назди хушдоманашу модари Сайрам наменишаст. Ин ҳол аз чашми



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

модари Сайрам дур намонду авзои ӯро модари Бобоҷон пайхас кард.

-Келинам бо кӯдакош овораҳай рӯзи дароз, -мефаҳмонд вай. Лекин табиатан камгапай. Агар гап напурсӣ, ягон ҳарф бар забонаш меҳмон намешава. Ҳамин хел хислату хӯ дорад. Гулбаҳори ҷон, ба ин рафторҳои вай эътибор нате.

Аммо Гулбаҳор ба тадриҷ ҳис кард, ки ҳамсари Бобоҷон бо омаданҳои ӯ қавоқ андохта, чеҳрааш дар тасарруфи ғазабу норизоӣ ҳудаву беҳуда ғур-ғур мекарду кӯдаконашро мезад ва овози гиряву фиғони онҳо ҳавлиро фаро мегирифт. Гулбаҳор ин ҳолро нодида меангошт ва кӯдакони Бобоҷонро паҳлӯяш шинонда, ба онҳо қанду ширинӣ, пуфаку бозичаҳои рангоранг дода, сарашонро бо меҳр сила ва навозиш мекард. Ҳамсари Бобоҷон баногоҳ абругирифтаву ранҷидахотир ба хона медаромаду аз дасти кӯдаконаш гирифта, онҳоро ҷабран бо худ ба хонаи дигар кашола карда мебурд. Дилаш дард кашида, Гулбаҳор ҳарфе бар забон намеовард. Модари Бобоҷон лаб мегазиду сар меҷунбонд. Мазмун, азобамро худам медонаму Худои тори асар. Тоб меораму тоқат мекунам.

Ана имрӯз ҳам Гулбаҳор ба суханони писараш эътибор надода, ба хонаи Бобоҷон омад. Се рӯз пеш хатнасури писаронашро барпо карда буд Бобоҷон. Гулбаҳор мехост, онҳоро хабар гирад, навозишашон кунад. Чӣ хел ки дилаш ҳаминро мехост.

Ҳангоме ки вай аз дари Бобоҷон ворид гардид, аз духтарчаи Бобоҷон пурсид, ки додараконаш дар кадом хонаанд? Дастархонро ба кампири Зиёда супурда, ҳолу аҳвол пурсид ва баъд:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

-Ман ҳозир, бачаҳои Бобоҷона бинам, - гӯён аз думболи духтарчаи вай ба хонаи шафат гузашт.

Писаракони Бобоҷон паҳлуи ҳам, зери кӯрпа орамидаву дар дасташон пулҳои коғазӣ хушҳолӣ мекарданд.

Гулбаҳор назди онҳо нишасту хандаи софу беғубор дар лаб, пуфакҳои рангаю бозичаҳоро дарозашон кард.

-Ҳо, бачаҳои хушрӯйи бибӣ, чӣ ҳол дорен? Зиқ нашуден? Шуморо ёд карда, аз худи поёни қишлоқ хеста омадам.

Ва нохосту ногаҳонӣ буғзеву аламе дар гулуяш печид, ёдаш аз Сайрам омад, сар ба зер афканду ашки дидагонашро бо лаби доманаш пок кард. Дар ҳамин лаҳза шарфаи пое ба гӯш расид. Дар бошаст кушода шуда, дар остона ҳамсари Бобоҷон бо ранги рӯйи парида, гӯё воқеаи гӯшношуниде рух додаву офату балое ба сараш омада бошад, ба Гулбаҳор наздик шуд.

-Ман кӯр будам, ки туро надидам. Чува ба ин хона даромадӣ? - арбада бардошт вай.

-Медонӣ, ки ба ин хона, болои сари кӯдакони ман даромаданат мумкин нест? Ва ба Гулбаҳор инони сухан гуфтан надода, оташ гирифт.

-Чӣ мақсад дорӣ? Аз ману тифлонам чӣ мехоҳӣ? Рӯз медиҳӣ ё не? Эҳ, ягон балора ба сари мо овардании ту.

Зан, чашмонаш мамлу аз ғазаби ошкоро, рӯяш алвонӣ гардида, дод мезад ҳамон. Вай хам шуда, кӯрпаро ба рӯйи кӯдаконаш боло кашид ва ба Гулбаҳор теғи нигоҳ афканд:

-Хез, чӣ шиштаӣ, модари ғамо? Баро, рав!

- Мон, зиндагӣ кунем. Чӣ, духтарта мо куштем? Мехоҳӣ, ки ману Бобоҷону кӯдаконам бадбахт шавем? Нияти наҳсу бадат ба сари худат ояд. Дигар ба ин хона наё!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net мурочиат кунед

Як он пеши чашмонаш сиёҳӣ зада, Гулбаҳор, гӯё ки дар дунёи дигаре афтодаву ин ҳама рухдодро дар руъё медида бошад, ба давру бараш нигарист. Чарх мезад сараш, нафасаш гирифта, монанди он ки гуноҳи азиме содир карда бошад, рӯяш дар оташи шарму хиҷолат дар гирифта, ёрои аз ҷо ҷунбидан надошт.

«Охир… чӣ тавр, якуякбора, бе ҳеҷ гапу кор ин занак шӯру валвала бардошта, маро шарманда кард. Наход, одам то ба ин дараҷа ба пастӣ фарояд? Ту аз дили зори ман чӣ хабар дорӣ? Эҳ…»

Ниҳоят вай бо азоб аз ҷо бархост ва оҳиставу бесадо аз хона баромад ва сӯйи дарвозаи Бобоҷон қадам ниҳод. Аз назди хонаи домоди собиқаш рӯ ба нишеб кӯталро поён шуда, дил дар қафаси синааш ба тапиш даромаду оҳ кашид. Ашки сӯзон бари рӯяшро месӯзонд.

-Гулбаҳор, ҳо Гулбаҳор, -овозеро шунид зан. Вай кампири Зиёдаро дид, ки ҳайрону шигифтзада аз қафо ба ӯ менигарист.

-Куҷо меравӣ? Э, дар хоки пот садқа, як дам намешинӣ, суҳбат мекардем.

-Чит шуда?

Аммо пиразан аз ҷигари кабобу сӯзиши дили хунчакону шикастаи зан хабар надошт…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

## ТАДБИР

Ривояти мо ин навбат дар боби як паҳлуи зиндагии аҷибу ғариби мардуми русто, ки тавъам бо дигаргунию тағйироти ғайримунтазираи замони пурҷӯшу хурӯши муосир, ки ҳангомаю моҷароҳои булаҷабро дар пай дорад, ба шумор меравад. Аслан дар ин ҳодисаҳои ногаҳонӣ чизе шигифтангез, ба пиндори мо, ба мушоҳида намерасад, вале ҷузъиёту лаҳзаҳое мавҷуданд, лоиқи шунидану хулоса баровардан. Асли рухдод чӣ буда ва чӣ манзарае ҷозиб раҳ ба дил ёфтаву мағзро такон додаву моро ба думболи он раҳнамун сохта? Муддатҳои охир гап-гапу ҳадсзаданҳо андар боби ба Русия сафар кардану дар баробари шаҳрвандии Тоҷикистон шаҳрвандии он кишварро пазируфтан тамоми ҷомеаро фаро гирифтаву мунтаҳо овозаи он ба деҳаи сернуфуси сарсабзу шодоб ва ободу хуррами Моҳикаш, то ба гӯши солманду пирмарду пиразанон расид. Аҷаб паёмеву аҷаб ҳангомае! Ҳар нафар, ки аз Тоҷикистон ба Русия сафар карда, асноди заруриро омода ва шаҳрвандии он кишварро ба даст меорад, соҳиби имтиёз ва бартариҳо, муҳимтар аз ҳама нафақапулияш хеле-хеле зиёд мегардад. Ингуна пиру барно бо хаёлу орзуи ширину марғуби ба даст овардани шаҳрвандӣ печида, аз хобу хӯр мондаву бо аҷала аз пайи чипта харидану сафар ба Русия шуданд. Овозаи озими Русия гардидани ҷавонмардон як паҳлуи кор, ҳамакнун олиму табибу омӯзгору ронандаю муҳандиси кайҳо ба нафақа баромада низ қотеъона озими сафар гардида, ҳар чӣ бошитоб дар фикри шаҳрванди Русия шудан беқарору осемасар гардида буданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Пули калон ба кӣ намефорад? Ё зарарат мекунад? Ва аммо ғароибот дар он буд, ки андешаи ба Русия сафар кардан ба мағзи занону бонувон ва ҳатто пиразанон низ хутур карда, дар як турфатулаъйн соҳиби нафақапулии ҳангуфт ва зиндагии шоҳона гардидан ононро низ ба кӯйи беқарорию изтироби шадид афканд. Эҳсоси ширине пайванд бо ин изтироб ба чамани қалбашон нишот мебахшид, аз ғурбату ташвиш ва худхӯрию гирифториҳои зиндагӣ осудану ба майли дил молу коло ва ашёи гаронарзиши занонаро харидану ба даст овардан ширин-ширин соғари ҷонашонро аз шароби фараҳу хушҳолӣ лабрез мекард. Ҳамин буд, ки дар радифи ҷавонону мардони миёнаумр овозаи шаҳрванди Русия гардидани кампири Ниҳол, ки синнаш тақрибан ба 75 расида буд, ҳамдеҳагонро ба ҳайрат овард, иддае тамасхуромез хандиданд, ки дунё ба охир расида, қиёмат қоим мешавад, чӣ бало? О, магар дар поёни умр, ки бо ҳама талхию шӯрӣ ва лаззату шириниҳояш хотирмону чу сарвати бебаҳо менамуд ба чашм, магар шарт аст, ки барои пул худро ба азоби роҳи дуру маҳҷурию ҷудоӣ аз шавҳару фарзандон, келинҳову наберагон ва ҳаққу ҳамсояву дугонаҳо, аз қавли худи пиразан, «ҳампираҳо» гирифтор кунӣ? Баъд ин ки, писарони кампири Ниҳол, ҳар се сарватманду ғанӣ, соҳиби хонаҳою қасрҳои чандқабатаи муҷаллою музайяни замонавӣ ва мошинҳои сабукрави тамғам навтарин ҳастанд. Обу замин, боғу роғ, ҳавлию ҳаёти сабзу фарохе доранд.

- Кампир аниқ ба бемории васваса гирифтор шудааст, - хулоса карданд иддае аз ҳамдеҳагон дар чорроҳаи деҳа. Ҳирси пулу сарват одама, хоҳ зан бошад, хоҳ мард, агар худро идора кардаю



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

зимоми ақлу ҳушашро ба даст нагирад, ба чоҳи бало меафканад. Кӯру махаву раъди маърака мекунад.

- Дарди васваса ҷонгудозу фалокатбор аст, - даст ба риши кӯтоҳ бурда, ба носеҳӣ оғозид мулло Аброр ва тасбеҳ гардонда, чун мутафаккирон афзуд, ки ин маризӣ монои ҳашараи заҳрогин дилу ҷон неш мезанаду мемакад ва руҳро афсурда мекунад. Одами пеши чашмашро шираи нафси баду бало гирифта, фикр мекунад, ки ҳама ба Русия рафта, шаҳрвандии он кишварро пазируфта, нафақаи калон мегирифтаанду ман ду даст дар почаки бинӣ мешинам дар як ҷо? Аз онҳо чӣ камӣ дорам? Ё барои ин амалро анҷом додан ҳақ надорам? Э не, не, шукри ҷону тани сиҳати фарзандон. Меравам, тамом. Ана ҳамин тавр! Худоё, аз шармандагию расвоӣ ва васвасаи шайтон бандагонатро дар паноҳат нигаҳ дор!

- Э ин кампир ё масти маст шудааст, ё ақлашро хӯрдааст, - суханони мулло Аброрро тақвият бахшид Бурҳони тоҷир. - Ростӣ, аз ҳеҷ чизи дунё камӣ надорад. Э бача, ҳамин сол зиёрати хонаи Худо рафта омад. Ҳоҷибибӣ аст. Чӣ дағдағае дар сараш пайдо шудааст? Кӣ медонад?

- Кампир «бозӣ» надорад, - ба сухан ҳамроҳ шуд Савлат – муҳандис, ки ҳолиё ба таъмири мошинҳои сабукрави ҳамдеҳагон рӯзашро ба шом мерасонд ва миёнаумр, вале бардаму тануманд ва банеру менамуд. – Оташ аст, оташ. Ягон лаҳза дар зиндагӣ орому қарор надорад. Гоҳ дар маъракаҳо мебинӣ ӯро, ки остинҳои куртаашро алвонҷ дода, базму бозиро метафсонад, гоҳ дар сари замин, ба хишоваи қулфинай ё чидани он машғул аст.

– Эҳа, 20-30 сатилчаи қулфинайро баҳузур то хонааш пасодумкол расонда, ба суханони



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

писаронаш гӯш ҳам намедиҳад. Ба қади шоҳроҳ бароварда савдо мекунад. Бало, аловдаста!

- Неке бо ҳамин қадар савлату давлату боигарӣ кампир ҳам хасису мумсик аст, бачаҳояш ҳам. Аз санг шарора мепараду ин хонавода як пули пучак ба касе хайр намекунад, - лаб ба гуфтор кушод муаллими Убайд, ки тоза ба нафақа баромада, инак, гоҳу бегоҳ дар чорроҳа пайдо шуда, аз суҳбати ҳамдеҳагон кайфияту лаззат мебурд ва аз хотираҳои замони шуравии худ низ нақлу ҳикояҳои ҷаззоб, вале дар айни ҳол бадарду алам мекард.

Вай ба маънии «ба ин хотираи ман гӯш диҳед», ба ҳозирон мутаваҷҷеҳ гардид:

- Солҳои баъди ҷанги дохилӣ зиндагӣ вазнину дарёфти нону гандум ҳамоно заҳматталабу дандоншикан буд. Соли … ҳоло ба ёд орам, хаёлам 95ё 96 буд. Писари сеюми кампири Ниҳол гоҳ ба дарс меомаду гоҳ не. Ягон муаллимро писанду манзур намекард. Хайр, каттагӣ мекард, бинияш осмонро мехарошид. Замини аренда доштанд, ҳосили баланди гандум мерӯёнданд. Зиндагиашон тинҷ, беташвишу хотирҷамъанд. Аз қавле, «серро чӣ парвои гурусна?»

- Гап дароз шуд, маълим - сабук эътироз намуд нафаре аз ҳозирин.

- Шираву шарбаташ мепарад, агар илоҷаш бошад, зудтар ба сари мақсад меомадед.

- Ҳо, шафтолуи гапа мегуфтед, нуран ало нур мешуд, - ҳанӯз банди тасбеҳ дар даст батамкину солор маслиҳат пеш овард мулло Аброр.

- Намози аср наздик. Дер накунем боз?

- Хуб, хуб, – ба нақлаш идома дод муаллим, – баъд охири ҳамон сол ба сабаби ба дарсҳо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

наомадан ба имтиҳон роҳ надоданд Олими писари кампири Ниҳола.

Падараш нав ҳоҷӣ шуда буд. Мактаб омад. Маро, ки он ҳангом завуч будам, хеле илтимосу тавалло намуд, ки «ҷон маълимҷон, як бало кунед, розитон мекунам, Олимҷона ба имтиҳон роҳ диҳед. Дар синфаш намонад. Илтимос!»

Аммо розӣ нашудам ман. Директору муаллимон ҳам ин амалро ғайриқонунӣ ва ноадолатона ҳисобиданд. Хуллас… ҳоҷӣ даст афшондаю барошуфта, ранҷишомезу хафаманд аз дари мактаб баромада, сӯйи хонааш шитофт.

Шомгоҳи ҳамон рӯз кампири Ниҳол худаш ба хона омад. Баъд аз «садқаву бандаи бисёре шудан» ба ману занам, илтиҷою хоҳиши бисёр намуд, ки писарашро, агар осмон ба замина омада расад ҳам, ба имтиҳон роҳ диҳему дар синфаш намононем.

- Олимҷон ҳамин сол тамомкунанда аст, - бо чашмони маҳзуну малӯл сӯям нигарист кампир.

- Як баҳо монену гузаронеша. Вай ҳамроҳи акаҳош Расия меравад. Хонда олиму доно нашавад, не-да. Дар хоки пот садқа, бачам. Дасти ману домони худат. Одамгарӣ тани мо. Ҳамин ки гандума рӯёнда гирифтем, ду халта ба шумо аз дили соф, поку пиҳил мебахшем.

- Боз ин ки бачаҳора таъкиду огоҳ кардам ман. Расия рафта, кор карда омаданд, як сару по ба ҳамсаратон ҳайда. О, дар қадди маълим садқае.

Ҳамон ҳамон шуду ҳазорон таънаю маломат шунида, «ба рӯям пӯсти хука кашида», Олима «як бало» карда, ба имтиҳон роҳ додему қисса кӯтоҳ, мактаба хатм кард.

Ана, аз он айём чанд сол гузашт?25-26 сол! На халтаи гандума дидему на сарупои занака. Ку



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

лафзу қавл? Илтиҷову илтимосу зориҳо чӣ шуд? Дурӯғ, ки дурӯғ.

- Эҳ хайр… ба гузашта салавот.

- Як гап гӯям, - андешаманд хитоб кард Азизуллои човандоз, - ҳамсари Ҳоҷиқадам аз ҷавонӣ ҳамин хел зан буд. Пула монанди ҷонаш дӯст медора. Як тина беҷо сарф намекуна. Зихна аст, ростӣ, бо ин хислаташ кайҳо дар деҳа «ном» баровардааст. Дар ин синну сол ба ин дараҷа ҳам не-да.

Азони намози аср садо доду ҳозирон оҳиста-оҳиста ҷониби масҷиди деҳ роҳ гирифтанд.

Акнун меоем ба нақли зиндагии пурташвиши кампири Ниҳол, хонадону фарзандон, келину набераҳо ва «моҷаро»-и омодагию озими сафар гардидани пиразани 75-сола.

Кампири Ниҳол, бо вуҷуди он ки дар тараддуди сафари Русия буд, ҳамоно, аз қавле, «боло медавиду поён», ба келинҳо чун одати ҳамешагӣ амр медод, ки говҳоро дӯшанду ба зарфҳои пластмассӣ - буталҳо ва чаккаи халтаҳои дар шохи дарахти чормағз овезонро дар зарфи бузургтари дигар ҷо кунанд. Вай ҳар субҳ бошитобу аҷала чор-панҷ зарфи пуршир то назди дарвоза мебурд. Наберааш муҳаррики мошинро ба кор даровარда, мунтазири амри бибияш мешуд. Саранҷом зарфҳоро дар бордони мошин ҷо намуда, роҳи бозори шаҳрро пеш мегирифтанд. Аммо ин шомгоҳ Собир саҳл асабинамою ошуфта забон ба насиҳати модар кушод.

- Оча, худат як фикр кун. Синну солат ба ҷое расидааст. Чаро худатро азоб медиҳӣ? Борҳо падарам ба ту фаҳмонданд, илтимосу зорӣ карданд, ки бас кун ҳамин корҳора. Ба ту чӣ намерасад? О, ҳаққу ҳамсояҳо, мардуми деҳа



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

механданд ба ҳолат. Дар рӯят нагӯянд ҳам, аз қафо ҳай мегӯянду тамасхур мекунанд. Ҳама шароит бароят муҳайё, тамоми нозу неъмат дар пешат. Ҳар ду –се рӯз пас матоъҳои хостаи дилатро мехарем, куртаҳои рангобаранг дӯзонда мепӯшӣ. Пул дар ихтиёрат.

- Боз чӣ гап шуд, ки ин бегоҳ ба ман якбора насиҳатгар шудӣ, бачам? -норозиёна ғур-ғур кард кампири Ниҳол ва афзуд:

- Ба фикри ту, ширҳоро дӯшида бурда дар ҷӯй бирезем? Чаккаву ҷурғот намефорадат?

- Баъд ин ки, чашми бад дур, Худованд аз ҳама балову офатҳо нигоҳбон бошад, танам сиҳат, аз ҳеҷ чиз шикоят надорам. Меҷунбам, меҳнат мекунам. Кореро, ки ба дасти худаму майли дилам иҷро мекунам, файзу баракати дигар дорад. Ман ҳамин хел тарбия гирифта, калон шудаам. Дар гардани ягон нафаратон бор шудан намехоҳам.

- Дурусту барҳақ мегӯӣ, оча, лекин…-писарбузург лаҳзае андешаманд ба кампир, ки ҷорӯбҳои дароз-дарози ҳавлирӯбиро, ки тоза даста баста буду дар рӯйи саҳни сементии ҳавлӣ ба болояшон санг мегузошт, бо тараҳҳум нигарист.

- … лекин ҳамаи ин азобу ташвиш чӣ лозим? Ҳеҷ кас нагуфтааст, ки шири дӯшида бурда ба об рез. Чанд бор падарам ва мо, фарзандон ҳам, исрор кардем, ки гову моли бисёр чӣ зарурат дорад? Як гови дӯшоӣ бошад, басу кифоя. Сари замин рафта, то бегоҳ миёнро камон карда, зери офтоби сӯзон машаққат кашидан, ба ростӣ, ба шумо дигар намезебад. Шукри бачаву келину набераҳо…

- Ту, Собир, аз ҳаво гап мезанӣ, - доманашро, ки пур аз чанги гули ҷорӯб буд, афшонда, эътироз кард кампир. – Ман шукр мекунум, неке шумо ҳам



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

шукри мани кампира баҷо орен. Ҳар сол дар банкаҳои бисёре равғани зард мехобонам, маскаи тару ширин, қаймоқу саршири бомаззара бо кӯдаконтун ҳай нӯши ҷон мекунен. Э, бачам, як гап гӯям…

Пиразан рост ба чашмони писар нигарист.

- Кору бори мани кампира ягон келину набераам ба субут расонда наметона. Ҳоли дар бораи қурутобу фатирмаска, тарҳавлою оши бурида, ширбиринҷу шакароби тезакак чизе намегӯм.

Писарбузург аз кат, ки дар кунҷи ҳавлӣ гузошта шуда буд, бархоста:

- Гап ҳамин оча, - даст афшонд вай, аз пагоҳ сар карда ба ҳеҷ куҷо намеравӣ. Шир - пиру чакка ҳам намебарӣ. Тамом - вассалом, хафа шавӣ - нашавӣ, қарорам қатъист. Дам гиру роҳат кун, ҳузури ҷонат. Сари замин ҳам рафта, то бегоҳ дар даруни ҷӯяҳои қулфинаю шаҳтути заминӣ нагард.

- Ту ба ман ақлак шуда, амр медиҳӣ, бачам? - яке оташи ғазаби пиразан боло гирифт. – Хестӣ, ки хобат. Маҳмадоно! Бо пулу сарватат даҳонкалонӣ накуну наноз, фаҳмидӣ? Ман ҷонма ба ҷонатон мондаам, файзу баракати хонадон манам, ана ҳамин кампири Ниҳол!

- Намеравӣ, тамом,- пофишорӣ кард Собир. - Худамон медонем, чӣ кор кунем!

- Меравам, - ғазаб кард кампир.

- Намеравӣ!

- Меравам.

- Оча, бас, шармандаамон накун.

- Бас намекунум.

- Хайр?

- Чӣ хайр?

- Фароғат кун, оча, мефаҳмӣ ё не?!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Пиразан, чеҳрааш арғувонӣ гардида, ба писараш наздики наздик шуда, рост ба чашмонаш нигарист. Нигоҳҳои модару писар ба ҳам бархӯрданд.

- Ин хел бошад, аз пагоҳ ҳуҷҷатҳои мара тайёр кунен,- дӯғу арбада бардошт кампир.

Писар китф дар ҳам кашид:

- Кадом ҳуҷҷатҳоро, оча? Равшантар фаҳмон.

- Ҳуҷҷато, бошпурти хориҷӣ, сурато, боз намедонум,- хафаманду ранҷишомез гуфт пиразан. - Ман чанд бор гуфта будум, як зарра эътибор надоден. Расия меравам, шаҳрвандӣ мегирам.

- Ана ёбу гир,- шӯрида рафт писарбузург. - Мо дар чӣ хаёлу… шуморо аз як роҳ гардонданӣ мешавем, нағмаи дигар мебарорен.

- Ба Русия меравам, тамом,- ситеза кард кампир. - Ҳақ дорам. Меравам, ҳуҷҷатома духтарам Гулзираву додарат Олим тахт мекунан. Шаҳрванди Русия шуда бармегардам. Пенсапулим зиёд мешава. Асло пашоли пули шумо намебарад мара.

Чанд рӯз дар байн гузашт. Масъала оҳанги ҷиддӣ гирифт. Кампири Ниҳол гоҳ ба «соҳиби сараш» рӯ овардаю гоҳе ба писари дувум – Ризо муроҷиат карда, дар азмаш собиту устувор, пофишорӣ намуд, ки ҳуҷҷатҳояшро омода созанду чиптаи ҳавопаймо бихарандаш ва барои сафар ба шаҳри Санкт- Петербург кумакаш кунанд.

Ба писарбузургаш Собир дар ин бора дигар лаб накушод. Аз вай ранҷида буд. Набошад-чӣ? Писарро бо ҳазор азобу машаққат ва дар айни ҳол, умеду орзу, шабро шаб, рӯзро рӯз нагуфта, ба камол расонаду имрӯз омада-омада, модарашро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

насиҳат кунад, ки ширу чаккафурӯшӣ накун, ки айб аст. Ҳаққу ҳамсояҳо ва қавми қишлоқ ба ҳоламон механданд.

«Э дар гӯри бобову бибии ҳамун ғайбатгарои баду бахил… Ҳасудои нотавонбин, ҳунар, ки надоранд, пойи мара хоида мегарданд».

Маслиҳату машварат ва насиҳати аҳли хонадон – шавҳару писарон ва ду духтараш, ки дар деҳа ба шавҳар баромада, соҳиби хонаву дар, фарзандон ва зиндагии хушу хуррам буданд, ба пиразан заррае таъсир накард. Вай остинҳои куртаашро бод дода, ба қарори қатъӣ омаданашро ба гунаи қотеъона, охирин маротиба хотиррасон карда, аҳли хонаводаро дар ҳайрат гузошт:

- Гапам яктаву халос. Ҳуҷҷатома тахт кунен, билетма бихарен, монен, ки соқу саломат ба Расия равам. Духтарам Гулзираву Олими бачам мара хору зор шудан намемонанд. Шаҳрванд, ки шудам, Худо розӣ шуда бошад, боз баргашта меоям. Набошад…

- Чӣ «набошад?»,- барошуфт Ризо, писари дувуми хонадон.

-Туву Собира оқи ин дунёву ахират мекунум.Қати модартон дигар ҳазлу бозӣ накунен.

- Ақлата ба ҷояш мон, занак,- орому мулоим фаҳмонд шавҳараш. - Аз даҳонат чизе,ки омад, гуфтан мегирӣ? Умуман, чӣ ин қадар шӯру мағал бардошта, замину осмонро ба ҳам зада истодаӣ? Астағфируллоҳ бигӯ. Пот ба лаби гӯр расида, ба ҷойи тавбаву ибодат ва шукри ҷони фарзандон аҷаб гапҳое мезанӣ.

- Агар ҳуҷҷатома тахт накунену билет нахаренма, мерам шаҳр, хоҳарзодаам як корхонаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

калон дар ихтиёраш, ҳамаша дуруст мекунад,- ба баҳсу бигӯ-магӯ нуқта гузошт кампир ва ба хона даромад…

Чун аҳли хонавода азму тасмими пиразанро ҷиддӣ ва қатъӣ ба мушоҳида гирифтанд,дигар чорае надоштанд ҷуз ба ройи ӯ розӣ шудану хостаҳои дилашро иҷро кардан. Дар тӯли ду ҳафта маблағи зиёде харҷ карда, ҳуҷҷатҳои модарро писараш Ризо бо амри падар омода намуд. Чиптаи ҳавопаймо харидандаш ва як нисфишабии айёми гармиҳои тобистон кампирро ҳамроҳи як хеши дурашу чанд ҳамдеҳа, ки озими сафар буданд, ба Русия гуселониданд.

- Рафта, соқу саломат расидӣ, зуд телефон кун, - вақти гусел таъкид кард шавҳар ба кампири Ниҳол. - Диламон пуру хотирамон ҷамъ шавад.

Зиндагӣ дар деҳ баъди сафари кампири Ниҳол ба Русия дубора ба маҷрои муқаррарии худ ворид гардид. Чун ҳамеша субҳи барвақт мардум гову мол ва бузу гӯсфандони худро ба пода ҳай мекарданд, дар хонадоне тӯю сур барпо мегардид, садои хандаю хурсандӣ ва суруду навои дилангез баланд мешуд. Дар хонае тифле ба дунё омада, сури дигаре баргузор мешуд. Нафаре мошини нав мехариду ҳангомаҷӯёни «зиёфатхӯр» давру бари он «парвона» шуда, таърифу ситоиши мошинро ба арши аъло мебардоштанд. Раиси деҳа аммо ташвиши дигаре дошту ҳамроҳи мудири дабистон сари он мушкил майна об мекарданд, ки хонанда зиёд шудаву ҷойи нишаст намерасад.

Панҷ-шаш синфхонаи иловагӣ сохтан лозим меояд. Маблағро аз куҷо дастрас мекунӣ? Сарони ҷамоату ноҳия бошанд, қотеъона дар посухи эшон гуфтанд, ки шароит надоранд, мардуми деҳ ба таври ҳашар худ аз пайи бунёди синфхонаҳо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net мурочиат кунед

шаванд. Вазъи зиндагии мардум низ он қадар хуб нест, мушкил болои мушкил…

Аммо… ногаҳ овозае дар деҳ густариш ёфт, ки кампири Ниҳол дар Русия бемор шудаву духтараш Гулзираву писари хурдияш Олим думболи такудаванд, ки ӯро бозпас ба деҳа бифиристанд. Ва ҳамин тавр ҳам шуд. Пас аз сипарӣ гардидани 17 рӯз, дуруст дар як субҳи равшану босафо пиразан аз ҳавопаймо по бар замин гузошт ва ӯро писарону шавҳараш истиқбол гирифтанд, пиразан шукрона дар лаб оҳи сабуке кашид:

- Шукр, ҳазор марта шукри Худои бузург, мани пиракира ба дидори шумо расонд, - чашмонаш моломоли ашки хурсандӣ гуфт кампир. - Дар ғарибӣ, дар мамлакати бегона азоб кашидам. Шукри обу хоки диёр, шукри зодгоҳу ҳамдеҳагон.

Пас аз он ки дар хонаи худ болои кӯрпачаҳои нарму мулоим, дар такяи болиштҳои пари қу нафас рост карда, ҷонаш осуд, кампир ба нақлаш идома дод:

- Ростӣ, сахт тарсидум,- чашм аз фарзандону духтарон ва шавҳару набераҳо намеканд вай.- Обу ҳавои шаҳри бегона нафоридам, ки яке касал шудам. Дар оташи таб сӯхтаву ҳалқам қоқ мешуд. Шабҳо табларзаам мегирифт, дандонҳоям шароққос мезаданд. Бечора Олиму Гулзираву шавҳараш ҳай болою поён давиданд, дорую даво карданд. Савдои шаҳрванди Расия шудан рафта-рафта аз сарам берун шудан гирифт. Як вақт хабар оварданд, ки кадом кампири ҳамсинну соли ман аз деҳаи ҳамсоя, ки шаҳрванди ун кишвар шудан омада будааст, бемори сахт шуда, аз дунё гузаштааст. Эҳ Худоҷон, гуфтам пеши худ, обу



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

дони кампир канда шуда будааст. Худо раҳматаш кунад. Дилам танг, ғамбода шудам. Ба қароре омадам, ки агар бачаҳо билетам нагиранду ба деҳа роҳиям накунанд, аз ғаму андуҳ ва фикру хаёлҳои парешон дилам мекафад. Ана, ҳамааш бо хости Худо росту дуруст анҷомид.Дар хоки пойи фарзандо садқа. Ҳамдеҳагон, миёнаумру барно, занону пиразанон ба дидани кампири Ниҳол меомаданд, аҳволпурсияш мекарданд.

Чашмони кампир барқ пошида, аз саргузаштҳояш дар Русия нақл мекарду нақл мекард. Фараҳу хурсандияш интиҳо надошт. Аммо пиразан дар ин байн писараш Собирро надида, ба фикру хаёл рафт. Наход, вай то ҳол аз ман хафа бошад?

Э, Собир ин хел бача набуд-ку! Гапашро мегуфту зуд фаромӯш мекард. Пас, чӣ шуда, ки …

Деви гумону шубҳа панҷа бар ҳисори қалбаш мезад. Наход, ранҷида бошад? Аз ман, аз модараш? Не-е!

Қарибии нисфирӯзӣ дар во шуду… Собир ба хона даромад ва сӯйи модар шитобид. Кампири Ниҳол ҷигарбандашро ба оғӯш гирифт. Баъд аз пурсупос модар ҳайраташро пинҳон накард:

- Ризову падарат рафта ай айрапорт гирифта оварданма, неке туро надидам. То ҳолия ҳазор фикру хаёл дар сар, парешону ошуфта будам. Ҷон бачаи ширини оча, хафа шудӣ чӣ бало?

- Э не-е, асло ин хел фикр накун, оча, - қадре хиҷолатманд гуфт Собир ва низ тааҷҷубомез ба модар нигарист:

- Чӣ, магар Ризо дар бораи ман чизе нагуфт?

- Не, бачам, вай аз пайи корҳош баромада шаҳр рафт. Гуфт, ки дар болои сари коргаро набошум, хуб намеша. Отат сари замин рафт



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

ҳамроҳи набераааш. Ҳамин ҳозир шояд даромада оянд.

- Медонӣ, оча, бо Ризову падарам маслиҳат карда ба хулосае омадем, ки бо маблағи худ барои фарзандони мардуми деҳа як бино бисозем. Ҳар сол хонанда зиёд шуда истодааст, синфхона намерасад. Раиси деҳаву директори мактаб хона ба хонаи мардум гашта, илтимосу илтиҷо мекунанд, ки ёрдам кунанд. Вазъият вазнин.

- Чанд синфхона месозен?- пурсид кампири Ниҳол

- Шашта.

- Пулҳотон мерасад?

- Мерасад, Худо хоҳад,- хаёлманд гуфт Собир ва ба суханаш идома дод:

- Дар маҷлиси маҳалла падарам ҳарф зада, гуфт, ки бинои иловагиро бо шаш синфхона ману фарзандонам месозем. Ана аз пайи ҳамин корҳо, субҳи мардон ба ноҳия рафта, ҳамроҳи раиси деҳаву директори мактаб ҳуҷҷатҳоро тахт кардем. Аз пагоҳ сохтмон сар мешавад.

- Ман ҳайрон,- бо оҳанги ранҷиш хитоб кард модар. - Боз чӣ хоб диден? Пулҳоятон бисёр шудааст, чӣ бало?

- Оча,- рӯ ба рӯйи модар нишаст Собир. - Мефаҳмӣ, дар байни мардуми деҳа гапу калочаи бисёр. Шунидем, ки писарони Ҳоҷиаброр пулашон бисёр шуда, намедонанд онро ба куҷо сарф кунанд. Лекин ман парвои гапи мардум надорам. Худам фикр карда, ниҳоят ба қароре омадам, ки аз пайи ободии деҳа мешавам. Шукр, Ризову Олим соҳиби кору боранд, худам ба тиҷорат машғул, маблағ ҳаст. Аз қадим мегӯянд-ку: некӣ куну ба об андоз! Барои фарзандони



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

ҳамдеҳагон, набераҳои худамон месозем бинои мактаба. Барои ҳамин…

- Хайр, кору амали нек хубай. Обрӯи одам баланд мешава. Кошки мардум ба қадри некии шумо бирасан, бачам,- банди хаёл гуфт кампири Ниҳол. – Ободӣ ҳам даркорай.

Модар даст ба дуо бардошта, ба писараш барори кор талабид аз даргоҳи Яздон ва хандаи беғуборе дар лабонаш мавҷ зада, хурсандона нидо кард:

- Дар иродаю азмат садқа, бачам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

## МЕҲРИ БЕЗАВОЛ

**(Барои бародарбузургам Азимхон)**

Ту дар як навиштаат нақл карда будӣ, ки омӯзгори нахустинат, ки ҳарфу ҳиҷоро ёдат дода буд, бо хатми синфи як ба хизмати сарбозӣ даъват шуд ва қалбат моломоли андуҳ ба фикр фурӯ рафтӣ, ки дар синфи дуюм кадом омӯзгоре ҷойгузини устодат мешуда бошад? Устодат Бегмурод Давлатовро то роҳи калони мошингард гусел кардӣ ҳамроҳи ҳамсинфонат ва ба назарат чунин намуд, ки байни замину осмон танҳою зор, бемуттако мондӣ. Ё дар пиндорат чу падарат ҷилвагар шуда буд, ё меҳри беандозаи ӯ дар ошёни қалбат ҷо бигрифта буд амиқан? Ҳар чи буд – набуд, то дер гоҳ мағмуму парешонхотир рӯзҳоро паси сар кардӣ ва … Ва чун ба синфи дуюм по гузоштӣ, директори дабистон, зани миёнақади сахтгиру серталаб Башорат Қурбонова ҳамроҳ бо ду муаллима, ки яке тоҷик буду дигаре рус ба синфхона ворид шуданд. Директор онҳоро ба шумо шинос намуд. Бонуи хушқадду қомати сарвболоро, ки нигоҳаш хайрхоҳона буду рӯяш чу кулчаи ширмол метофт, ба сифати муаллими асосӣ муаррифиятон кард ва гуфт, ки ӯ Муслима Обидова ном дорад. Зани зебои русро, ки қадбаланду мӯйҳояш хурмоиранг менамуд, низ шинос кард ва изҳор дошт, ки ӯ аз забони русӣ ба шумо дарс мегузарад, исмаш Любов Андреевна Гнаткост. Дар шигифт мондӣ: аҷаб, аҷаб, муҳиту фазо дигаргун шуда, ба ҷойи мард зан дарс медиҳад. Дарсаш чӣ тавр мегузашта бошад? Ӯ аз куҷост? Боз бадқаҳру нозук набошад? Зани рус чӣ? Забони русӣ чӣ гуна забон бошад? Ва чаро бояд забони русиро биёмӯзед? Лак-лак қатор мешуданд



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

саволҳо ва оламеро дар хаёлат ба зуҳур меоварданд, ки хира, ғарибу ноошно таҷаллӣ мекард. Аммо ин ҳама тахмин буду аз қавле, «фолбинӣ». Дарсҳо ин гуна оғоз ва ҷараён гирифтанд ва бонуи қадбаланди кушодачеҳра Муслима Обидова ба омӯзонидани матнҳо аз китоби «Хониш» ва тарзи навишту аз худ кардани қоидаҳои сарфу наҳв шурӯъ кард. Дар ёдат ҳаст, ки китоби «Хониш»-и синфи 2 муқоваи зардранг дошт. Ва муаллима нахустин амале, ки анҷом дод, хондани матн ба шогирдон ба таври санҷиш буд. Мехост бифаҳмаду дақиқ кунад, ки чанд нафар матнро ба гунаи аъло мехонанду чанд тани дигар равон, чанд нафаре бо ҳиҷою сакта ва гурӯҳе суст мехонанд ва ҳанӯз ҳарфу ҳиҷоро ёд нагирифтаанд. Вай ҳар як хонандаро ба назди тахтаи синф даъват ва китобро кушода, матнеро барои хондан пешниҳод мекард. Чун бад-ин тарз ҳамагӣ матнро хонда шуданд, муаллима ба чеҳраатон дида дӯхта, фикрашро хулоса кард:

-Хонданатон бад не, лекин ман дар дафтарам қайд кардам, ки ду-се нафар ҳанӯз дуруст хонда наметавонанд. Ҳарфро мешиносанд, бо ҳиҷо мехонанд, аммо ин ҳанӯз маънои хонданро надорад. Ана, ҳамин ду-се нафар саъйю азм бояд кунанд, то ба пешсафон баробар шаванд. Агар коҳилӣ кунанду бепарвоӣ, оянда барояшон мушкил мешавад. Ман сахт мегирам. Чӣ тавр сахт мегирам? Баъд сарфаҳм меравед. Сипас, муаллима фаҳмидан хост, ки дар синфи якум кӣ сардори синф буд?

Ту шармида-шармида аз ҷоят баланд шудӣ.

-Ман сардори синф будам,- посух додӣ ва оби шарм ба рӯят давиду суп-сурх шудӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

-Нағз, нағз, - гуфт муаллима таҳсиномез ва афзуд, ки имсол ҳам сардори синф худат мемонӣ.

-Лекин шарт ҳамин ки бо хонандагони сустхон кор мебарӣ, ба ман ёрӣ мерасонӣ, фаҳмидӣ?

Ту бо ишораи тасдиқ сар ҷунбондӣ ва бо амри муаллима нишастӣ бар ҷоят.

Аз математика бошад, санҷишро аз хонаи зарб оғоз кард муаллима. Ҳамаро як - як аз хонаи 2 сар карда, то хонаи 9 чунонки мегуфтанд, аз «карат» пурсон гардид. Дар хатми пурсиш таъкид кард, касоне, ки дуруст хонда наметавонанду хонаи зарбро намедонанд, агар ислоҳ нашаванд, пас аз машғулиятҳо манъашон мекунам, бигузор хонанду омӯзанд, пешсаф шаванд.

Оҳиста-оҳиста бо муаллима ва дарсгузарии ӯ одат кардӣ ва аз чӣ бошад, бесаброна мунтазири оғози машғулиятҳо мешудӣ. Мушоҳида мекардию пай мебурдӣ ки муаллима пурхондаву босавод аст. Машғулиятҳоро ҳам аз «Хониш» ва ҳам «Математика» шавқовару ҷолиб мегузаронад. Дарсҳои расмкашӣ, таълими меҳнат, суруд ва тарбияи ҷисмонӣ бағоят ҷаззобу хотирмон баргузор мешуданд. Муаллима дӯст медошт шеъри бисёр аз худ карда бошед, дӯст медошт чолоку ҷалд, серҳаракат ва аз пайи саъйю талош бошед.Ҳангоме ки аз хониш ҳикоя ё афсонаеро нақл мекард, ту бо ҳамсинфонат саропо гӯшу ҳуш ба муаллима мешудед ва ба оҳанги гуфтори ӯ шавқу меҳр пайдо мекардед. Ҳар як дарсаш мамлӯ аз панду андарз буд. Таъкид мекард, ки бадтарин хислати инсон дурӯғ гуфтани ӯст.

-Аз дурӯғгӯй ҳама афъоли баду зиштро метавон умедвор шуд. Дурӯғгӯй одами бешарм аст, бешараф аст. Аз ин рӯ, ҳеҷ гоҳ дурӯғ нагӯед.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Боз мегуфт, ки рафтори зишти дигар дуздӣ кардан мебошад.

-Оне, ки даст ба дуздӣ мезанад, аз хиёнат низ рӯ намегардонад.

Дар бораи эҳтироми падару модар ва солхӯрдагон зиёд қисса мекард, ҳикоятҳо мегуфт:

-Ҳар ки падару модар ва калонсолонро ҳурмату иззат намекунад, ватанро дӯст дошта наметавонад. Чун ватанро дӯст дошта натавонист, ба ӯ умеду бовар кардан, умед бастан нашояд. Аз ин гуна суханҳои пандомӯз зиёд мегуфт муаллима ва туву ҳамсинфонатро мафтуну маҷзуби хеш мегардонд. Дар дарси таълими меҳнат гулдӯзиро меомӯзонд. Чӣ ҳунарманди гулдасте буд муаллима. Мегуфт, ки ба шумо тарзи дӯхтани гулро дар матои сафед ёд медиҳам. Бодиққат бошед. Ва ришта ба сӯзан гузаронида, ба дӯхтани гули садбарг дар рӯйи матои сафед мепардохт. Ончунон сӯзан мезаду гулдӯзӣ мекард, ки ту бо ҳамсинфон чӣ тавр аз ҷоятон бархоставу дар гирди муаллима парвонавор ҷамъ шуданатонро пай намебурдед. Чевари моҳир буд муаллима. Аз риштаҳои сабзу сурху гулобӣ, ҷигарию хокистарӣ, сиёҳ истифода мекард ва як вақт бо ду чашми сар медидед, ки дар рӯйи матои сафед гулдӯзии муаллима бо ҳама зебоию назофаташ ба пайдо омадааст. Гули садбарги зинда. Даст расонда аз шоха канам мегуфтӣ.Дар машғулияти тарбияи ҷисмонӣ бозиҳои гуногунро ба роҳ мемонд ва худ ҳамроҳи шогирдон иштирокдори асосӣ маҳсуб меёфт. Бо тӯби хурд, калон чӣ тавр бозиҳои шавқовар ташкил мекард! Ва ту чизи дигареро пай бурдию ба мушоҳида гирифтӣ. Муаллима дар танаффусҳо, вақте



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

омӯзгорон дар майдонча ба волейболбозӣ машғул мешуданд, яке аз бозигарони моҳир ба шумор мерафт. Бахусус, ҳангоме ки бо тӯб зарбаи ҷавобии сахт мезад ва онро дар ёдат ҳаст, ки «тушит» мегуфтанд, аз командаи ҳарифон касе гардонда наметавонист ин зарбаро. Аз ҷояш ҷаҳида, бо дасти рост чунон бо тӯб зарба мезад, ки ҳама даҳонво монда, ба муаллима, ки рӯймоли албониаш каме ба гарданаш ғеҷида буд, менигаристанд. Ингуна муаллима дар дарсҳои хониш ва забони модарӣ супориш медод, ки аз китобхонаи мактаб ва ҷамоат, ки дар деҳа ҷойгир шуда буд, китобҳои бадеиро ёфта, мутолиа кунед. Ва ту бо дӯстонат ба хондани асарҳои бадеӣ рӯ овардӣ. Асарҳои Марк Твен «Шоҳзода ва гадо», «Саргузашти Том Сойёр», С.Айнӣ «Мактаби куҳна», «Одина», Убайди Зоконӣ «Муш ва гурба», Гулчеҳра Сулаймонова «Чил кокули бозигар» аз асарҳое буданд, ки бо ҳидояти муаллима дарёфта мутолиа карда будӣ. Лаҳзаҳое мешуд, ки ту ва ё ягон ҳамсинфат (чи духтар, чи бача) бемор шуда, аз шарму хиҷолат наметавонистед, ки ба муаллима дар ин хусус ҳарф бизанед. Чӣ донову ҳушманд ва дилсӯзу рӯҳшинос буд муаллима! Аз вазъи хонандае, ки табъаш хираю нотоб буд, зуд пай мебурд ва «сумкаатро бигир, ба ту ҷавоб, зудтар ба хонаатон рафта, бихоб», - мегуфт ва шогирди нотобашро то дарвозаи дабистон ҳамроҳӣ мекард.

Боре, ҳини фасли зимистон то аз ферма (чун ба модарат ёрӣ мерасондӣ) омада, хӯрок хӯрда, роҳ сӯйи мактаб гирифтӣ, ки дер кардӣ ба дарс. Дар роҳи яхбаста лағжида афтидӣ, панҷаҳоят карахт шуда буданд. Ниҳоят, ба мактаб расида, дари



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

синфро бо азобе кушода, ларзон-ларзон ба муаллима нигаристӣ.

-О, бача, дарси якум ҳамин ҳоло ба охир мерасаду ту нав расида омадӣ?-пурсид аз ту муаллима ва ба ҷавобат интизор нашуда, иҷозати нишастан дод.

Машқеро аз забони модарӣ ичро мекарданд. Китобу дафтаратро аз сумка баровардию ручкаро дар рангдон тар карда, ҷумлаҳоро ба дафтар кӯчондан хостӣ. Аммо натавонистӣ. Панҷаҳо аз таъсири сармо карахт шудаву ба ту итоат намекарданд, ки ручкаро ба даст гирӣ. Муаллима мушоҳида кард, ки машқро нанавишта истодаӣ, наздикат омада, пурсид, кӣ чӣ шуд ба ту? Чаро ҷумлаҳоро ба дафтар наменависӣ?

Аз шарму хиҷолат ва ҳолати тазъйиқоваре, ки домангират гардида буд, сар хам кардию базӯр пичиррос задӣ:

-Панҷаҳоям хунук хӯрдаанд, карахтанд.

Муаллима аввал банди телпакатро кушода, онро аз сарат гирифт, баъд мӯйсаратро сила карда, «ҳеҷ гап не, дар назди бухорӣ як дам нишаста дастонатро гарм мекунӣ баъд, вақт расад, машқро ба дафтарат мекӯчонӣ. Зиқ нашав!»,-гуфт.

Ту ашк рехтӣ, худат нафаҳмида. Барои чӣ? Инро дер, вақте ки синфи 8-ро хатм мекардӣ, сарфаҳм рафтӣ.

Вақте сарфаҳм рафтӣ, ки модарат сахт бемор шуду қариб буд ин олами сарсабзу рангинро ба таври абадӣ падруд гӯяд. Он дам байни муаллима Муслима Обидова ва модарат тақрибан тафовуте пайдо накардӣ. Туро хеле-хеле дӯст медошт муаллима. Ҳамроҳи 4-5 нафари дигар, ки



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

пешқадами синф ба ҳисоб мерафтед, барои иштирок дар маҳфилу чорабиниҳои мактабӣ омода менамуд. Мегуфт, ки умедам аз шумо хеле зиёд. Ҳамин тариқ, рӯзҳо тирвор мегузаштанд, синфи дуюмро хатм карда, ба синфи 3 гузаштед. Маротибае воқеаи дигари булаҷабе рӯй дод, ки муҷиби он туро донистанд. Рӯзе аз рӯзҳои охири моҳи май буд. Дар саҳни ҳавлии дабистон, баъди бозии тӯлонӣ дам мегирифтед, ки нигоҳат ба дуродур дӯхта шуд ва дар талу теппаҳои гандумзори Моштеппа тамаркуз ёфт. Манзараи чашмрабои гандуми сабзфом, ки аз дуриҳо бо вазидани бод чу баҳр мавҷ мезад, таваҷҷуҳатро барангехт ва ба бачаҳои ҳамсинфат гуфтӣ, ки биёед, ба тали Моштеппа меравем. Аз наздик бибинем, ки дар он талу теппа чӣ кошта шудааст, ки ин қадар зебову қашанг менамояд ба чашм? Дарсро фаромӯш кардеду шитобзада роҳ ба сӯи тали гандумзор, ки тақрибан як километрро ташкил медод, гирифтед. Арақшору нафасгир баъди роҳу пайроҳаҳоро тай кардан оқибат ба тали Моштеппа расида, дидед, ки гандум дар он мавзеъ қад кашидаву хӯша бастааст. Ва ҳангоми вазиши насими баҳорӣ гандуми сабз бо хӯшаҳои синоншакли худ мавҷ мезанад, аз қавле, «мурғак меравад». Бори аввал аз наздик гандумро медидед. То ин дам дар бораи аз он орду нон тайёр кардан аз китоб хондаву аз нақли падару модарат шунида будӣ. Ҳамакнун худе, ки муъҷизаеро ногаҳон пайдо карда бошӣ, тӯлонӣ ба майдони гандум менигаристию менигаристӣ. Тали Моштеппа зина-зина дар баландӣ ҷойгир шуда, доманаи он ба уфуқ пайваст шуда буд. Яке ба хотиратон мактаб расиду дарсҳо ва садои занг аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

дурӣ канда-канда ба гӯшатон расид, ки беқарор ба сӯйи мактаб шитобидед. Табиист, ки аз дарси навбатӣ дер мондед. Сабаби дер монданатонро муаллима фаҳмидан хост. Ба ҷойи 10 нафар ҳамсинфат сархам ҷавоб додӣ, ки хостем ба тали Моштеппа рафта, аз наздик бибинем, ки дар он ҷо чӣ кишта шудааст, ки ин қадар аз дурӣ зебову муҷалло менамояд. Каб-кабуд, мавҷ мезанаду мавҷ мезанад. Зебо, диданӣ!

-Ва ту бо рафиқонат ин зебоиро эҳсос кардӣ? – пурсид банди хаёл муаллима.

-Намедонам, аммо ба Худо, ки манзараи нотакрор аст, - посух додӣ. Мо гандумро бори аввал аз наздик дидем, муаллима.

-Эҳ, ту, - хитоб кард бо овози нарм муаллима, - оянда нависанда мешавӣ чӣ бало?

… Ва ту қалам ба даст гирифта, ба навиштан машғул шудӣ. Аввалин лавҳаи навиштаат дар бораи ана ҳамон тали Моштеппаву манзараи мафтункунандаи гандумзор буд.

Муаллима дар синфи сеюм ҳам ба шумо худаш машғулият гузаронд. Аз чӣ бошад, дарсҳои муаллима ба ҳамаи хонандагони таълимгоҳ писанд буд ва хонандагони дигар синфҳо низ дар орзуи он буданд, ки Муслима Обидова якборакак ба онҳо дарс гузаронад. Дар синфи сеюм ягон нафар танбалу қафомонда намонд. Ҳама хондану навиштан ва ҳал кардани мисолҳоро (хусусан, зарбу тақсими ададҳои дурақамаю серақама)-ро аз худ карда буданд. Бо ҳидояту раҳнамоии муаллима дар як кунҷи синф гӯшаи китобҳои бадеӣ ташкил кардед. Тобистони он сол (соли 1972) муаллима аз мактаб рафт. Мегуфтанд, ки дар дабистони зодгоҳаш корро идома медодааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ва ту боз ғамгину ошуфтаҳол, дар олами рӯъёҳои худ мондӣ. Роҳ мепоидӣ, мунтазир мешудӣ, ки шояд овозаҳо дурӯғ бошанду муаллима ногаҳонӣ аз дарвозаи мактаб оҳиставу нарму бесадо ворид шуда меояд. Дар синфи чор ҳам аз забон ва адабиёти тоҷик ба шумо машғулият мегузаронад? Кӣ медонад? Вале… муаллима дигар наомад... Бо гузашти тақрибан 18 сол, боре дар озмуни ноҳиявии мактабиён аз забон ва адабиёти тоҷик ту муаллимаро, ки хеле тағйир ёфта, ба мӯйҳояш сафедӣ афтода буд, дар роҳрави таълимгоҳи деҳаи Мавлоно дучор омадӣ. Думбол гирифтӣ ӯро, вале ба кадом синф ворид шуд, ки гум кардияш. Туро кадоме ҷеғ зад, шогирдат буд, ки барояш қалам лозим шудааст. Ва муаллимаро дигар вонахӯрдӣ.

Инак, аз айёми мактабхоният 45 сол пушти сар мешавад. Муаллимаи азизат дар куҷосту чӣ ҳол дошта бошад? Намедонӣ?! Ман ҳам намедонам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

## АЛАМ
## (Ба ёди омӯзгорони солҳои ҷанги шаҳрвандӣ)

Мард карахту ноҷунбон ба дастархон, ки дар рӯяш як пора нони сабӯсӣ мехобиду дар чойнике оби ҷӯшомада меистод, бо алам ва қадре бо танаффур нигарист. Ҳамсараш аз сӯйи ошхона косаи ғизо дар даст, ҳазорон рамзу роз дар чеҳра, лабҳо ба ҳам баставу ношод ва андуҳзада ба сӯйи кат, ки зери дарахти чормағзи пир ҷой гирифта буд, гом ниҳода, ҳамчунон бе ҳарфу овоз коса рӯйи дастархон, назди шавҳар гузошт.

Мард ошуфтаву ғамзада чумча бар моеъи сабзранги даруни коса бурд ва ғайри қадре биринҷобаву пудина чизи дигареро дарнаёфт. Ин ҳаракати бехудонаи «хӯҷаин»-ашро зан пай бурда гӯё шармида, сар ҷунбонд:

-Чизе аз хӯрданӣ нест дар хона. На равған, на пиёз, на картошка…

-Хайр? -оҳанге бо норизоиятиву хашм дошт суоли мард.

-Ҳеҷ чӣ не, -нигоҳашро гурезонд зан. - Аз лаби ҷӯй пӯдина чида будам. Рафтам хонаи ҳамсоя, як пиёла биринҷ қарз овардам…

Ва чизе ба хотираш расид, ки афзуд:

-Чойи қоқ ҳам надорем. Эҳ…

Мард гӯё забонаш ях баста бошад, дигар ҳеҷ сухан нагуфт.

Аз поранони сабӯсӣ бишкаста, ба душвор ба даҳон бурд, пас-он оҳиста-оҳиста ба хӯрдани биринҷоба шуруъ кард. Оқибат як пиёла оби ҷӯшомадаро нӯшиду бархост ва роҳ сӯйи дабистон гирифт. Аз дари дафтари муаллимон бо кайфи парида даромад. Муаллимон дар мавзуе



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net мурочиат кунед

гарм баҳсу ғавғо доштанд. Мард пиндошт, ки аз кадом канори олами дуре ба канори олами билкул дигаре афтодааст. Муаллима Зулфия саломаш дод, ингуна дигарон ба ҳурматаш бархостанд зи ҷо.

-Устод, ман давленисанҷак овардаму бо хоҳиши ҳамкорон фишорашонро санҷидам, - гуфт рамузҷӯёна Зулфия ва ба чашмони мард нигарист:

-Агар хоҳед, фишори шуморо ҳам месанҷам. Ҷойи фикри зиёдатӣ надорад, мебинед, мефаҳмед кори набзатона.

-Майлаш, -бо ишораи тасдиқ сар ҷунбонд мард ва бар курсие биншасту дасти росташро рӯйи миз хобонд. Аз чӣ бошад, вораҳои даҳону милку дандону комашро сӯзише ногувор фаро гирифта, дилаш заъф карда, беҳузур мешуд.

Муаллимаи Зулфия аз рухдоду тағйире, ки дар оинаи рӯйи мард ба амал омадаву чашмонаш нимпӯш, оҳе сарду бадард аз сина берун мекашид, хира шуда, бо изтироб остини куртаи ӯро боло кард, асбобро барои санҷидан омода сохт ва матои кабуд аз ду тарафи бозуяш печониду маҳкам баст ва резини тӯбчамонандро зуд-зуд бо мушт пахш карда, монои шахсе, ки амиқ аз зуҳури ҳодисаи ногаҳоние ба дарёи фикру хаёл ғарқ шуда бошад, нигоҳаш оганда аз хаёлу пиндорҳои мармуз, баъд аз сонияҳое муштарашро суст ва тӯбчаро озод гузошт. Як овози фассозание пахшхӯрда хориҷ гардид аз рӯдаи асбоб.

-Фишоратон, муаллим, 180 ба 100 аст, - гуфт муаллима Зулфия ва нигоҳашро аз чашмони мард наканда фаҳмонд:

-Баланд. Ба духтур рафта, худро нишон медодед. Саломатӣ сарват аст…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ва муаллима аз қуттии болои ҷевони дафтарҳо доруеро гирифта, муоина ва ба мард дароз кард:

-Доруи папазол аст, бо об нӯшед, фоида мекунад.

Мард ба омӯзгорон, баъд ба берун, ба манзараи зебои айёми баҳорон чашм дӯхт. Ҳис кард, ки осмони каб – кабуд, ки доманаш дар уфуқи дур, ба адири манорамонанди рӯ ба рӯ рафта мечаспид, ҳузне лобаён тавлиду дар хонаи қалбаш ҷо мекунад. Сабзаву гулу гиёҳ, ниҳолону дарахтони гунагунаи боғи дабистон, роҳи хокии даромадгоҳи он, ҳамаву ҳама дар нури босахои хуршед ғарқ гардида буд. Аммо дили мард сард буд, гуё дар синааш дил не, як пора ях овезон бошад. Дар ин лаҳза омӯзгори солманде аз ҷояш вазнин бархост ва дафтари ғафсу китоби дарсии «Геометрия»-и синфи 7-ро ба даст гирифту бо оҳанги хашин аз нигоҳи мард рамуз гирифта:

-Се моҳ шуд, ки аз маош дарак нест, -гуфт. -Ҷанг ба роҳи худ, роҳбарон ягон фикру чора намеандешанд?

Баъд мегӯянд, ки… касал мешавӣ. О, бо ин ҳол кадом рӯз по ҳам дароз мекунӣ.

Мард ҳарфе ба забон наовард, өнчунон андуҳзадаву ранҷидахотир буд, ки ҳавсалаи дарс гуфтан надошт…

…Шомгоҳон сари дастархон, зан боз косаи ғизои нисфирӯзиро, ки гарм карда буд, бо нони обаш паридаи сабӯсӣ пеши мард гузошт. Ингуна дар косаҳои дигар биринҷобаи омехта бо пӯдинаро пеши писараку духтараконашон гузошт. Мард пакару парешон ва маъюсу ғазаболуд косаро дуртар тела дод:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

-Дилам намекашад. Ин зиндагӣ ба дилам задааст.

Зан ба мард нигариста, забон ба носеҳӣ кушод:

-Мардак, бо муаллимӣ рӯзамон намегузорад, кошки пулата сари вақт диҳанд. Маслиҳати мара гирӣ, билет бихару бирав Расия. Пӯсту устухон шудаӣ. Ғами ману фарзандота не, ғами худата бихӯр, Ақаллан дар он ҷо нони сафеди болаззату хӯрокҳои серғизои ҳархела хӯрда, ҷонат меосояд. Мо ин ҷо як бало мекунем. Ҳа нагуфта, вақти сиёҳалафу чукриву торон фаро мерасад. Аз ягон худоҷӯ қарз пурсида, орд мехарем ё гандум. Ҳамин ки кор ёфтиву пуле ба даст овардӣ, мефиристӣ, ҳамааш нағз мешавад. Охир, дунё ба як қарор намемонад-ку…

Мард яке ба фикру хаёл рафт. Дар пиндораш, ки дар Русия сари хони пурнозу неъмат нишаста, хлебу батони нарму гармро бо маскаву қаймоқ бо шавқ ва майли дил тановул мекунад. Баъд чойи гарми хушбӯ ё қаҳваи гарм менӯшад.

Нисфирӯзӣ ва шомгоҳон хӯрокҳои гарму мутафовитро, ки бағоят серғизову бомазаанд ва бартар аз ҳама сергӯшту серравғананд, бо иштиҳо фурӯ мебараду нӯши ҷон мекунад. Ва нохоставу ногаҳонӣ мард гӯё дар мулки дур, дар ғарибӣ бошад, ҳангоми сарфи ғизои гарму болаззат ва хлебу батонҳои сурху сафед дар оинаи рӯъёяш чеҳраҳои заҳиру чашмони пур аз андуҳи зану кӯдаконашро, ки як бурда нони сабӯсиро бо ҳазорон азоб ба даҳон мебаранд, амиқу равшан мебинад.

Ин тасаввур ончунон равшану сареҳ аст, ки андуҳе лобаён ба ҳисори дилаш чанг мезанаду онро дар пиндори мард пора-пора ва аз ҳам фурӯ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

мерезад. Ва ӯ, то ки дард девонавор ба девори қалбаш сар кӯбидаву ҷонашро ба халқаш наорад, оҳи сарде мекашад ва тӯфону ошӯби ғамро бо ҳазорон азоб дар ҳастааш хафа мекунаду ҳасратзада фарёд мекашад:

-Ман, ман серу шумо… шумо гурусна?

Ва аз ин пиндору хаёл қатраҳои ашк (ҳарчанд вай гиристанро ҳеҷ хуш надошту аслан гириста наметавонист) аз чашмони мард рӯйи дастархон чакида, зану кӯдаконашро гирифтори ҳайрат кард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

# ВОПАСИН ЛАҲЗА

Мӯйсафед вопасин лаҳзаҳои умри худро аз сар мегузаронд. Мурғи ҷонаш дар ҳоли аз маъмани тан парвоз кардан қарор дошту нигоҳи хирааш ҳама мавҷуди дар хона буда ва хоса, пайвандону наздиконро дарҳам-барҳам медид. Дард ҳамоно шиддат мекарду пайкарашро мегудохт. Се рӯзи охир сӯзиши пойҳояш афзун гардидаву дар пиндораш тадриҷан аз мағзу дилу ҷигар ба поёни бадан, бар пойҳояш нуфуз карда, пойҳояш монои он ки захмин шудаву рӯйи он намак пошида бошанд, месӯзанду ҷонашро ба ҳалқаш оварда, вай инони ихтиёр аз каф медиҳад. Воқеан, пойҳояш варамидаву ранги кабудфом ба худ гирифта, рагҳо аз зери пӯст бармало гардидаанд. Оҳ мекашад мӯйсафед ва зери лаб пажвок мезанад:

«Ё Худоё, азоби ҷон кандан чӣ қадр вазнин будааст. Солест, ки бемории лоилоҷ пайкарамро дар панҷаи бераҳмонааш фишурдаву шираву шарбати танамро макида, гӯштам об шудаву пӯсту устухон боқӣ мондааст аз ман. Аввалҳо дилу ҷигарам чун дар рӯйи тобаи тафсон месӯхту кабоб ва оҳиста-оҳиста нафасгириям вазнину чашмонам камбин шуданд. Баъд дард ба мисли хазандаи заҳрогин ба тахтапуштам чангол зад. Дарди гурдаҳо аз ҳама сангин будааст. Ин сӯзишу гудоз ба поён нарасида, инак, пойҳо омос пайдо кардаанд. Аммо ман мурдан намехоҳам, ҷони дигарон ҷон будаасту ҷону ман-не? Не, не, не! Ва аз зери лабҳои мӯйсафед нолаи хафифе берун мебарояд:

-Пойҳоям сахт месӯзанд. Хезен, ягон даво пайдо кунен. Чӣ дар гирди ман сарҳо хам, бум воре шиштен?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Аҳли хонадон, пайвандон аз қабл огаҳӣ доштанд, ки мӯйсафед рӯзҳои охирини зиндагияшро аз сар мегузаронад. Духтур оварда буданду вай вазъи беморро санҷида, оқибат хулоса кард:

-Дигар мӯйсафедро озор надиҳед. Аз умраш ками кам мондааст. Омоси ҷигар дарди бедавост. Аз наздаш, аммо дур нашавед.

Майрамбӣ, пиразани солманд, ҳамсояи девордармиёни хонадон маслиҳат пеш овард, ки аз ҳавлӣ гиёҳи парамбаргро чида, дар об тар карда, ба пойҳои мӯйсафед банданд.

-Банда, то ҷон дар бадан дорад, умеди зистан аз хаёлаш дур намешавад. Дарди зӯр кӯҳ барин пайкари мӯйсафедро афсурда кардааст. Чӣ илоҷ, ҷон ширин аст. Хезед, гиёҳи парамбаргро чида биёреду ба пойҳояш бандед. Варами пойҳоро мегардонад. Фарзандон бархоста, аз пайи чида овардани гиёҳ шуданд.

Аммо мӯйсафеди бемор… тангдилона ба тирезаи хона чашм дӯхта, як пора осмонро хира-хира медиду пасон чашмонаш сиёҳ зада, гӯё дар хобу хаёл аҷаб манзарае пеши назараш падидор мегашт. Вай, ҷавонмарди тақрибан 35- сола аз шаҳр омада, (бинокор буду дар бунёди хонаҳои серошёна саҳм мегузошт) як пиёла чойро нӯшида, азбаски сахт монда шуда буд, сар ба болин ниҳоду хобаш бурд. Лаҳзае пас садои бародарбузургаш ӯро аз хоб яккад паронду бедор шуд.

- Медонам, бефараӣ,- бо оҳанги нарму мулоим хитоб кард бародарбузургаш. – Лекин, хоҳиш доштам, ки маро ҳамроҳӣ кунию ба дашти Лолазор барои алаф биравем. Маркаби ҳамсояро мегирему меравем. Илтимос, не нагӯ. Ҷавонмард бо дили нохоҳам, ошуфтаю гаронборона бархосту ба роҳ даромаданӣ шуданд. Маркаби ҳамсоя дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

назди мактаб, дар пуштаи сералафе фориғ аз кору ташвишҳои олам чаро мекард. Бародараш бо соҳиби хар, посбони дабистон Зобули ҳардамхаёл вохӯрдаву дар фосилаи дуртар ба суҳбат пардохтанд. Вай ба пушта баромада, банди маркабро ба даст гирифта, дарозгӯшро поён, ба ҳамворӣ ҳай кардан мехост, ки овози Зобул ба гӯшаш расид:

- Ҳой Абдукарим, эҳтиёт куну ҳушёр бош. Ин хари лаънатӣ нағмаи нав бароварда, кам-кам феъли газидан пайдо кардааст. Эҳтиёт хуб аст... Ҷавонмард сараш сих задаву ба дард омада, пакару парешон аз банди маркаб дошта, ҷонварро ба ҳамворӣ ҳай кардан мехоҳад, аммо ҷонвар якравию зуъмӣ карда, пойҳояшро тиргак монда, худро қафо мекашад. Аз чӣ бошад, ба майдони сабзазор қадам мондан намехоҳад. Як лаҳза ҷавонмард мушоҳида мекунад, ки маркаб бадани пурраву фарбеҳ дорад. Аммо нигоҳаш бас ғазаболуду нафрати ошкоро дар косаи чашмонаш мавҷ мезанад.

Ҷавонмард оламу одамро фаромӯш карда, бо чӯбдасти вазнин ба бадани хар мезанад, баъд ба сарӯ рӯяш. Дар ин ҳол торҳои асаби ҷавонмард таранг ва қаҳрогин мешавад. Якуякбора, чун дар навор маркаб ҳангос мезанаду ба сӯйи ӯ медавад. Дар нигоҳи ҷавонмард чашмони ҷонвар баробари шоҳкоса мешаванд, аз зери сумҳояш фавҷи чангу ғубор бармехезаду ба фазо мепечад. Дар як лаҳза фикре барқвор аз мағзи ҷавонмард мегузарад, ки агар хар одамро газад, ба зудӣ раҳо намекунад. Ингуна ҳодисаҳо бисёр воқеъ шудаанд, ки бо газидани хар ину он узви бадани одам пора- пора ва вай маъюби якумрӣ шудааст. Якеро даст, дигареро пой, савумиро гардан ё тахтапушт захмину ҷароҳатбор гардида, ба ними одам



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

табдил ёфтааст.Тарсу вахм нохудогоҳ ҷавонмардро фаро гирифта, ҳеҷ тадбире баҳри халосии худ фикр карда намеёбад, зеро вақти андешидан ҳам надорад. Маркаб чун балои осмонӣ ба ӯ ҳамла мекунад, дандонҳои калон-калони чу дандонаҳои арраи дастӣ бадҳайбаташ ба чашм мерасанд ва ҷонвар дандон ба панҷаи дасти рости ӯ мезанад. “Корам тамом, - аз дил мегузаронад ҷавонмард, дастам аз тан ҷудо мешавад. Э, вой!” Дандонҳои маркаб ба гӯшти нарми кафи даст фурӯ рафта, аз он ҷо хун заҳида мебарояд. Сӯзиши панҷаи даст таҳаммулнопазир асту ба тадриҷ ба тамоми аъзои бадани ҷавонмард паҳн мешавад ва то мағзаш расида, шабеҳи он ки хунаш аз ҳаракат монда бошад, дар тасаввури ӯ вуҷудаш карахту ҷон тарк мекунад ҷисмашро.

“ Наход... наход ман бимирам? Ин маркаб буд ё бало? Эҳ Худо, ин заҷру азоб барои кадом амали бадам? Подоши кадом кирдору рафтори зиштам? Оё ман лоиқи чунин ҷазоям? Охир, дар зиндагӣ то тавонистам, некӣ кардаму мӯреро наёзурдам. Пас ин ҷабру ҷафо барои чӣ ?”

Ҷавонмард маргро дар сурати маркаб баръало пеши чашм дида, ногаҳон ончунон баланд фиғон кашид, ки ( воаҷабо!) дарозгӯши ба ғазаб омада тарсид. Тарсиду даҳон пас кашида, ба сӯйи ҷавонмард хез зад.

Абдукарим мувозинаташро гум карда, рӯйи сабзазор афтид. Маркаб аз болои вай ҷаҳида, лагаде ба сараш заду ба тохтан даромад. Дар як лаҳза ҷонвар куҷое ғайб зад. Кас надонист, ки маркабро замин фурӯ бурд ё чун дар афсона бол баровардa ба осмон парвоз кард. Аммо ҷавонмард рӯ ба осмон ноҷунбон мехобиду дар нигоҳаш замину замон давр мезаду давр. Вай бо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

азоби тавонкоҳ оқибат аз ҷо бархост ва чанд қадам ниҳода, рӯйи тобасанги майдон нишаст.

Нишасту ба панҷаи хунолудаш нигарист. Дандони маркаб дар кафи дасташ изи хунини амиқ гузошта, ҷойи ҷароҳат ба таври даҳшатангез месӯхт. Сӯзиши қаланфурро ба ёди Абдукарим меовард. Вай мехост, озод нафас кашида, ба бародарбузургаш дар бораи рухдоди фалокатбору саҳмгин хабар диҳад, вале…

Вале нафас дар гулуяш гиреҳ хурда, овоз бароварда наметавонист.

“Аз тарс забонам шах шуда, ба гунг табдил ёфтаам, чӣ бало? Чаро нафас кашида наметавонам? Чизе санг барин вазнин дар қафаси синаам банд шудааст: Ин чист? Наход ҷон бошад? Мегӯянд, ки ҷон аз бадани одам ҳамин хел, ноаёну ногаҳон мебарояд.

Пас ман мемирам. Оҳ...”

Осмон, ки дар нигоҳаш бағоят тира метофт, гӯё паст фаромада, ӯро пахш кардан мехост. Нафасаш ҳамчунон гиреҳ зада, берун намебаромад.

“Мурдан. Ҳолатест, ки рух додани он ҳеҷ ҷои ҳайрату тааҷҷуб надоштааст. Ана ҳоли ҳозир, нафас ( ё ҷон!) мебарояду баъд... ман абадан чашм мепӯшам. Мегӯянд- ку, одаму дам.”

...Мӯйсафед бо азоби алим чашм мекушояд. Ҳамсараш, пиразани ҳамдарду ғамшарики вай, парамбаргҳоро бафурҷа дар об тар карда, ба пойҳои варамидаи мӯйсафед бо латтае баста, нафаси сабук кашид.

- Тоқат кун, мардак, - тасалло медиҳад мӯйсафедро, - як дам пас мебинӣ, ки варами пойҳоят мегардаңду дарду сӯзиш гум шуда меравад. Ва хомӯш монда, остини васеи куртаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

чити сафедашро зери лаб гирифта, пичиррос мезанад:

- Чӣ дардест, ки мӯйсафеда азоб дод, дилу ҷигараш сӯхта, обу адо шуд. Ҳар гоҳе даҳон мекушояд, то ба ҳалқаш об чаконем, мегӯӣ аз танӯраи оташин нафасаш берун мебарояд.

Эҳ Худо, сабукаш кун...”

Аммо мӯйсафед нафасгирияш вазнину номураттаб гардида, чашм мепӯшаду...ҳамон воқеа пеши назараш дубора муҷассам мегардад.

Мебинад, ки маркаб ба сӯяш медавад, чашмони калон-калони шоҳкосамонандаш моломоли ғазабу нафрат, ба панҷаи дасти рости ӯ дандон мезанад. Аз ҷойи газида хун заҳида мебарояд. Вай аз дарду сӯзиши панҷааш хастаю бемадор шуда, рӯйи замин мехобад. Баъд... бародарбузургаш давида ба сарвақташ мерасад.

- Айби ман, гуноҳ кардам, гуноҳи бас бузург,- мегӯяд оҳу афсусхӯрон бародараш ва ӯро ба оғӯш мегирад:

- Маро бубахш, Абдукаримҷон. Ин воқеа ногаҳон рӯй дод, нафаҳмида мондам. Ту беҳтарин инсон ҳастӣ. Заҳматкаш, баору номус. Умеду бовари манӣ ту! Бубахш маро, ҷон бародарҷон!

Хир- хир овоз баровардани мӯйсафед ҳамаро ба ташвиш оварду безобита кард. Бародарбузурги бемор зуд назди болинаш ҳозир шуд.

- Чӣ гап шуд?- паст-паст ва канда- канда пичиррос зад мӯйсафед.

- Ман гап зада натавониста истодаам. Забонам мегирад. Та-та-та -, э... ё Аллоҳи бузург...

Вай, чашмонаш ҳанӯз боз, охирин суханро ба забон овард:

-Бах-ши-дам, бахшидам, ҳамаатонро...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

## НАВБАТ

“Худо умри Орзумуроди раиса дароз кунад. Ҳузури фарзандону набераҳоша бинад. Агар ҳамон як гектар замина ҷудо карда намедод, дар ин кашокаши тақдир, ҷангу хунрезӣ, қаҳтию гуруснагӣ ҳоли мову фарзандон ва набераҳомон чӣ мешуд? Ҳазорсола шавад, раис. Дар хоки пош садқа. Э ин раиса падараш Назарбек ҳамин хел хайрхоҳу дасткушод буд. Худо ҷоша ҷаннат кунад. Дар солҳои ҷанг дарвозаи ҳавлияш ҳамеша ба рӯйи мардум, хурду калон, пиру барно кушода буд. Гандуму ҷав, арзану мош, наску лӯбиёву нахӯдро то аз дасташ меомад, медод ба одамон. То ҳол мардум дуои ҷони раиса мекунанд. Писараш Орзумурод айнан мисли падараш рафтор мекунад. Ҳамин замини ҷудо карда додагияш ҳузури ҷони аҳли хонадон шуд. Гандум ҳосили хуб дод. Пойи ҳаққу ҳамсоя аз дари хонаамон канда нест. Хайр, замони вазнин, мардум як бурда нони хӯрдан надоранд. Як сатил ним - сатил гандум хайр мекунем ба онҳо. Чӣ чора, ҳамин ҷанги бемаънӣ ҳамаро сарсону овора ва муҳтоҷи як пора нон кард”.

Пиразан, ки мӯйҳои барфосо сафедаш аз зери рӯймоли гардии сурхрангаш намоён буд, зуд-зуд гандумро ғалбер карда, худ ба худ ҳамин тавр гап мезад ва чангу ғубори гандум бар мӯйҳояш менишаст.

Вай гандум ғалбер мекарду хаёлу хотираш ба замони дури ҷавонияш, ки ҳамакнун ба хонаи 30 қадам мегузошт, рафта дакка мехурд. Як он пеши назараш навҳаю фиғони фарзандони кӯчакаш - Нозгули сесола ва Ҷонибеки панҷсола



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

падидор гардида, беихтиёр об дар чашмонаш ба пайдо меояд, лаҳзае ғалбер дар даст карахту ноҷунбон ба кунҷи ҳавлӣ менигарад...

Ҷанг идома дошту шавҳари ҷавонзанро ба ҳифзи марзу буми ватан даъват карданд. Дар деҳ аҳвол бас сангину нохушоянд, нон нест, одамон азоби гуруснагӣ мекашанд, мемиранд. Ҳамин субҳ вай – Гулистони резапайкару абрусиёҳ, ки чеҳраи моҳтобияш дар офтоб сӯхтаву аз ғаму ҳасрати бепоён ва гуруснагӣ харобу бемадор шудааст, назди имтиҳони сарнавишт оҷизу нотавон монданашро бағоят амиқ ҳис кард. Нозгулу Ҷонибекаш баробар "нон, нон" гуфта, фарёду фиғон мекашиданд. Гулистон ба хонаи чанд ҳаққу ҳамсояи ба қавле "дилобхӯр"-и дорову то ҷое "молу ҳолдор"-аш сар халонд, илтиҷо кард, ки фарзандонаш дар дами марг қарор доранд. Аммо мурóде ҳосил нашуду дар кафаш бод ба хона баргашт. Ба хона баргашту нолаҳои ҷонгудози Нозгулу Ҷонибек чу теғ бар ҷигараш халида, аз ноилоҷию забунӣ гирист. Гиристу дилашро холӣ кард. Баъд илоҷи воқеаро ҷустанӣ шуда, ба хаёл рафт. Чӣ кор кунад? Ба куҷо равад? На тут монду на гелосу олуболу. Меваҳоро нимхом мардум чида, нӯши ҷон карданд. Чанд рӯз қабл ҳамсояаш Сайрамбӣ мотам дошт. Яккаписараш Салими хурдсол аз гуруснагӣ мисли фарзандони Гулистон менолиду мӯя мекашид. Ҳафтае аз бенонию гуруснагӣ сабру қарорро аз даст дода, ба кадом кӯю дар сар заданашро намедонист ҳамсоязан. Ниҳоят аз хонаи апаааш, аз деҳаи ҳамсоя як коса нахӯд пайдо карда овард. Оварду онро дар намакоб ҷӯшонда, ба писарчааш хуронданӣ шуд. Ибтидо беҳавсалаю майл каме шӯрнахуд ба даҳон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

бурд писарчааш, баъд рӯ гардонд. Модар аз паси кори рӯзгор шуду писарак дафъатан аз болин сар бардошта, косаи шӯрнахӯдро ҷуст. Хости тақдир, якбораву нохоста ба иштиҳо омада, як коса нахӯди шӯрро пок-покиза хӯрда, ташна мемонад писарак. Ташна мемонаду базӯр-базӯр қадам зада, ба назди сатилҳои пуроб мерасад ва сарпӯши сатилеро бардоштаву хам шуда, аз оби зулолу софи он менӯшаду менӯшад. Як вақт шикамаш, худе, ки варам карда бошад, дамида, нафасгирияш душвор мегардад. Оҳиставу бесадо дар рӯйи сӯфаи зери шоҳтути бузург дароз мекашад писарак ва... дигар намеҷунбад, ҳатто овоз намебарорад. Модар барои бурдани сатили об меояд ва писарчаашро дар як чунин вазъ бидида, банди изтиробу ҳаяҷон сӯяш медавад.

- Ҷони оча, чият шуда? - ваҳшатзада мепурсад зан, аммо дар ҷавоб на ҳарфе, на овозе.

- Ку бихез, бачам, - писаракро ба оғӯш гирифта, хитоб мекунад модари шӯрбахт.

- Гап зан, чият шуда?

- Чашмонатро кушо, бачам. Э дар шикамчаи бӯйи нон надидаат ҷонам, шаҳбачае, мегӯяд.

Дигар писарак гӯё забонаш ях баста бошад, овоз намебарорад ва чашмонаш боз... модарро ба ғам гирифтор мекунад. Марги ногаҳонии писарак барои модар талху аламовар буд.

- Бенасиб нарафтӣ, бачам, - ашк дар бари рухсораҳо менолид модар. - Як ҳафта "нон" гуфтию нон. Гурусна будӣ, аз ҳеҷ ҷо як пиёла орду як бурда нон наёфт очаи номуродат. Ризқат ҳамин шӯрнахӯд будаст, бачам. Оҳ – воҳ...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Гулистон ин воқеаро шунида, чанд рӯзест, ки дар гирдоби ғам гирифтор, синааш таҳ ба таҳ зардоб гардидааст.

Вай дар деҳ аз давраҳои арӯсияш бо ҳунари дӯзандагӣ ном бароварда, барои занону духтарон курта медӯхт. Ҳунари дарздӯзӣ дошт, сӯзаниҳои дӯхтааш хонаҳои арӯсону келинчакҳоро зебу оро медод. Раису деҳдор низ аз ҳунари дастони ӯ хуб огаҳӣ доштанд. Зани раис чанд дафъа барои духтаронаш курта дӯзонда буд. Дар тӯйи писараш зардӯзию сӯзанӣ фармуда буд ба Гулистон. Дӯст медошт Гулистонро ҳамсари раис.

Инак баъди андешаи зиёд, раису ҳамсараш ба ёди Гулистон расиданд. Вай дар дил қарор дод, ки ба хонаи раис меравад ва хоҳиш мекунад, ки..

... хоҳиш не, балки дар хусуси аҳволи ғамангезаш як ба як нақл мекунад.

“Ҳарчи бодо бод, меравам ба хонаи раис. Яке Худо дар дилашон раҳму инсофа бедор мекунад?”

Вай ба Ҷонибек фаҳмонд, ки хоҳарчаашро хуб нигоҳ кунад, ҳамин ҳоло нон ёфта меорад.

- Тоқат кун, бачам, - бо оҳанги нарму навозишкорона гуфт Гулистон. –Як дам пас нон меорам. Нонро хӯрда гурусна буданатонро зуд фаромӯш мекунед. Эҳ, хок дар сари азобҳои очат...

Гулистон рӯймоли калони гардӣ даври сар печонида, камзӯли сиёҳфомро аз болои куртаи чити рангбохта ба бар карду роҳ ҷониби хонаи раис гирифт. Ҳангоме ки вай сар-сари наҳри калон ба хонаи раис, ки дар поёни деҳа ҷойгир шуда буд, расид, аз ҳайрати ошкоро чашмонаш боз, на пеш қадам зада метавонисту на қафо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Назди дарвозаи чӯбкории раис ончунон мардуми бешуморе паси якдигар саф кашида, бетоқатона талоши аз ҳам пеш гузаштану зудтар ба хонаи раис даромадан мекарданд,ки дар ҳисоби онҳо – келинчаку ҷавонзан, занони миёнаумру пиразанон ва чанд марди маъюби аз ҷанг баргаштаву мӯйсафедон кас дар мемонд. Сафи беохири мардуми деҳ то роҳи калон рафта мерасид.

"Ё Худоё",-аз дил гузаронд Гулистон, бо ин аҳвол то навбати ман мерасад, ки Нозгулу Ҷонибек аз гуруснагӣ ҷон месупоранд. Чӣ кор кунам? Оҳ Худо..."

Вай рӯймоли гардиро ба пешонияш кашида, қадаме чанд фаротар ниҳод.

- Аз паси ман меистӣ, - бо оҳанги хашин, норозиёна фаҳмонд ба ӯ Саидмуроди аз як даст маҳрум. - Қариб 100 кас навбат мепоянд. Гулистон боз гоме пештар гузоштанӣ шуд.

- Пеш нагузар, - дод зад Саидмурод, навбат навбат аст. Мефаҳмӣ ё не?

Гулистон каноре истода, оламу одамро фаромӯш карда, ба гиря даромад. Ашк ба рухсораҳояш мешорид, вай чашмони замоне пурдурахшу зебояшро, ки дар умқи онҳо ғами бепоёне нуҳуфта буд, аз навбати одамон, ки дар моварои зиндагӣ ва марг қарор доштанд, наканда, оҳи сӯзон аз ҷигар берун мекашид. Дигар ба ҳоли забуну риққатовари хеш таваҷҷуҳ намекард. Оби дидагонашро пок ҳам намекард.

"Наход 100 нафар ин ҷо, назди хонаи раис навбат истода бошанд?-банди тардиду шубҳа аз худ пурсон шуд зан. Ин чӣ рӯзи сиёҳ аст. Магар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

ҷанг ҳамин аст? Кӣ хезонд ҳамин ҷанга? Чӣ мехоҳад вай – фашисти бачамурда? Чӣ?!”

Гулистон зери офтоби сӯзон хеле азоб кашида, мушоҳида мекард, ки навбат ба кундӣ пеш меравад. Дилаш заъф карду сараш чарх зад ва пеши чашмонашро пардаи тирагӣ фаро гирифт. Вай каноре, болои сабзаи ҳолиё сӯхтаву зардшуда нишаст. Пасон фикре ба сараш омада, аз ҷо бархост ва зуд-зуд қадам зада, ба навбатбудагон эътиборе надода, ба сӯйи дарвозаи раис шитофт. Одамон бо танаффур ва ғазаби ошкоро ба ӯ менигаристанд ва шунавою ношунаво суханҳое ба забон меоварданду носазояш мегуфтанд. Вай гӯё бол бароварда парвоз мекард. Аз дари раис даромада, арақҳояш рез- резон, бо нигоҳи имдодталабона ҳамсари раисро ҷустанӣ шуд. Ва... бахташ омад карда, ӯро назди оташдон дид, ки ба духтару келинаш чизеро мефаҳмонд. Зуд худро ба назди ҳамсари раис расонда, бе ҳеҷ муқаддима аз вазъи даҳшатангези ба сараш омада нақл кард. Гиристу гирист.

- Ҷон, янгаҷон, - илтиҷо кард вай,- бачаҳаком мемиранд. Як пора нон...

Гулистон дигар ҳарфе ба забон оварда натавонист. Ҳамсари раис, зани болобаланди сабзина қафо гашт. Ва... воаҷабо, дар даст кӯрпачаи нимдӯхти оҳарӣ қадамзанон ба Гулистон наздик шуд.

- Мардуме, ки дар берун навбат поида истодаанд, аз рафтори ту ба шӯр омада, ба ягон бало гирифторат мекунанд,- фаҳмонд вай ва афзуд:

- Барои ҳамин як нони гандумиро дар байни ин кӯрпача гузоштам. Бигиру тез ба хонаат рав.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Агар пурсанд, ки чӣ кор доштӣ, бигӯ, ки кӯрпачаи зани раиса дӯхтанам даркор. Фаҳмидӣ? Ҷонат бо ҳамин баҳона халос мешавад.

Гулистон ҳаросида, пакару ошуфта кӯрпача дар даст аз дари раис баромад ва ибтидо ором-орому оҳиста-оҳиста қадам бардошта, сипас аз зери чашм ба одамон нигариста, бо аҷала гом ниҳода, ба сӯйи хонааш роҳ пеш гирифт. Вай дубора аз хурсандӣ, аз ин бахти ногаҳонӣ, ки насибаш гардида буд, ту гӯйӣ бол бароварда, ба парвоз даромада,ба тохтан даромад. Ҳаш-ҳашкунон, нафас дар гулуяш гиреҳ зада, оқибат дари дутабақаи чӯбини фарсударо кушода, сӯйи хонаи хоб давид. Ҳангоме ки аз дари хона даромад, манзараи ногувору фоҷиабореро бо ду чашми сар дид. Ҷонибек такя ба сандуқ, нигоҳи чашмонаш бефарқ, ором буду Нозгул каноре дароз кашида. Вай нони гарму нарми хушбӯйро аз мағзи кӯрпача гирифта, пораи калонеро аз он бишкаста ба Ҷонибек дароз кард:

- Хӯр, бачам, тез-тез хӯр. Охир, қариб аз гуруснагӣ ҳалок мешудие.

Ҷонибек нонро бо ҳирси тамом мехӯрду даҳонаш пур аз болои он боз пораи дигарро зер мекард.

Аммо...

Нозгул бо чашмони бози нигоҳаш яхбаста рӯйи гилеми нимдошт беҳаракат мехобид. Ҷисми кӯчакаш шах шуда буд.

***

- Чӣ ба фикру хаёл рафтӣ, оча?

Овози Ҷонибек, ки марди зоҳиран 50-55-сола, қадбаланду фарохшона буд, пиразанро аз олами ёдҳои ғамангез берун овард. Вай ғалберро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net мурочиат кунед

каноре гузошта,чангу ғубори куртаашро афшонда, бо ҳавас ба писараш нигарист.

- Эҳ Ҷонибеки ҷони оча,- ба забон овард модар, риштаи умрат дароз будааст, ки ба ин рӯзҳо расидӣ.

Ва оҳи бадард кашид:

- Аҷал ба Нозгул раҳм накард, ғӯрамарг шуд вай.

- Медонӣ, Ҷонибеки оча, ҳазор марта шукр мекунам ба даргоҳи Худованд. Рӯзҳои сангин паси сар шуданд. Ун ҷанг ҳам гузашт. Соҳиби духтару писарон, набераҳову аберахо шудем. Шукр, ҳазорон шукр.

Ва чизе ба ёдаш расид ки оҳиста аз ҷо бархост:

- Дар зиндагӣ фақат як амал мемонад аз одам. Бачам, ба одамон то аз дастат меояд, хайру некӣ кун. Худованд накукоронро бе подош намемонад. Ҳа-а...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

# ИМТИҲОНИ ҚИСМАТ

Мӯйсафед сар аз болин саҳл ғеҷондаву бадани афсурдаву абгорашро ёзонид, андаруни кӯрпа, ки шабеҳи гӯр ба чашмаш мерасид, дасташро ин сӯву он сӯ ҷунбонид ва пас-он лахте ба тиреза, ки аз паси шишаҳои он дарахтони анҷиру шоҳтуту олуболу, зардолу ва себи сурхи солманд зери нурҳои тиллогуни хуршеди нимрӯзӣ ҷилову дурахше медоданд, нигарист. Оҳе бадарду ҳасратзо аз ҷигар кашид, хонаи дилашро эҳсоси навмедию тарс пур кард, пойҳояшро бо азоби алим ба ҳаракат даровард, дасти рост боло бардошта, магаси хираеро, ки дар рӯяш биншаста, роҳат аз ин оромие, ки насибаш шуда буд, ноҷунбон ҳатто пар намезад, пеш кард, баъд ришашро палмосид. «Эҳ Худои бузург, -аз дил гузаронд мӯйсафед, ки ҳамакнун ба хонаи ҳаштод қадам мегузошт, -чӣ ҷурму лағзиже бузург аз ман гузашта, ки ин гуна ҳолам харобу ҷонам дар панҷаи азоб, рӯзҳои сангину бемаъниямро бо дарди тавонкоҳ ба шом мерасонам? Ман, ки як дам қарор надоштам, ман, ки аслан хобу хӯру фароғатро намедонистам, ман, ки беҳуда дар хона пойҳоямро дароз карда нишастанро аслан намеписандидам, ман, ки ҳатто ба маъракаҳои хурсандӣ ва ё оши худоии ину он ҳамдеҳагон на ҳама вақт ҳозир мешудам, вақтҳои охир ба он андоза дар замини деҳқонӣ ба дарави алафу об мондани кишти гуногуни зироат, каланд задану хишова банд будам, ки хабари марги нафаре аз ҳамдеҳагон ва ҷанозаву гуру чӯби ӯро қарибиҳои шом, ҳангоми аз сари замин, ки дар фосилаи басо дур, дар марзи ҳамсоядеҳ ҷойгир шуда буд,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

баргаштан мешунидаму фикрҳои сиёҳу мағшуше мағзамро фаро мегирифт, якбораву ногаҳонӣ аз пойи равону забони гӯё мондам. Эҳ фалак, аҷаб ҷабру ҷафое бар ҷонам раво дидӣ!»

Мӯйсафед дасти дареғ бар зону зад, хорияш омад. Чаро чунин танҳову бечора шудааст? Чӣ, магар писарону ҳамсараш ва келинҳою наберагон аз ӯву ҳоли дилрешкунанда ва сару сураташ безор шудаанд? На, аслан ингунае ки мӯйсафеди бемор мепиндораду дар замираш шикваю норизоӣ мекунад, набуду нест. Писарбузургаш, ки дар гӯшае аз қаламрави деҳ зиндагӣ мекунад, субҳ медарояду хабар мегирадаш, ба кораш рафта, бегоҳ боз аз дар медарояд, анвои меваю хӯрданиҳои шодобу серширави болаззат дар халтаҳо, ба назари падари пираш, ки аз ҷаҳони дуре афсонавӣ ба пайдо омада бошад, ҳолу аҳвол мепурсадаш.

Писари дувум доиман ҳамин ҷост, ҳарчанд бо занг заданҳову супориш доданҳои сардораш гоҳу ногоҳ савори мошин мебарояду меравад, аммо тавре эҳсос мешавад, ки ҳузураш ҳамвора бо ин хонаву ҳаёт бастагӣ дорад. Мӯйсафед ҳамин гуна хаёл мекунад ва гоҳе дар набудани ӯ низ аз даҳон овозҳои мутафовит мебарорад ва бо ишораҳои links мармуз фарёд кардан мехоҳад. Овозу ишораҳои аҷибашро илло фарзанди дувум дигар касе аз пайвандонаш амиқу дақиқ фаҳму дарк карда наметавонанд. Розҳои дилу эҳсосу ниёзҳои ниҳонию махуф ва маҳрамонаашро танҳо Фаррухрӯз тавони фаҳмидан мекунаду аз пайи тадбирандешӣ мешаваду чорасозӣ.

Ҳамсари мӯйсафед, зани миёнаумри ҳамеша андешаманду хомӯш, ки пайваста, орому нарму



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

бесадо аз дар медарояду наздаш менишинад, дар илоҷу ҳалли муаммоҳои соҳиби сараш оҷизу нотавон аст. Вале, инак чандест, ки (шояд ду ҳафта шуд) мӯйсафед одати дигаре пайдо кардааст: гоҳу ногоҳ, баҳудаву беҳуда ҳангоми хонаро холӣ дарёфтану худро танҳою забун ҳис кардан садои ваҳмангезе мебарорад, ин садо ба тадриҷ иртифоъ мегирад, аз дару девор гузашта, ба берун нуфуз мекунад, рӯ-рӯи шохаҳои пурбаргу пурмеваи анҷиру шоҳтуту зардолу, олуболую хавозаи токи ангури тоифӣ ва себи сурхи куҳансол ҳаракату чарх зада, ба фазои деҳ густариш меёбад, ингуна баланду баланд гардида, оҳанги бонгу ниҳеби тарсзо ба худ гирифта, ҳамсоягонро ба ташвишу таҳлука мувоҷеҳ месозад.

-Э, ееееее, э-ҳе, ҳе, ҳей… аъ-а-а-а-а… -баланд мешавад садои мӯйсафед ва гӯшҳоро ба қомат меораду дилу ҷонро асири ҳузни навмедизо месозад. Ин садо, ангор аз ҷаҳони дигар меояд, исёну эътирозест, як садои додхоҳист, шикояту шиква ва ранҷиши ошкорое ба даргоҳи Холиқи яктост. Ибтидо ҳамсоягон ба ин садои ғайримунтазираю ҷонкоҳона ва то андозае имдодталабонаи мӯйсафед, ки рӯз дар миён, тақрибан ним соат идома меёфт, гӯш фаро дода, даст афшондаю сар ҷунбонда, ба таври худ хулоса мебароварданд:

-Азобаш зӯр аст, як одами сип-сиҳат, якуякбора аз пову пар ва забони гуфтор монаду баҳузуру бафурҷа, табъи дил, озодона гаштугузор карда натавонад, дигар аз дасташ ғайри фарёду фиғон чӣ ҳам меояд?

-Э ба Худо, бобои Исо бас чобуку ҷалду серҳаракат буд. Синнаш ба таки 80 расида бошад



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

ҳам, чунон алафу гандум дарав карда, дарза мебаст, ки ҷавонҳои ҳозира дар даҳ сари сол аз уҳдаи ин амалҳо баромада наметавонистанд.

-Ҳо, ҳо, гектар-гектари гандуму ришқаро худаш танҳо саришта мекард. Э ба ростӣ, бақуввату қайиш буд, мӯйсафед. Ё чашми баду бало расидаш? Кӣ медонад?

-Чанд соли охир дар қатори дигар ҳамдеҳагон ба кишту парвариши тути заминӣ машғул буд. Каланд мезаду заминро нарм мекард, аз худи доманаи кӯҳи Сизор об баста меовард. Сатил-сатил тути заминиро яклухт ба шаҳри Калон бурда, бо майли дилаш ба савдо мезад. Э бача, шабҳо хоб набуд, боло медавиду поён, ҳеҷ карору ором надошт.

-Хости Худо, ин ҳама суханони мо беҳуда, аз қавли кампири Оламбибӣ, «фолбиние» беш нестанд. Ба тахмини ман, мӯйсафеда дуои зани аввалааш (Худо ҷоша ҷаннат кунад!) гирифт. Чӣ азобҳоеро аз сар гузаронд раҳматӣ. Мӯйсафеди Исо то дами марг даст аз сари раҳматӣ набардошт, адиру дашт пеш-пеш карда мебурдаш, дар 40-50 дараҷа гармии тоқатфарсои фасли тобистон маҷбураш мекард, ки ҳамроҳаш гандум бидаравад. Ҷонаша хуб дар азоб монд. Ғазаби Худо…

Садои ваҳмангези мӯйсафед, ки гоҳ субҳгоҳон, гоҳе нисфирӯзӣ, гоҳи дигар вақти намози аср ва ҳатто шомгоҳон баланд мешуду чун раъд фазои ороми деҳро меларзонд, розҳое ниҳон дар худ дошт. Ба ғаври исёни мӯйсафед писари дувум – Фаррухрӯз интиҳо расид, донист, ки қисмат як чунин рӯзи сиёҳу фоҷиаро ба қиблагоҳаш ҳавола кардааст. Ба ҷуз ӯ дигар пайвандон ҳеҷ аз таҳту



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net мурожиат кунед

фавқи дарду алам ва ранҷишу озурдагиҳои мӯйсафед пай намебурданд ва бо оҳанги дареғ сар меҷунбонданд:

-Дарди дилашро гуфта наметавонад. Чиҳо аз сараш мегузарад, ғайр аз худашу Худои тори сар кас надонад. Мо дар илоҷу кушоиши ин гиреҳи сарбаста бечораем, дасткӯтоҳем.

Бори аввал, ки садои вахими мӯйсафед бошандагони хонадонро ба таҳлукаю тарс мувоҷеҳ кард, ҳамсараш аз хонаи дигар осемаю шитобзада аз дари бемор даромад, наздаш нишасту ба дастони мӯйсафед, ки гоҳ боло мебардошту гоҳ поён мефаровард, нигариста, аслан чизе нафаҳмид. Ба маънии «гурусна мондаӣ?» сӯйи «хӯҷаини худ» ишораҳо кард. Аммо мӯйсафед бадтар оташи ғазабаш шуълавар гардидаву чашмонаш ба таври даҳшатангез ба ҳамсараш дӯхта шуда, бонг зад, ингуна мехост Замину Осмонро дарҳам бизанад, силсилаи мураттаби ашёву мавҷудоти ҳамарӯзаи ҳавлию хонаи хоби худ, аз дарахтони анҷиру шоҳтуту зардолую олуболую себи ширини сурхи фосилае дуртар воқеъ буда, то як пора осмони ахзаргунро, ки хиратоб аз пушти шишаи тиреза ба чашмаш мерасад, чаҳор девори якранги хона, шоҳчароғи болои сараш овезон, гуна-гуна доруҳои аз кадом мулку кишваре истеҳсолшудаю то ба зодгоҳаш, ба хонаи ӯ омада расидаро, ки болои токчаи тиреза мехобиду дар дил яъсу навмедӣ тавлид мекард, ҳамаро қудрате медошт, аз ҳам рехта, рӯфтаву бурда ба ғори бетаги Лӯлиён ҳаво диҳад.

Ва… чашм пӯшад… ба таври абадӣ, касеву чизеро дигар надида…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ҳамсар, ҳаросе панҷа бар деворҳои қалбаш зад, ларзида бархост зи ҷо ва дармондаю ноилоҷ хост пуштнокӣ, оҳиставу ором аз дар барояд. Дар ҳамин лаҳза ғавғою шӯре берун рехт аз даҳони шавҳар, вай сарашро ковок карда, хост нимхез шуда, сирри дил ошкор созад. «Э занаки бефаҳм, - аз дил гузаронд мӯйсафед, -чият шуда, ки худро гум кардӣ? Ақлат намегирад, ёрдамам кунӣ? Якумр сусту мусту карахту кунда будӣ, ун раҳматӣ мешуд, рӯ-рӯи даст мебардошт маро. Эҳ… воҳ…» Зан пакару парешону ваҳмзада дубора ба шавҳар наздик шуда, болиштро каноре тела дода, аз дастонаш дошта, ёрияш расонд, ки нимхез шавад ва филфавр болиштро ба тахтапушташ гузошт, то роҳату озод нафас бигирад.

Иттифоқо, Фаррухрӯз, ки пайи коре ба шаҳри Калон рафта буд, дар остонаи хона пайдо шуду оташи ғазаби чашмони падар бо дидани ӯ андак-андак фурӯ биншаставу коста гардида, гӯё омадани ӯро аз дер интизор буд, ки овозҳое нарму мулоим баровварда, даст ба поёни бадан, ба ноҳияи нофаш бурд, ишора кард, ки шадидан ин қисмати бадан месӯзаду азобаш медиҳад.

-Ҳо, ҳамааш маълум, роҳи пешоб банд шуда, шошида наметавонад, -гуфт Фаррухрӯз ва назди падар биншаст. Лаҳзае ба чеҳраи заҳири падар бингарист, ингуна нигоҳаш дар нигоҳи бағоят маъюсонаю малолатомези қиблагоҳаш тамаркуз ёфт.

Пас аз он ки Фаррухрӯз пизишки шиносро ба хона оварда, падарро дорую даво карду роҳи пешоби вай кушода шуд, мӯйсафед нафаси озод кашида, шукрона дар лаб ба берун, ба дарахтони анҷиру шоҳтуту зардолую олуболу ва себи сурхи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

пир, ки дар фосилае дуртар, дар баландие воқеъ буданд, нигарист ва чун дар тансиҳатияш эҳсос кард, ки ин ҳама дарахтон чӣ шукуҳманду муҷалло метобанд ба чашмаш! Танҳо тафовут дар он буд, ки мӯйсафед аз сари заминҳои кишт бардаму солор ва хушҳолу хандон, дурахше дар чеҳраи офтобияш намоён баргашта, ба зери ин дарахтон меомад, шохаҳоро меафшонду аз меваҳои пухтаву расида дона-дона чида, дар оби ҷӯйчаи ҳота шуста, бо кайфияту роҳат ба даҳон мебурд. Маззаи зардолуи фалғарию олуболуи пайвандӣ ва себи сурхи хушбӯйро, ки ёд аз замони дури бачагияш меовард, амиқ ҳис карда, мепиндошт, ки олам бағоят зебову диданист, агар як зӯр занаду талош кунад, дасташ ба боми осмон мерасад. Чӣ олами рангину хаёлӣ, чӣ тасаввури сеҳромези афсонавӣ!

Аммо ин оламу пиндорҳои афсонавии ширин умри кӯтоҳе доштанду магар ду-се рӯз беш идома намеёфтанд. Боз ҳамон бонгу ниҳеби раъдосои мӯйсафед баланд мегардиду иртифоъ мегирифт.

Исёни мӯйсафед оғоз мегардид. Дигар ба ин садои тазъйиқовари бемори солманд ҳамсоягон таваҷҷуҳ намекарданд, чун ба он одат карда буданд. Пайвандонаш, писарбузургу писари дувумаш – Фаррухрӯзу ҳамсарашу келинҳо ва ҷумлаи духтаронаш, ки аз деҳаҳои дуру наздик ба хабаргирияш меомаданд, ба дарду азобҳои мӯйсафед, аз қабили зуд-зуд банд шудани роҳи пешобу ҳазм карда натавонистани ину он ғизои тановулкардааш низ оҳиста-оҳиста одат карданд. Хешу таборонаш, ки ба аёдаташ меомаданд, баъд аз аҳволпурсию қадре дар наздаш нишастан панҷу даҳ маблаҒе ба дасташ медоданд ва ин лаҳзае буд,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

ки мӯйсафед аз оҷизию нотавонии худ паст-паст мегирист, афсӯсу дареғ мехӯрд. Вай, охир ба ҳеҷ гуна маблағ ниёз надошт.

Омада-омада ба чӣ рӯзҳое расид!

Боре чун ҳамешагӣ мӯйсафед ғарқ дар олами тасаввуру пиндор ва хаёлҳои бесарунӯги хеш дар танҳоӣ гузаштаҳоро пеши чашм зинда муҷассам месохт, падару модару ҳамсар ва хоҳару бародари кайҳо дар як канори деҳ, дар зери пуштаҳои пасту баланд ба хоби абадӣ рафтаашро ба ёд меовард. Ва аҷабаш меомад, ки чӣ рӯзҳои сангину ваҳшатзоеро бо шуруи ҷанги дохилӣ аз сар гузаронда, зинда монд. Модарашро чун момодоя мешинохтанду нуфузаш аз деҳа баромада, то қаламрави рустову навоҳии дигар густариш ёфта буд ва аз дуру наздик суроғ кардаву ҷуста-ҷуста меомаданд ба дари онҳо, ки кампири Мамлакат ҳамин ҷо зиндагӣ мекунад? Ҳунару маҳорати зотии пиразан ба он дараҷа буд, ки занони нозою, аз қавле, «кӯрпистон» бо муоличаю табобати ӯ баъд аз муддате бор мегирифтанд, ингуна шикастабандӣ анҷом медоду узвҳои сӯхтаву ҷароҳату омосҳои бедаворо шифо мебахшид. Тифлакони беморро ҳеҷ кас чун ин пиразан табобат карда наметавонист. Халтаҳои алафу гиёҳҳои ваҳшию кӯҳии табобатии ӯ ҳанӯз дар хона маҳфузанд. Қиблагоҳаш, бобои Мӯсо аз тақводорону рӯҳониёни донишманд буд дар ин қаламрав, вале хоксорию фурӯтаниро ихтиёр кардаву касеро озор намедод, бо илму дониши худ ҳавобаландию мутакаббирӣ намекард, бо ҳама баробар буд. Вале… дунё чаппа шуду қиёмат қоим. Ҷанг сар заду бародарашро дастае савори «Жигулӣ»-и худаш ба ситодаш бурд. Вай дигар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

барнагашт. Ҷасадашро пас аз суроғу пай дар он зимистони пурбарфу замҳарир аз дараи Лолазор ёфтанд. Баданаш сахту сангин, палтои кабудфом дар бар, ҳатто телпакаш аз сараш наафтидааст, тирҳо чаккаи сарашро сӯрох карда гузаштаанд. Аз тарси камонбадастон шабона ба хок супурданд се-чаҳор тан ҷасади бародарашро. Баъд… ҳамсараш як субҳи мусаффою дурахшони айёми баҳорон ин олами зеборо падруд гуфт. Дарди куҳнаи дил… Мӯйсафед ӯро фаришта меҳисобад. Аммо қадри фариштаро надонист, ки вой бар ҳолаш!

«Уф-ф…, оҳ», - садо дардод мӯйсафед ва бештар андуҳзадаю дилтанг гардида, ба хулосае расид, ки як рӯз не, як рӯз фариштаи марг ҷонашро қабз мекунаду ӯ ҳам аз чанголи ин азобу дард халос мешавад ва дар радифи падару модару ҳамсару хоҳару бародараш зери пуштае ором мегирад. Косаи давр, аз мурдан ҷойи гурез нест. Ва ӯ эҳсос кард, ки аз марг метарсад. «Ё Худоё, чӣ тавр, дар кадом вазъ ҷон медода бошад? Ақаллан қадам зада метавонист…» Худоё, Худовандо, шармандаву хандасори худиву бегона нашавам. Муддати ду соле, ки бо ин ҳол дар бистари беморӣ хоб аст, чӣ қадар гапу овоза кардаанду чӣ ҳангомаҳое набардоштанд! Ва мӯйсафед аз марг тарсида, мехост, балки орзу мекарду аз даргоҳи Худованд илтиҷо дошт, ки он рӯзро қафою қафо партояд. Балки… он рӯз ҳеҷ гоҳ фаро нарасаду пайки аҷал мушт ба дараш накӯбад. Охир, вай чӣ гуноҳ дорад? На туздӣ кардаасту на ғаррӣ, на қотил асту на ҳаққимардумхӯр. Як умр, 50 баҳору 50 зимистон ва 50 тобистону 50 тирамоҳи умр ронандагӣ мекард, аввалҳо бо мошини боркаши «Маз», пас-он «Камаз» молу амволи давлатро аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

маркази шаҳр ба навоҳии дурдаст мекашонид. Заҳмати ҳалол кардааст. Не, гап дар ин ҳама набудааст. Вай, чӣ ҷойи пинҳон кардан, воқеан ҳам, ба қадри ҳамсари нахустинаш нарасид. Боре ба худ нагуфт, ки бечора бемори дил аст, фишори хунаш пайваста баланд мешавад. Ҳатто охирин маротиба, дар як рӯзи тафсону гармсели тобистон ӯро маҷбуран ба адир баровард. Дарзаҳои гандуми даравидаро то намози аср бо маркабу пушт кашонданд. Бо шиками гурусна. Шаб дарди ҳамсараш боло гирифт, аз даҳону бинияш хун фаввора зад… Ва субҳи зебои айёми баҳорон…

«Мани бадбахт, кӯри бераҳм, золим, -оҳ кашид мӯйсафед. Сазои сарам, ана, ҳамин тавр по дароз карда… то он рӯз (!) мехобам».

Вай мехост аз аламу ҳасрати ҷонгудоз ва гуноҳҳои бешумораш фарёду фиғон кашад, бо садои бадвоҳимааш гӯши Оламу Одамро кар кунад, даст ба сӯйи Осмон бурда, аз Худованд илтиҷо созад, ки гуноҳҳояшро бубахшад, ҷонашро бе дарду азоб биситонад…» Аммо… аз чӣ бошад, оби шарм ба рӯяш давид, хиҷолатзада рӯ ба девор гардонд, дигар риштаҳои андешаҳои мағшушу дилзанандаашро раҳо карда, ба хоб рафт.

Чанд муддат хобаш бурдааст, ёд надорад. Овозе хафиф ва мавҳуму ноошно аранге ба гӯшаш расид, пас-он касе башаст аз оринҷаш кашид. Хоболуду рамидаву тарсида чашм боз карду… рӯ ба рӯяш Комрони девонаавзоъ, аз қавли мардум «паривара»-ро дида, ҳуш аз сараш парид, фикре мағзашро такон дод, ки ин писари ақлбохтаи Мирзоюсуф, ки 6-7 хона он тарафтар зиндагӣ ба сар мебурду тақрибан 17-сола буд, ҳарф намезад,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

чӣ тавр, бо чӣ шева ба хонаи хоби ӯ даромадаасту касе аз бошандагони хонадон аз ин ҳол хабар наёфтаанд? Тарсе ногаҳонӣ ба ошёни қалбаш нуфуз кард, донаҳои араќи сард дар ҷабинаш пайдо шуд, хост нафире кашида, аҳли хонадонро аз омадани «дарди сар»-и дигаре хабардор созад, аммо бархилофи он, садои гунгонае аз байни кому ворахои дандон ва забонаш берун баромад, ки худ ҳайрону буҳтзада гардид. Комрон ишораҳои мухталиф мекарду «а…а» гӯён овоз мебаровард. Баъд даст ба пойҳои мӯйсафед расонда, боз ҳам ишорае рамзомезу пурасрор кард. Мӯйсафед лаҳзае ба худ омадаву ором шуда, бо дасти рост низ ишора кард, ки вай қафотар бишинад ва даст аз пойҳояш бардорад. Комрон моҳияти ишораи беморро рамузгирона дарк карду ғеҷида-ғеҷида канортар нишаст. Дигар ҳаракатеву амале анҷом надод вай ва чӯбаки росту суфтаеро аз ҷайбаш бароварду ба лабон гузошт ва бо даст ҷунбондан гирифт. Ин яке аз одатҳои дерину доимии ҷавони ақлбохта буд, ки ҳамдеҳагон кайҳо мушоҳида карда буданд. Аммо барои мӯйсафед, ки баъд аз ду сол тоза бо ӯ рӯ ба рӯ шуда буд, ин амали ӯ нав ҳисоб меёфт. Ингуна мӯйсафед оламу одамро ба боди фаромӯшӣ дода, то ҷое хушҳол шуда буд, ки ҳамнафасу ҳамнишине пайдо кардаасту дигар танҳоӣ чу деви сиёҳи даҳшатангез ба ӯ фишор намеорад, рӯҳашро мубталои азияту озор қарор намедиҳад. Як лаҳза фикри даргузар будани умру ваҳшати маргу чашм аз зебоиҳои ин олам ба гунаи абадӣ пӯшидан аз мағзаш дур шуд, ҷойи онро завқу нишоти зиндагии пурфурӯғ, ки аз осмони каб-кабуду дарахтону навою сафири мурғони гуна-гунаи шохсорон, хандаи софу содаи кӯдакон,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

овози гуфтори аҳли хонадон, ана ҳамин тавр наздаш нишастани бигузор аќлбохтае чун Комрон таркиб ёфта буд, фаро гирифт. Гиреҳҳои қалби пур аз бухсаш аз ин манзара кушода шуда, ба чаманзори ниҳодаш оби шавқу шодмонӣ ҷорӣ гардид, роҳи нафасу садояш ҳамчунон боз шуда, пиндошт, агар бо тамоми неруву ирода саъй кунад, озод ҳарфҳои дилашро ба лаб меорад, гап мезанаду суҳбат меорояд. «Э Худои ҳамадону тавоно, вай бояд гап занад, бояд ҳаракат кунад, бояд дар «таъмири ин ҷаҳон» ҳисса гузорад. Бояд…»

Комрон чӯбчаро дар лаб меҷунбонду ба мӯйсафед бетафовут ва бепарво менигарист. Дарро кушода, Фаррухрӯз ба хона ворид шуд ва Комронро дида, ҳайрону назарногирона сӯяш теғи нигоҳ кашид:

-Ту дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ, ҳа?! Аз куҷо пайдо шудӣ? Ҳамин як ту намерасидӣ? Болои сӯхта намакоб.

Ва бо алам ба падараш нигариставу дафъатан сари Комрон ғазаб кард:

-Ку, зуд бихезу бирав аз ин ҷо. Марш. Дигар сару суратата набинам. Фаҳмидӣ?

Мӯйсафед гардани наҳифи беқувваташро баланд карда, сар ҷунбонд, даст бардошта, ишорае кард, ки маънии «ба вай кордор нашав, бигузор ҳамин ҷо, назди ман шиштан гирад»-ро дошт. Ҳамчунон, овозҳое аз даҳон бароварда, ба Фаррухрӯз ин андешаи худро таъкид карданӣ шуд.

-Хайр, бишин! Ба хотири падарам, вагарна як дақиқа меҳмонат намекунам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Фаррухрӯз паси сар хорида, аз падар ҳолу аҳвол пурсид, даст бар шикамаш бурд:

-Дард намекунад?

-А-а…а, э-э-эъ…

-Мегӯм шикам ғамат намедиҳад?

-А-а…а, э-э-эъ…

Мӯйсафед дасти рост ба тарафи чапи бадан бурда, бо овози ларзон, ашк дар чашмонаш тӯфон барангехта, маъюсу малул овозҳои гуногун баровард, бо ишора фаҳмонд, ки ҳамон қисмати баданаш шадидан месӯзаду дард мекунад. Фаррухрӯз қисмати чапи бадани қиблагоҳашро муоина карду палмосид:

-Дард мекунад?

-А…а-а… э-э-эъ…

-Сахт дард мекунад?

-А…а-а… э-э-эъ…

-Духтур оварда нишон додан даркор, -пеши худ гуфт Фаррухрӯз, -варам кардааст. Грижа ворӣ ва гӯё андешаҳои дар мағзаш зуҳуркардаро хулоса мекарда бошад, аз канори рости падар ҷо гирифту чашм аз гулҳои қолин наканда, афзуд:

-Агар грижа бошад, ҷарроҳӣ бояд кард.

…Бад-ин ҳолу ҳаво Комрони ақлбохта чанд рӯз пайи ҳам ба хонаи барояш шинос, ба назди мӯйсафед омад, аммо хонаро холӣ ёфту мутааҷҷибу даҳонво, навмеду ошуфта аз дар баромад. Ҳамсари мӯйсафеду келинаш ба ӯ фаҳмонданд, ки мӯйсафед дар беморхона асту ҷарроҳияш мекунанд.

-Дигар наё, -бо оҳанги сарзаниш, ки тавъам бо ғаму ҳасрат буд гуфт ҳамсари мӯйсафед ба Комрон. –Мӯйсафед касал аст, дардаш вазнин, омада вайро ғаму ташвиш додани ту шарт аст?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

–Рав, рав, чӣ магар дигар ҷойи рафтан надорӣ?

Ва аммо Комрон парвои ин суханону аламу дард ва норизоиятии аҳли хонадони мӯйсафедро надошт ва ҳамарӯза гоҳе субҳ, гоҳе нисфирӯзӣ ва гоҳе вақти намози шом ба хонаи шинос меомад, дари ҳуҷраи хоби мӯйсафедро мекушод ва чун онро холӣ меёфт, ғамзадаю маъюс, шармидаву хиҷолат кашида, сархам, бозпас аз дари ҳавлии мӯйсафед мебаромад.

Ниҳоят, ҳафтае пас Комрон бо савқи табиӣ аз дари ҳавлии мӯйсафед даромадаву мустақиман сӯйи хонаи хоби вай қадам зада, сар ба ҳуҷра даровард ва… мӯйсафеди беморро хобида дар бистар дид, ки бо рӯймоле магасҳоро аз сару рӯяш меронад.

Чашмонаш лабрези хушҳолию масаррати беинтиҳо, вай зуд худро назди мӯйсафед гирифт, рост ба чашмони андешаманди вай нигарист ва овозҳое номафҳум бароварда, ишораҳое анҷом дод.

Мӯйсафед олами танҳоиву алами талху вазъи нохуши худро фаромӯш карда, шакарханде дар лаб низ бо ишора ба Комрон фаҳмонд, ки дуртар бишинад, куртаашро боло бардошта, қисмати чапи баданашро нишон дода, ҳушдораш дод, ки «ҷарроҳӣ шудааст, мабодо наздик наояду балоеро ба по нахезонад. Бе ин ҳам ҷонаш дар азоб».

Комрон ба думболи ишораҳои мӯйсафед вазъи вайро пайхас карда, қафотар менишаст, чӯбчаи росту суфтаро аз ҷайб бароварда, бар лаб мегузошт ва ҳаракатҳои links мармуз анҷом медод. Ба ӯву ҳаракатҳои бемоҳияташ таваҷҷуҳ карда, мӯйсафед амиқ ба андеша мерафт, пеши худ мепиндошт, ки ин ҷавонаки девонаавзоъ бо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

рафтору амалҳои худ аз фарзанди инсон будани хеш дарак медиҳад, ингуна пайки аҷалро бо ҳузури худ ба дуртар меронаду ба дуртар ва риштаи умру бақои ҳастии мӯйсафедро дарозтар мекунаду дарозтар.

«Ё Холиқи Ҷаббор, -аз дил гузаронд мӯйсафед, -ба назарам чунин менамояд, ё… ё дар воқеъ, сирру асрору муаммои корхонаатро бандаҳои осӣ аз куҷо донанд? Тавба кардам, тавба ба даргоҳат». Аммо, на, ҳеҷ неруе, ҳеҷ муъҷизае нестандарҷаҳон наметавонад пеши роҳи маргро бигирад. Мӯйсафед ин ҳақиқати талх ва дар айни ҳол маълуму муқаррариро дар ҳамин бистари беморӣ, ҳангоме ки аз радиои масҷид гоҳу ногоҳ хабари марги нафаре аз ҳамдеҳагон (ҷавон, миёнаумр, солманд ва ё пири мафлук, хоҳ зан бошад, хоҳ мард)-ро мешунаваду дар рагу решаҳои ҷонаш ба дард ҳис мекунад, дарунакӣ мегиряд, оҳи дареғ аз сина берун мекашад. Навбати ӯ низ наздик аст, оқибат он рӯз фаро мерасад. Ҳамин гуна аз радиои масҷид рӯзе дар бораи аз олам даргузаштани ӯ низ хабар медиҳанд. Ва… э… хайр… Вале аз чӣ бошад, ҳузури Комрон ба мӯйсафед неруе ато мекард, умеду бовару эътимодро ба фардои умр меафзуд, манзараи аз тиреза ба чашм намоёнро зеботару дилангезтар ҷилва медод. Дигар осмони аз тиреза ба чашм намоён дар нигоҳи мӯйсафед каб-кабуду тобону зебо ва дарахтони анҷиру олую зардолую шаҳтут, хавозаи токи ангури тоифӣ ва себи солманди дар баландӣ ҷойгиршуда бо шукӯҳу ҷалоли худ дар ин фазою муҳит зиндагиро дар пиндору тасаввури бемор абадию пур аз нишоту дурахшу масаррат мегардонданд. Вай гумон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

мекард, ки аз ҳар кунҷу канори ҳаёт, аз буни ҳар ашёю мавҷудот, аз фазо, аз чакомаи мурғони сари шохаҳо, аз ҳамаву ҳама ҷо оҳанге руҳнавоз зуҳур мекунад, неруи булаҷаб ба пайдо меояд, ки воқеияти яъсу ғамандуд – ҷогаҳи беморию дарди лоилоҷи мӯйсафед – аз пою забони гӯё мондани ӯ, азобҳои тавонкоҳи аз як паҳлу ба паҳлуи дигар бо ҳазорон азоб худро ҷунбондану рӯзону шабони дерёз чашм кушодану дар як маҳдуда – хонаву бистари беморӣ дарёфтанашро пахш месозаду андак-андак аз олами рӯъёии мӯйсафед рӯфтаву ба дуриҳои дур мепартояд.

Аз дарёфти ҷаҳони тозаи зиндагӣ мӯйсафедро завқу ҳоле рух додаву дигар нолишу ғавғою норозиёнааш рӯз ба рӯз камтару оташи исёну ошӯби замираш паст мегардид. Комрон бо ваҷду руҳе барозанда ҳар рӯз, ҳамин ки хуршед аз гиребони уфуқ сар баровардаю оламро бо нурҳои тиллогуни хеш пурдурахшу музайян месохт, ҳамин ки олами кунду карахт бо бонги хурӯсону навои ҷонфизои парандагони дар интизори дамидани субҳ осемаю беқарор ба ҳаракату чархиш медаромад, ҳамин ки модараш аз ин писари ҳардамхаёлаш нигарону маъюсу малолатманд, чашмонаш мамлу аз андуҳи лобаёни талх пешаш дастархон мекушоду чою нону ширинию маска мегузошт, Комрон бо ба даҳон бурдани як пора нону як пиёла чойи ширин дарсоат роҳи хонаи мӯйсафеди беморро пеш мегирифт. Вопас, рӯзҳову ҳафтаҳову моҳҳову солҳои қаблӣ назди мағозаю бунгоҳи саломатӣ намерафту бачагону ҷавонони ҳангомаҷӯ давраш ҷамъ намешуданду бо шӯхию ҳазлҳои мутафовит, ки ҷавонакро бармеангехт, таҳрикаш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

намедоданду ӯ бо садои дурушту нохуш сӯяшон эътироз намекард. Чӣ хушрӯзу бахтиёру фараҳманд эҳсос мекард худро!

Ҳамрозу ҳамнафаси пиракии бемору танҳо будан, соатҳо хомӯшу хаёлӣ дар наздаш нишастан, хаёлу пиндорҳои маъшумро аз мағзи мӯйсафед бехӣ дур андохтан – ин магар амали андак аст? Рисолати бузурги Инсон дар назди Инсони дигар нест магар?

Аз он ҷониб, мӯйсафед низ, ки ба ҳузури Комрон одат карда буд, бо дамидани субҳу фурӯзон гардидани чароғи офтоб ва равшан шудани Замину Осмон носабуронаву беқарор омадани Комронро интизорӣ мекашид. Ин интизории мӯйсафед он қадар дурдаи ширинӣ дар таҳти зарфи дилаш дошт, ки ғалаёну шӯру шавқеро дар хунаш бармеангехту дар мағзаш фикри абадияти Замину Осмон ва ин олами беохиру зиндагиро устувортару собиттар месохт. Нуре умедворкунанда бар кулбаи ҷонаш нуфуз мекард, меангошт, ки омили бақои умри ӯву ҳаёт бо аз дар даромадану сабуку нарм гом ниҳодану омада чу ошнои дерин наздаш орому нарм нишастани Комрони ҳардамхаёл иртибот дорад. Ва Комрон ҳамарӯза меомаду рӯзашро дар назди мӯйсафеди бемор ба шом мерасонду ғубору зангори аламу дардҳои ӯро аз синааш мезудуд. Аммо боре иттифоқе рух доду ин робитаи аҷиби ду дӯсту ҳамнишинро аз ҳам гусехт, хонаи дилҳоро ғамзадаву пур аз яъс кард. Касе аз аҳли хонадони бемори пир аммо ба худ суол надоду сари ин руҳдод тамаркуз накард, ки муҷиби ин рафтору амали Комрон чӣ буд?

Во дареғо!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Рӯзе Комрон омаду пеши мӯйсафед нишаст, хеле фикр кард, ба бемор наздик шуду ба чеҳраи заъфаронии ӯ, ожангҳои канори чашмонаш, ки дастагулҳои хушкидаро мемонд, тӯлонӣ нигарист, баъд сар хам карду… паст-паст ба гиря даромад, мӯйсафедро низ ҳолат дигаргун гардид, дасти навозиш бар сари Комрон бурд, косаи чашмонаш лабрези сиришки талх оҳе ҷигарсӯз аз ниҳод берун кашид. Чанд муддат давом ёфт ин ҳол, касе ҷуз ин ду бандаи Худову худи Офаридгор надонад, чун ҳамсари мӯйсафеду писараш Фаррухрӯзу набераааш Ҷовид, ки пайваста назди мӯйсафед нишаста, ба шуъбадабозиҳои телефони мобилияш машғул мешуд, ба корҳои зиндагию ташвишҳои ҳамарӯзаи худ банд буданду ҳузур надоштанд. Ва аммо ин маънӣ дар матни рухдод сабт асту дақиқ аст, ки пас аз чанде бо ин хаёли дардолуду сангини ҷонкоҳ мӯйсафедро, рӯ ба девор, хоб ба тасарруфи худ даровараду вай аз вуҷуди Комрон ва ин Замину фазои беохир бехабар монд. Қарибиҳои намози аср буд, ки ногаҳ садои имдодталабона ва ғиреви мӯйсафед замину замонро ба ларза дароварду баландтару баландтар гардид. Ҳамон овози даҳшатангезе, ки замоне ҳамсоягонро ба ҳайронӣ мувоҷеҳ карда буду чанд гоҳе дар фосилаҳои вақт дигар баланд намешуд. Инак… ин садои ҷонгудоз аз рухдоде мегуфт, ки нохоставу ногаҳонӣ ба сари мӯйсафед омадаву ӯро заҳракафу шигифтзада кардааст. Даме ки Фаррухрӯзу ҳамсари ӯ ва писарону модарандар ба думболи ин овози ваҳмангез дарсоат ба хона ворид гардиданд, Комронро диданд, ки каноре ҳайкалвор рост меистоду мӯйсафед дастонаш ҳаворо бурида, чашмонаш аз ҳадақааш ҳамин ҳоло мегуфтӣ ҷаста берун мебаромада бошад,овозе номафҳум аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net мурочиат кунед

даҳон бароварда, сӯйи Комрон ишораҳо мекард, ту гӯйӣ, ӯро дар ин воқеа муҷриму сабабгор медонист. Фаррухрӯз барфавр назди падар нишаст ва дастонаш ба даст гирифта, тараҳҳумомез нигаҳ афканд ба сӯяш. Мӯйсафед ҳамоно садоҳои номафҳум мебароварду гоҳ ба пойҳо ва гоҳ ба дастонаш ишорат мекард ва ниҳоят, ҷониби Комрони даҳонво нигариста, сар меафшонд.

-Ҳамааш маълум, -вазъашро дигар накарда гуфт Фаррухрӯз ва афзуд:

-Ин девона ба падарам чаққа шуда, аз дасту пойҳояш кашиданӣ шудааст.

-Ин корро вақти дар хоби маст будани падарам анҷом додааст, ки тарсу изтиробаш аз ҳамин сабаб аст. Баъд ба писарашу модарандараш рӯ оварда, оташи ғазабашро сари онҳо рехт:

-Чанд бор гуфтам, ки ягон дақиқа падарамро танҳо намонед. Не, шумо бояд кори худатонро кунед. Мебароеду ғайб мезанед, медонам, ки аз бемору нигоҳубини вай қимоб шуда, роҳи гурез мекобед. Ана, падарам дар хобаш сахт тарсидааст. Эҳ…

Ҳамин воқеа «пайю пойи» Комрони ақлбохтаро аз хонаи мӯйсафед канда кард. Ӯро пеш карданд ва огоҳаш сохтанд, ки дигар ба остонаи ин хонадон по нагузорад, вагарна аз сад ҷон як ҷонаш амон нахоҳад ёфт. Комрон аз дар баромадан замон то хамгашти кӯча ба қафо нигариста, бо оҳанги дареғу дилкашолӣ оҳиста-ҳиста қадам зад, танҳо сар ҷунбонду овозе набаровард. Вай ба сарнавишт тан дода буд.

***

Аммо чанде нагузашт, ки овози мӯйсафеди бемор дубора баланд гардида, гӯши замину



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

осмонро ба қомат овард. Ин овози бас ҷонгудозу дилрешкунанда иртифоъ мегирифту аҳли хонадонро ба ташвиш гирифтор мекард. Боз чӣ гап шуда? Кадом узви мӯйсафед ба дард даромада? Ё ягон хоҳиши дигаре дорад? Ҳангоме ки Фаррухрӯзу ҳамсару писараш ва модарандар ба сарвақти бемор расиданд, вай чашмонашро калон-калон кушода, ба атрофаш менигарист, баъд сарашро ғеҷонда, ба сақфи хонаю шоҳчароғ, ингуна домани нигоҳашро ғундошта, ба берун, ба дарахтони анҷиру шоҳтуту олуболу ва себи сурхи пир чашм медӯхт. Фаррухрӯз наздаш нишаста, хавотиромез дастонашро ба даст гирифта, бо имову ишора фаҳмидан мехост, ки сурати ҳол чист? Мӯйсафед даст афшонда, ба кунҷи хона бо ангушт ишорат мекард, канда-канда овозҳое номуайяну номафҳум мебаровард. Пас-он хафаманду норизо чашм ба девор медӯхт.

-Намефаҳмам, чӣ мехоста бошад? -банди ҳайрату изтироб сар ҷунбонд Фаррухрӯз ва сукут кард.

Модарандар, ки гоҳ-гоҳ овоз бароварда, пеши худ чизе мегуфт, маслиҳатомез ба Фаррухрӯз хитоб кард:

-Аниқ намедонам, лекин дилам гувоҳӣ медиҳад, ки… вай ин ҷо ҳозиру нозир будани Комрони парварарро талаб дорад. Норизоию хафагияш аз ҳамин сабаб аст.

-Охир, бо Комрон одат карда буд. Боз… надонам, кори Худо.

-Пас, чӣ бояд кард? –пурсон шуд Фаррухрӯз ва хаёлманд ба падар нигарист. –Бовар кунед, сару калобаамро гум кардам. Гоҳе доду фиғон мебардорад, ки девона дар хобаш тарсондааст



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

ӯро, гоҳе ана ин тавр меранҷаду хоҳони дидори ун беақл мешавад.

-Як бало карда, Комронро, овардан даркор, -гуфт модарандар ва ба Ҷовид, набераи мӯйсафед нигарист.

-Ҳаминаш намерасид, -ғурунгос зад Фаррухрӯз. -Рафта як девонаро зорию тавалло карда, назди бемор биёрӣ.

-Дигар чора нест.

-Хайр, чӣ илоҷ, аз паяш мешавем. Вагарна падарам то саҳар фарёду фиғон мебардорад.

-Ҳо, айб аст, мардум чӣ мегӯянд?

Модарандар хомӯш монд.

Даме ки Фаррухрӯз ба хонаи Мирзоюсуф расида, ба падари Комрон асли воқеаро фаҳмонд, вай хеле ба фикр фурӯ рафт, оҳ кашид.

-Дар пешониямон навишта шуда будааст. Сарнавишти талх. Эҳ… Лекин, агар мӯйсафеди падарат бо Комрон унс гирифтаву ҳузури ин бечора тасаллои хотираш бошад, боке не. Ин ҳам имтиҳони Худост. Ман як илоҷ карда, Комронро роҳӣ мекунам. Лекин… ҳоли ҳозир наметавонам. Вай чанд рӯз аст, ки касал шуда, дар ҷогаҳ хоб аст.

-Касал? –ҳайрон шуд Фаррухрӯз. -Куҷояш дард мекунад?

-Фаҳмидан душвор. Неке, нағз мешавад. Ин бори аввал нест.

Бемори бистарӣ шудани Комрон дар деҳ овоза шуд. Аммо бо гузашти ҳафтае вай дубора дар назди мағозаю бунгоҳи саломатӣ пайдо шуд. Чеҳрааш ғамзадаю нигоҳаш маъюс, меомаду рӯйи харак менишаст. Баъд чӯбчаи суфташудаеро аз ҷайби шалвораш мебароварду шабеҳи найнавоз ба он лаб мебурду меовард, лаб мебурду меовард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net мурочиат кунед

Аз чӣ бошад, баъд аз он рухдод роҳи хонаи мӯйсафедро аз ёд баровarда буд. Ва…

Ва як нимарӯзи айёми гармиҳои тобистон касе надиду пай ҳам набурд, ки чӣ тавр Комрон хомӯшу бесадо аз дарвозаи бузурги оҳанини мӯйсафед даромада, сӯйи хонаи хоби бемор гом ниҳода, ҳамчунон нарму ором ба ҳуҷра ворид гардид ва…

Вақте Фаррухрӯз савори мошини тамғаи «Опел» аз Душанбе баргашту фаромадан замон ба хонаи хоби падар даромад, аз ҳайрат дар ҷояш шах шуда, ҳатто овоз баровarда натавонист.

Вай ба ин манзара ҳеҷ бовар кардан намехост, аммо…

Комрони ҳардамхаёл дастони мӯйсафеди бемор дар даст, ҳар ду бо чашмони бози қаноатманд аз худу аз зиндагӣ, дар паҳлуи ҳам ба хоби абадӣ рафта буданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

## САРНАВИШТИ ДУ ТАН

Он бегоҳ вай, ҷавонмарди тақрибан 30-35-сола, ки дар донишгоҳ кор мекард, аз шаҳр аз ҳаррӯза дида барвақттар савори автобуси зардфоми тамғаи «Икарус» ба деҳа баргашт. Вақте буд миёни асру шом. Поёнтари ҳавлии худ аз автобус фаромадан замон овози пурдарду ҷонхарошро шунид. Овоз не, фиғону нолаи саге буд, ки мустақиман ба мағз мерасид, эҳсосро ангезиш медод, ингуна торҳои асабро ба ларза меовард, ба аъзои бадан паҳн мешуд ва дилро мефишурду рӯҳро афсудаву асири ҳузни лобаён месохт. Ҷавонмард бе ҳеҷ андешаву тардид пай бурд, ки ин нолаи ҷонгудози саги сафеди ӯст, ки аз чӣ бошад, торафт, ба андозаи ба хонааш наздик шудани вай ҷонгудозонаву ҳасратзотар мегардид ва хонаи гӯшро ба қомат меовард.

Борони нарме меборид, қатраҳои он чу тораҳои симин ба сари рӯ расидаву хаёлу хотираро парешон месохт. Насиме аз дуриҳо, шояд аз худи дараҳои кӯҳӣ вазидаву то ба ин макон расида, бӯйи атромезу махмуркунандаи гулу гиёҳони ваҳширо меовард, ки аз роҳи димоғ ба нафас меомехт, ҷонро роҳату кайфият мебахшид. Ҷавонмард аз ин атри насими нохоста аз куҷо ба пайдо омада, мазза карда, ба ҳирс ҳаворо амиқтар ба дарун кашид. Аммо…

Фиғону ғиреви саг косаи сарашро пур кардаву боридани боронаки афсонавию афсуномез ва бӯйи атри гулу гиёҳони кӯҳӣ ва насими навозишгарро, ки бӯса ба чашму лабу рухсораҳо мезад, ба тамом пахшу маҳв сохта, ӯро ба олами садоҳои бимовару таҳлукаангез тела дод. Вориди



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

ҳавлӣ гардида, ҷавонмард мутаваҷҷеҳи нолаи пурдарди саг шуд, ки аз ҷониби ҳезумхона меомад.

Не, ин нолаи саги безабон не, балки фиғону гиряи монанд ба навҳаи одамӣ буд, ки то ба дили гардун мерасид, синаро сӯрох-сӯроху дилу ҷигарро об мекард. Ҳоло аз вазъи саг хабардор нашуда, нохоста нафас дар гулӯи ҷавонмард гиреҳ зад, ғаме аз хонаи дил вуҷудашро ба сӯзиш оварда, дар сурати қатраҳои ашк чашмонашро пур кард.

«Мисли инсон мегиряд, месӯзад, ҷон меканад. Чӣ балое ба сари саг омада, ки ингуна бо фиғони худ оламро зеру рӯ карда. Дарде домангираш шуда. Маълум, ки дар вартаи фаност.» Мустақиман гоме чанд ба сӯйи ҳезумхона гузошт. Ҳамсараш маъюсу абругирифта ва хотирпарешон шохҷорӯб дар даст аз сӯйи ҳезумхона меомад.

-Чӣ воқеа рӯй дода? – пурсид аз зан ва овозаш хастаю пасту гирифта баромад. -Саги зираку донои хонадон чаро менолад?

Зан лаби рӯймоли гулдори рангбохтаашро зери дандон гирифтаву нигоҳашро гурезонд:

-Ба саг марги муш додаанд, беинсофҳо.

-Чӣ, ту чӣ мегӯӣ? – ғазаб кард ҷавонмард ва бо оҳанги дареғ сар ҷунбонд:

-Охир, ин саг мӯреро озор намедод. Кадом нокаси фурӯмоя ба ин амали зишт даст зада?

-Вақтҳои охир…

-Чӣ, «вақтҳои охир?»

-Ман инро ба ту нагуфта будам.

-Хайр?

-Мурғҳои ҳамсояи дасти чапамон аз мӯрӣ ба ҳавлиамон даромада, на зироат монданду на раҳрави тоза. Сагамон, саги боақлу баҳушамон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

мурғҳоро пешандоз карда, то хонаи ҳамсоя мебурд. Эҳ, дилам гувоҳӣ медод, ки як рӯз не, як рӯз фалокате сар мезанад. Ана…

Баъд зан ба нақлаш идома дода, афзуд, ки қарибиҳои пешин саг сархаму беқарор аз поёни ҳавлӣ пайдо шуд. Пакару парешон ва паст -паст нолишкунон зери дарахти чормағз омада ғелид. Вазъашро ба дурустӣ пайхас накарданд. Як вақт нолаи баланд – баландаш ба гӯш расид.

-Завқу хушҳолии ҳаррӯзааш аз байн рафта, рӯйи ғарами ҳезумҳо ҷо гирифта, якзайл фиғон мекашад, - оҳ кашид зан. Аз пешин то ин дам бадард меноладу менолад. Маълум, маълум, ки дилу ҷигараш сӯхта, ҷонаш ба ҳалқаш омадааст.

-Ноодамҳо, золимон, бадгуҳарҳо, - пичиррос зад ҷавонмард ва ба ҳезумхона сар даровард.

Саг, ки пашми баданаш сафеди бирешимранг буд, дар ковокии ҳезумҳо ғунча шуда мехобид, аъзои пайкараш дарақ-дарақ ларзида мегирист, бо садои баланд, одамвор мегирист. Дарди беамон панҷа бар ҷонаш зада, сӯзиши тавонкоҳ афсурдаву хурду нотавонаш карда буд. Дигар аз хуррамию нишот чизе намонда буд дар чашмони саг, ки «Пахмоқ» ном монда будандаш, баръакси ин ҳама, тӯфони дард дар оинаи дидагони саг мавҷ мезад, ба ин чашмон, ки олам – олам дардро дар худ ғунҷонда буд, нигаристан амали саҳлу осон набуд. Аз чашмони Пахмоқ сиришки талхи алам ба ду бари рӯяш ҷорӣ шуда, вай дигар пайкарашро ҷунбонда наметавонист. Як махлуқи безабон бо дарди кушандаи дерёз дар байни Замину Кайҳони беохир гир афтода, ҷон меканд. Дард воқеан зӯр буд, нолаи саг фазои ҳезумхонаро пур карда, тадриҷан ба берун, рӯйи ҳавлию



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

хонаҳои ҳамсоягон нуфуз карда, то хеле роҳ густариш меёфт.

-Хез, Пахмоқ, хез аз ҷоят, - ба саг наздик шуда нарму мулоиму навозишкорона хитоб кард ҷавонмард. – Мард шав, ба дард тан надеҳ. Охир, ту як лаҳза орому қарор надоштӣ. Аз ин канори ҳавлӣ то он канораш медавидаю ҳаллос мезадӣ, мепаридию меҷаҳидӣ. Се сол дар як чашм задан гузашт. Калонакак шудӣ. Мӯнису ҳамнафасу ғамшарики хонадон будӣ. Ба ҳеҷ кас озор намерасондӣ. Одамонро, чӣ хурду чӣ бузург дӯст медоштӣ. Ҳама мегуфтанд: чӣ саги меҳрубону софдил аст.Ҳузури ҷони соҳибаш. Аммо… ҳайҳот.

Саг гӯё намехост нолишу оҷизии ӯро соҳибаш дар панҷаи дарди маргзо бубинад, ки як он хомӯшӣ ихтиёр кард, сар ба қафаси сина кашид. Нигоҳи чашмонашро гурезонд. Вале оё дардро, боз ин ки заҳреро, ки хунро фосиду дилу ҷигарро батадриҷ хӯрдаву сӯрох мекунад, метавон осонакаку ноаён пинҳон кард?

«Инсон бадбахт аст, - пажвок зад ҷавонмард бо ғазабу танаффури ошкоро, аз азал ҷойгоҳи бузургеро Худованд насибаш кард – биҳишт. Аммо фармони Худойро набурд ва дар банди нафсу худхоҳӣ ба ҷазо гирифтор шуду дар замин афтоду овора. Инак як умр хоҳони он аст, ки дар он дунё боз биҳишт насибаш гардад. Бо ҳамин сангдилию бераҳмӣ, бо ҳамин кинаю адоват, бо ҳамин ҳисори рӯини қалби пурғилу ғаш?!

Садқаи биҳишту меҳрубонию авфи Худованд шавад.»

Ҷавонмард инони сабру таҳаммул аз даст дода, сари дастархон дилу бедилон нишаст. Ҷуз як пиёла чой чизе ба даҳон набурд. Овози саг қиёмате



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

барпо карда, басо имдодталабона ба гӯш мерасид. Ҳама аҳли хонадон хомӯшу сокит, банди хаёлҳои сангини худ буданд. Вазъи воқеан ҷонгудозонаву навмедзо ҳукмрон буд.

-Ба саг даррав ҷурғот нахӯрондед? – гиреҳ дар абрувон пурсид ҷавонмард аз ҳамсараш. Охир, мегӯянд, ки агар заҳре фурӯ бурда бошад, чӣ одам, чӣ ҳайвон, ҳар чи зудтар ба ҳалқаш ҷурғот ё зардоби дӯғ бирезанд, садди роҳи фалокат мешавад. Модарам (Худо раҳматаш кунад!) ҳамин хел мегуфт.

-Не, ҳеҷ коре анҷом надодем, - оҳ кашид зан. Даступохӯрда шудам, баъд гуфтам, ки шояд ҳамааш мегузарад. Чӣ донам, ки заҳри ҳалоҳилро фурӯ бурдааст.

Ҳамсари ҷавонмард чин дар абру, ғаму ҳасрат дар хонаи чашмон, хомӯш монд лаҳзае ва ба мард дубора рӯ овард:

-Дигар ҷойи фикру андешаи зиёд ва оҳу афсӯс нест. Сагамон лаҳзаҳои охирини ҳаёташро пушти сар мекунад. Ин ҳам насибу хости Худованд. Аз умри Пахмоқ вақти каме мондааст.

«Лаҳзаҳои охирини ҳаёт, умри кам», пичиррос зад мард ва гӯё ҷигарбандаш дар ҳоли ҷон ба ҷаббор супурдан бошад, ба сӯйи ҳезумхона қадам зад.

Саги вай аслан аз сагҳои таърифию машҳур, ки сифоташ нуқли суҳбати мардум дар маъракаю дар ҷодаҳои деҳ бошад, набуд. Аз паси касе аккосзанон намедавид, барои туъмае, пораи устухоне ҷонашро ба лаб оварда, хира шуда, банди ҳирсу озу ниёз ва тамаъ гардан намеёзонд. Вале мардуми деҳ бе ин ҳама мешинохтанд Пахмоқро. Медонистанд, ки вай сагчаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

меҳрубони ҷавонмард аст, ба хусус, вақте ки пагоҳиҳо ҷавонмард озими шаҳр мешуд, аз қафои вай то роҳи калони мошингард тохтаю бозӣ карда, гӯшҳояшро ба таври аҷибе ҷунбонда мерафт, ба таври худ гусел мекард соҳибашро. Ва то он даме ки ҷавонмард ба кадом мошине савор намешуд, саг дар бараш меистод. Ҳамин ки мошин ҳаракат карда, дар хамгашти роҳ аз назар нопадид мешуд, умедаш канда шуда, Пахмоқ оҳиста- оҳиста ба сӯйи хонаи соҳибаш бармегашт. Инак, ҷонаш дар қабзаи шадиди дард аз сӯзиши дилу ҷигар сало мезанад:

«Эй одамон, ин чӣ коре буд, ки дар ҳаққи ман раво дидед?»

Нолаю ғиреви саг ҳамчунон баланду баланд шуда, мегуфтӣ боми осмонро меларзонд. Аммо осмон хомӯшу сокит буд. Ҷавонмард муддате назди ғарами ҳезумҳо, ки саг ҳамоно он ҷо навҳа мекашид, рост истода, гӯё нафасҳои вопасини сагро мешумурда бошад, дандон ба дандон монда, саъй мекард, то оби дидагонашро касе набинад. «Мо, инсонҳо,чӣ офаридаем? Охир, чаро ба ҷони махлуқе аз худ пасттар ҷабр мекунем? Бигузор, ки саге не, мурғе бошад, ё гунҷишке, ё мӯри нотавоне. Оё тавоноию нерумандии мо танҳо бахри он аст, ки ин махлуқотро бо бераҳмии махсус ба ҷон кандани пуразоб гирифтор кунем? Соҳибамалу вазифадорем ё тақводори порсо, ки ба хотири гузоридани панҷ вақт намоз сӯйи масҷид мешитобем. Кӣ, ки набошем… Э, хок бар сарат Инсон!!» Ҷавонмард ин гуна андеша меронд ва ноилоҷу ночор қафо гашт. Баъдтар, ҳини сар ба зери кӯрпа кашидану хоб кардан низ овози имдодхоҳонаи саг аз дару деворҳо гузашта, ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

мағзи ҷавонмард хутур карда, хонаи қалбашро лабрези дарду ғами тавонкоҳ намуд.

«Ё Худои меҳрубон, кай ин азоб ба охир мерасад? Кай?»- зери лаб гуфт ҷавонмард ва аз ҷогаҳ бархоста, сарашро дудаста дошта, назди тиреза омад. Ба соат нигарист, ки нуҳ шуда буд.

Аммо дар ин лаҳза ҷавонмард хабар надошт, ки…

Дар қисмати болои деҳ, дар хонадоне аз хонадони ҳамдеҳагон нолаю ғиреве паҳн шуда, дилро обу ҷигарро алмосвор пора -пора мекард. Ин фарёду фиғони писаре буд, ки ҳамроҳи бибиаш зиндагӣ мекард. Писарак дар синфи шашум мехонд, шӯху беқарор буд, гоҳҳо бо ҳазлҳои худ мавриди таъзиру танбеҳи омӯзгорон қарор мегирифт. Падараш пирмарди 70 – сола ва бародаронаш тоҷир буданд ва зиндагии ништотангезу хуррамонае доштанд. Бо ин ки дар деҳ соҳиби хонаю ҳавлии боҳашамате буданд, дар шаҳри калон низ, дар қабати чаҳоруми бинои назди бозор, ки доиман шулуғу сарғавғо буд, хонаеро, ки дорои панҷ ҳуҷра буд, дар ихтиёр доштанд. Пирмард соҳиби сервату мошини сабукрав буд, пирона фароғат мекард, нияти ба ҷо овардани маросими ҳаҷро дар сар мепарварид. Вай одате дошт, ки ҳамроҳи зану писари бузургаш (писари дувумӣ дар Русия ба тиҷорат машғул буд) аксар ҳангом, хусусан, айёми зимистону баҳорон рӯзашро дар шаҳр, дар ҳуҷраҳои гарму барҳаво мегузаронд ва ҳафтае як -ду маротиба ба деҳа омада, аз вазъи гову мол ва хонаю ҳавлӣ хабар мегирифт. Баъд аз ин, гӯё яке ба ёдаш писари хурдӣ ва модари пираш мерасид. Ва ба таври муқаррар ба писараш таъкид мекард:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

-Гову молро нағз нигоҳубин кун. Агар ему алафашон кам монд, даррав бигӯ. Лекин…

-Аз ҳоли саломатии бибият ҳам бохабар бош. - мегуфт маънидорона. Вай пири барҷомонда аст, ба болои ин бемори обу адояш кардааст. Мебинӣ, ки доим месулфаду месулфад. Ҳамин ки шабу нимшаб аҳволаш бад шуд, зуд телефон кун ба мо. Ту бачаи бафаҳму доной, ҳа-а…

Ҳарчанд пиразани умрдидаи гулбоғи ҳаёташ рӯ ба хазон оварда, ҳар дафъа аз писараш илтиҷо мекард, ки «дар деҳа, дар хона одами калон буданаш зарур асту ҳамроҳи занат бо мо бимон, шаҳру хонаҳои замонавӣ ба ҷавонҳо мезебад», пирмард даст афшондаю аз пиразан рӯ тофта ғур – ғур мекард:

-Мо дар шаҳр абадӣ намеистем – ку! - Ана ҳар ҳафта хабаратон мегирам. Ҳама шароитатон сад, чор ишкелатон бутун. Иқбол писари боақлу тезҳуш аст, дилам аз вай пур. Ҳамин ки гармиҳо фаро расид, боз бармегардем ба деҳа. Чун пештара. Аз ин якравию пофишории писар модар дилшикастаю маъюс гардида, худ ба худ ҳасрат мекард:

«Ба ӯ гову мол бошаду халос. Кай парвои модар дорад. Ба роҳату фароғат дар хонаҳои шаҳр машғул шуда, оламу одамро фаромӯш кардааст. Оби гарму хунук муҳайё, душу ташноб дар пешаш. Берун набарой, хунукиро ҳис накунӣ. Эҳ…»

Инак зимистон рафту баҳори сабзқабо омад. Фарҳод, набераи пиразан, дар як рӯзи гарму нарми офтобӣ дар даст ҷузвдон ва мурғобии ваҳшии калоне, ки ранги сиёҳи моил ба кабуди баланд дошт, дар оғӯш, бо лабону чашмони хандон аз дар даромад, сару рӯяш гилолуду



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

мӯйсараш тар, либосҳои мактабиаш ғажду ғиҷим, мегуфтӣ, ки аз дабистон не, аз саҳро омадааст. Бибӣ тааҷҷубзада ба набера нигарист. Пойи хаёлаш ба мазрааи гумону шубҳа расид.

-Боз ин чӣ нағма? – пурсид пиразан хавотиромез аз Фарҳод, чашм аз пайкару мурғобии дасташ наканда.

-Э, ба ин чизҳо аҳамият нате, - бепарво ҷузвдонро каноре гузошта гуфт набера ва афзуд:

-Чанд вақт боз дар найзори назди мактаб, ки аз давраҳои фермаи колхоз боқӣ мондааст, аз кадом макони дуре мурғобиҳо пайдо шуданд. Се мурғобии зебо дар оби даруни найзор мегарданд. Гоҳ -гоҳ шино карда, ба канор мебароянд. Бачаҳо, маълимо ҷамъ мешаванд. Аз тамошои мурғобиҳои даштӣ сер намешаванд.

-Хайр, баъд ту чӣ кор кардӣ? – ранҷишомез даст афшонд пиразан. Хестию…

-Ман бо ҳамсинфонам шарт кардам, ки ҳамин мурғобиҳоро ба даст меорам, - мурғобии дасташро навозишкунон посух дод Фарҳод.

-Чанд рӯз сангшап кардам. Лаънатиҳо тез - тез шино карда, ба даруни найзор даромада, ғайб мезананд. Имрӯз қарор додам, ки либосҳоямро бароварда, шино карда, аз думболашон сур мекунам.

«Наметавонӣ, - бовар накарданд ҳамсинфонам. Мурғобиҳо дар ҷойҳои чуқуртар пинҳон мешаванд. Дошта наметавонӣ.»

«Мебинем, - гуфтам ва либосҳоямро аз тан кашида, чашми муаллимону директорро хато карда, ба даруни ҳавзи чиркин даромадам. Шино карда, думболи мурғобиҳоро гирифтам. Ду мурғобии чаққонаш даруни қамишҳо даромада



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net мурочиат кунед

пинҳон шуданд, лекин яктааш,ки бетаҷриба менамуд, ин тараф шино карду он тараф, акнун ба найзор даромаданӣ шуд, ки ман ҳам худро ба даруни қамишҳо задам.

Қамишҳоро шикаставу пахш карда, дарун - даруни об аз қафои мурғобии рамида давидаму давидам. Оқибат ба болои мурғобӣ ҳаво додам худро ва бо тамоми қувва зераш кардам. Дигар илоҷи ҷаҳидаву ҳаллос зада, халос кардани худро наёфт мурғобӣ ва бо чашмони ҳаросон, ларзону тарсон ба тақдир тан дод. Аз об баромадаму либосҳоямро чаппа – роста пӯшида, мурғобӣ дар оғӯшам сӯйи хона давидам. Ҷон бибиҷон, гуноҳ карда бошам, аз гуноҳам гузар. Баъд ин ки, ба падарам дар ин бора хабар нате. Майлаш?

-Эҳ, бо ин рафторҳоят ягон балора ба сарамон меорӣ, - оҳ кашид пиразан. Худо паноҳ диҳад. Хайр, дасту рӯта шӯю омада чою хӯроката хӯр. Баъд говҳоро обу алаф те.

Пиразан аз ҷо бархост, то ки барои набераи шӯху беқарораш дастархон кушояд.

-Мурғобиро дар куҷо ҷо мекунӣ? – пурсид кунҷковона ва миёнашро дошта, ғур-ғур кард:

-Дар оби наҳр сараш диҳӣ, хоҳ-нохоҳ мегурезад. Мурғобии хонагӣ дигар аст, ин мурғобии даштӣ бошад. Э, ба Худо корҳои афандира мекунӣ.

Набера банди хаёл, «ягон фикр мекунам, бибиҷон» гуфт. Хӯрокро хӯрда, шитобзада берун баромад. Қарибиҳои намози аср пайдо шуд вай ва ба бибияш пайғом расонд, ки ҳамроҳи ҷӯраҳояш ҳавзи калоне канда, ба он об сар додааст.

-Мурғобиро омӯхта карда, ягон ҳафта пас ба ҳавз сар медиҳам, - қаноатманд фаҳмонд ба бибӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ана баъд, шино карданаша тамошо карда, лаззат мебарем.

-Боз чӣ кор кардӣ? – пурсид ҳамон хаёломезу хафаманд пиразан. Гову мола обу алаф додӣ? Падарат ҳамин ки аз шаҳр рӯзи шанбе баргардад, ҳадаҳа тарафи оғил медавад. Феъли падарта медонӣ «Чаро гов хароб шудааст?, «Гӯсоларо дуруст алаф намедиҳен?», «Буққаҳо бе ем мондаанд, чӣ бало» гуфти буғзи дилаша ба сарамон мекафонад. Ту бошӣ, аз паси ташвишу даводавҳои бемаъният овора шуда мегардӣ.

-Ана ҳолӣ рафта обу алафу еми молҳоро медиҳам, - беқарору осема посух дод набера ва баромад аз дар. Аз дар баромадан ҳамон буду шомгоҳон пакару парешону ошуфта баргаштани писарак ҳамон. Дар оинаи дидагонаш ғубори яъсу шикастадилӣ лона монда буд. Аз он хушҳолию масаррат ва нишоту кайфияте, ки то ин дам дар чеҳрааш амиқ таҷассум ёфта буд, асаре намонда, ранг бохтаву зуд -зуд нафас кашида, бо чашми ҳайрат ба бибӣ менигарист. Бибӣ намози шомро хонда, инак пайи оростани дастархону овардани хӯрок буд. Вай ба чашмони ғамандуди наберааш мутаваҷҷеҳ шуда, ранҷиданашро аз кирдору рафторҳои ӯ пинҳон надошт.

-Мегардию мегардӣ, ас як ҷо наменишинӣ, орому қарор надорӣ. -Вақти баҳор, баъд аз шом баҳудаю беҳуда гаштан хубӣ надорад. Ҳини алафҷунбиш аст. Алафҷумбиша медонӣ? Аз куҷо медонӣ? Ҳар гуна ҷондору ҷину сиёҳӣ дар ин фасли сабзидану рӯидан ба ҳаракат медароянд, ба одам зиён мерасонанд. Ва ба посухи набера мунтазир нашуда, рост ба чашмонаш нигарист:

-Дар куҷо будӣ то индама?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

-Гову молҳоро алафу ем додам, баъд…

-Баъд боз давидӣ ба кӯча, ба майдони мактаб?

-Не, бибиҷон, - қадре хаставу беҳол паси сар хорид Фаридун. Таҳхонаро муш зер кардааст. Халтаҳои чормағза хойидаву сӯрох карда, чормағзора ба кучое кашондиян. Ана, доруи марги муша ба мағзи чанд чормағз қатӣ карда, дар сӯрохиҳо гузоштам. Мушҳои лаънатиро несту нобуд мекунем, бибиҷон. Бибӣ косаи шӯрборо рӯи дастархон гузошт, аммо чизе ба хаёлаш расид, ки мушаввашу парешон гардид. Абри ғаме ногаҳонӣ осмони дилашро фаро гирифт.

«Мабодо бепарвоӣ карда, дасти ношуста худаш чормағз шикаста, хӯрда бошад? Эҳ, бачаи бесар, туро ки оқсақол кардааст, ки ба доруи марги муш чаққа шавӣ? Авзояш беҷо, ғамгин метобад. Худоҷон, дар пушту паноҳи исматат нигоҳ дорӣ.»

Пиразан ингуна андеша дошт ва чашм аз набера намеканд. Баъди он ки Фарҳод шӯрборо дилу бедилон хӯрда, пиёлаи чойе нӯшид, пиразан аз ӯ пурсид:

-Чият шуда, ғамгин метобӣ, табъат хира. Шӯхию беқарорият куҷо шуд?

-Ҳеҷ гап нест, бибиҷон, - гуфт Фарҳод ва хамёза кашид:

-Хоб рафтан мехоҳам, хоб.

-Э, бачаи бесари бибӣ, рӯзи дароз мегардию медавӣ. Чиба дам намегирӣ, як лаҳзаяк хоб намеравӣ ? Худо дар пушту паноҳаш нигаҳбонат боша, набераи беқарори бибӣ. Баъди он ки Фарҳод дар ҷогаҳ дароз кашида, хоб рафтан хост, якборaву нохоста ҳис кард, ки шикамаш ба сӯзиш медароядд, зеру рӯ мешавад, дар ноҳияи атрофи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

нофаш дард тадриҷан шиддат мегирад. Вай аввал ба ин вазъ он қадар аҳамият надод, аммо сӯзиши дилу ҷигараш боло гирифта, гӯё мағзи қаланфурро майда карда, болои меъдааш пошида бошанд, ҷонаш дар панҷаи азоб сабру таҳаммул аз даст дода, нимхез шуд аз ҷойхоб. Якбора дилаш коса заду шӯрид, обе беранг даври даҳонаш ба пайдо омад. Паридаву давида аз хона берун шуд ва аз зинаҳои симентӣ даршаст фаромада, назди ҳаёт, ки гулҳои мулавван қатор назаррабоӣ мекарданд, сар хам кард. Ҳарчанд зӯр зад, чизе аз даҳонаш берун наомад. Оби беранги дар даҳонаш ҷамъшударо туф карда, ошуфтаву бедимоғ дафъатан зинаҳоро боло шуда ба хона даромад. Ва аммо…

Дарди ҷонгудоз дар хаёлу пиндори писарак торафт неру пайдо карда, чу ҳашараи заҳрогин ба ҷумла узви вай неш зада, ҳолаш вазнин ва сараш ба дард даромада, дубора эҳсоси нохуше дар мағзаш ангезае ба зуҳур овард. Аз чӣ бошад, шикамашро сӯзиши амиқ фаро гирифта, ба назараш чунин мерасид, ки кадом бераҳми ваҳшисират ба дилу ҷигараш сӯзан мезанаду сӯзан мезанад, баъд ба ҷойҳои сӯзанзадаи захмин намак мепошад. Деви дард сар ба деворҳои дилу ҷигар мезад, хун дар рагҳо туғён мекард, ин деви бало забон дароз карда, шираи ҷони писаракро мемакиду қувваю тавони ӯро оҳиста – оҳиста фурӯ мебурд. Пардаи ашк чашмонашро печонида, Фарҳод дар қабзаи тарсу ваҳм монда, даст рӯйи шикам фиғон кашид:

-Бибӣ, бибиҷон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Пиразан зери лаб ғур – ғуркунон чашм боз кард, сӯйи набера нигаҳи ҳайрат, ки тавъам бо маломату норизоӣ буд, дӯхт.

-Бибӣ, бибиҷон! Ҷонма даст гир! Мемирам.

-Вой, войе.

Ин дафъа садои ҷонгудози писарак батамом кампирро ҳушёр сохту ба худ овард.

-Чият шуда? – даст ба пешонии Фарҳод гузошта пурсид бибӣ ва ба чашмони вай, ки дард мавҷ задаю тӯфон меангехт, бо изтироб нигаҳ афканд:

-Куҷоят дард мекунад? Шикамат?

-Шикамам, бибӣ шикамам, - нолиш кард Фарҳод, боз… дилам, ҷигарам. Ҳама ҷоям.

-Воҳ, рӯм сиёҳ. Дар кучоҳо гаштию чӣ хурдӣ, як Худо медона. Неке…

-Бибӣ, ягон доруюю даво кун, мемирам охӣ.

-Дорую даво? Ҳозир, бачам, як дам сабр кун, дига…

Пиразан миёнашро дошта, аз ҷо бархост ва берун баромад. Вай худ ба худ чизе мегуфт ва оҳи сард аз ҷигар кашида, хаёлаш парешону дилашро тирагие истило карда, дар зарфи шишагие равғани зард баргашт аз ошхона.

-Равғани кӯҳнаи зард овардамат, - гуфт, зуд – зуд фурӯ мебарӣ. Ин равған ба ҳазору як дард давоҳай. Ҷонат мераҳа. Эҳ ҷони бибӣ, дилам раг зада буд. Вай равғанро бо чумча ба даҳони набера мерехт.

Аммо Фарҳод баъд аз фурӯ бурдани ду - се чумча равғани зард рӯяшро бо чашмони пӯшида ба дигар тараф гардонд:

-Намехом, бибӣ, намехом. Дилам мешӯраду коса мезанад. Берун барма.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Пиразан сару калобааш гум, аз дастони набера дошта, ҳамроҳ ба берун баромаданд ва аз зинаҳои симентӣ фароям – нафароям садое аз шиками Фарҳод баланд гардид, то гулӯ омаду ҳиққосу зад вай ва хуноба аз даҳонаш шорид. Хуни сиёҳфом буд, лахта -лахта гӯшт андарунаш. Дигарбора садое аз шикам бархост, ин садо, то даҳон омад, сар хам кард набера ва … моеъи сабзранги тирафом аз даҳонаш шоридаву пош хӯрда, рӯйи поғундаҳо рехт. Гӯйё андар зарфи шикам ғайру хуну моеъи сабзранг чизи дигаре вуҷуд надошт. Ҷисми лоғари Фарҳод аз фишори дарду қай кардан ба назар хурду наҳифтар гардида буд. Деви дарди маргбор аз дарун узв – узви бадани писараки оҷизу нотавону дармондаро ҳамоно пора мекарду мебалъид ва ҳисори тани ӯро ба ларза меовард. Фарҳод шабеҳи он ки ба ӯ шамоли тарма расида бошад, дарақ -дарақ меларзид, дандонҳояш ба ҳам бархӯрда, шаraққос мезаданд. Чашмонаш монои олуболу сурх гардидаву аслан чизеро дидаву пайхас намекард. Вай вазнашро ба бибӣ ҳавола карда, сар ба оғӯши ягона муттакояш гузошта, ба нолиш даромад:

-Бибӣ, бибиҷон!

-Ҷони бибӣ, - оҳанги алам дошт овози пиразан, аммо вай мекӯшид ба он навозишу меҳрубонӣ зам кунад.

-Мемирам, бибӣ, Ҷонма даст гир!

-Ин хел нагӯ бачам, Худо хоҳад, нағз мешавӣ. Ягон чизи вайрон хӯрдӣ, ё …

-Не, не, ҳеҷ чиз нахӯрдам, ба ғайр аз …

-Аз чӣ, бачам?

-Чормағз хӯрдам, дастом доруқатӣ буд. Доруи марги муш.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

-Дастота ношуста будӣ? Оҳ- воҳ, ин бало ай куҷо хест?

Пиразан набераро ба такяи худ гирифта, оҳиста -оҳиста қадам зада, ба хона даровардаш ва рӯйи ҷогаҳ хобонд.

-Як дам хоб рав, - гуфт, нағз мешавӣ. Аммо…

Пиразан пай намебурду дарк намекард, ки фариштаи марг дар ин хона меҳмон гардидаву ором -ором давру бари Фарҳод чарх мезанаду чарх мезанад. Фарҳод лаҳзае базӯр чашм во карда, бефарқ ба шифти хона чашм давонда, худ фариштаи маргро бидид, ки даст афшонду фиғон кашид:

-Мемирам, бибӣ. Кош очаву отама як бори дигар медидам. Оча, очаҷон отаҷон.

-Оҳ…

Бибӣ «Худо бигирад ҳушма, равам ҳамсояро фарёд кунам. Отаи Фарҳод занг бизана. Мошин ёфта, набераи азизама ҳарчи ҳадаҳатар ба духтур бибарем. Эҳ…воҳ…» -гӯён набераро ба ҳоли худ бигзошту бо шитоб берун давид. Дари ҳамсояи дасти ростро кӯфт. Ба Шоҳину ҳамсараш асли воқеаро нақл карду гирёну дареғгӯён бозпас ба хона баргашт. Фарҳод, пайкараш дар тасарруфи дарди лоилоҷ ҳамоно дод мегуфт, овози гиряомезонааш чунон баланд буд, ки мегуфтӣ ҳамин ҳоло боми хона чаппагардон мешавад. Дигар чашм во накарда, дасту по мезад, аз Худо имдод металабид:

-Худо, Худоҷон, дилу ҷигарам сӯхт, ҷонма даст гирее…ее…

Шоҳин, ки маъюб ва аз як пояш дар ҷанги дохилӣ маҳрум шуда буд, ба пиразан маслиҳат



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

дод, ки рафта Ҳоҷисайдарро гуфтан даркор, ки мошинашро гирифта биёяд.

-Вақти фикрӣ зиёдатӣ нест, - хулоса кард ӯ, бачара тез ба духтур расондан лозим. Ва ба ҳамсараш нигарист:

-Ҳамроҳи кампиру набера ҳамин ҷо бош, ман бо Сайдар расида меоям.

Хонаи Ҳоҷисайдар дар назди хирманҷой воқеъ гардида, тақрибан 300 метр фосила дошт … Баъди чанд муддат Ҳоҷисайдару Шоҳин омаданд ва аз дидани манзараи шигифтовар, фиғону нолаи пурдарди Фарҳод, ки ҳолиё рӯяшро ҷониби девор гардонидаву зонувону дастонашро ба шикамаш пахш карда, чиррос мекашид, музтару ҳайрон монда, дар лаб оҳанги дареғ сар ҷунбонданд.

Ҳоҷисайдар ба пиразан суоломез нигарист:

-Хола, ба падараш телефон кардед?

-Не, аз куҷо, - дастон дар миён ҷавоб дод пиразан.

-Занг зада вазъиятро фаҳмонданд даркор. Мегӯем, ки мо ба роҳ баромадем, шумо тайёр шавед. Ҳамин ки ба маҳаллаи шаҳрӣ расидем, якҷоя ба бемористон мешитобем. Ҳоҷисайдар рақами телефонро чида (аз кучое пиразан дар вараке рақами бо қалам навишташударо ёфта ба ӯ дароз кард), ба падари Фарҳод занг заду тамоми воқеаро накл кард ва…

-Мо ҳамин ҳоло ба роҳ мебароем, - гуфт. Шумо тайёр шуда истед.

Ба роҳ баромаданд. Соат ба 12 дакка хӯрда, насиме вазидаву ба шоххҳои дарахтон мепечид, бехигӯшӣ чизе мегуфт, ки баргҳо шип – шип овоз мебароварданд. Кӯчаву тангкӯчаҳо равшану озода, дар ин ғояти шаб ҷонзоте ба чашм



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

намерасид. Фарҳод дар оғӯши бибӣ фарёду фиғон мекашид. Чашмонаш пӯшида, ту гӯйӣ деви дардро оҳиста – оҳиста дар ҷанинаш буғиву маҳв кардан мехост.

Аммо ин тасаввури умедзо имконнопазир, балки хаёлу саробе беш набуд. Баъди чанде ба шоҳроҳ баромаданд, Ҳоҷисайдару Шоҳону пиразан банди хаёлҳои мағшушу навмедона дар ин озмоиши сарнавишт оҷизу ҳайрону нотавон монда буданд. Дарду нолаи ҷонситон фазои дохили мошинро фаро гирифта, ба кас тазъйиқ меовард. Дилро мефишурду нафасгириро душвор мекард. Ингуна хеле масофаро тай карда, ба даромадгоҳи шаҳр – дарвозаи маҳаллаи «Обшорон» наздик шуданд. Чароғҳои ду тарафи роҳ бо нури дурахшони худ ба гирду атроф фурӯғи афзун мебахшиданд. Як лаҳза Фарҳод чашм во кард, бо алам, бо рамзу муаммое ба чеҳраи бибӣ нигарист. Пасту хафиф овоз баровард:

-Бибӣ, бибиҷон, ман мемирам. Ба отаму очам қоил нашав, ки ман бо дастони доруқатӣ чормағз хӯрда будам.

-Ҳар хел фикри беҷо накун, бачам, - тасалло дод ӯро пиразан. Ана ба шаҳр расидем, камтари дигар монд, отаву очата аз микрарайон савор мекунему дар чашм задан ба духтур мерасем.

-Не, не, бибӣ. Корам шуд. Ана, ҳозир, мебинӣ, ки…

Суханонашро ба охир нарасонида, набера дар оғӯши бибӣ карахту лол монд…

-Воҳ, бачам, воҳ берӯзии бибӣ..

Пиразан чунон фарёд кашид ки Замину Осмон ба ларза даромад. Вай беҳуш гардида, сараш ба қафо, ғеҷида, дароз кашид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

…Нисфи шаб садои нолаю фиғони саг оҳиста -оҳиста паст гардид ва ба гӯши ҷавонмард як овози ҳуштакмонанд, ки аз соатҳои вопасини умри ҷонвар дарак медод, канда – канда расид ва ӯ аз ҷойгаҳ бархоста, рӯ ба ҳезумхона овард.

Чун ба ҳезумҳои бе тартиб болои ҳам хобида, ки дар ковокии яке аз онҳо саг дард кашидаву оламу одамро ба гирдоби яъсу навмедӣ мувоҷеҳ месохт, дида дӯхт, сабраш сар рафта, ҷавонмард аламу ҳузни дилашро, ки ба сурати қатраҳои ашк аз чашмонаш ҷорӣ мешуд, дошта натавонист. Ҳис кард, ки ҳамин ҳоло аз таъсиру зӯрии ҳасрати бепоён деворҳои дилаш таркида, аз ҳам мерезанд. Саг (ин рухдод бас ногаҳонию пурмуаммо буд), ба душвор аз байни ҳезумҳо ғеҷида, пайкари наҳифашро қашолакунон то назди ҷавонмард расид ва давру бари пойҳои ӯро бӯйкунон сар ба замин гузошт. Дигар хомӯш шуд ҷонвар…

…Аммо шигифтовару тасаввурнопазир ҳолате буд, ки бо ҷавонмард дар мотамхона рӯй дод. Вай вақҳи марги дилрешкунандаи писаракро аз забони чанд тан аз ҳамдеҳагон шунида, фикр мекард, ки муаммою рози ин олам ба инсон ҳароина пӯшида буда, илло Яздони пок, ки асрори коргоҳи ӯ кас надонаду ба ғаври он таҳаққуқ наёбад. Пиразан менолиду мӯя мекашид, фалакро сақф бишкофтан мехост, шикваю шикоят ба холиқи якто мекард:

-Э Худои беайб, хонам сӯхт. Набераҳакам дар пеши чашмам сӯхта – сӯхта, обу адо шуд. Ё Парвардигор, насибааш ба ҳамон доруи муш будааст, дилу ҷигарашро сӯзонда, аз ҳалқаш овард. Чаро ҷони ширини наберама қавс кардӣ, э



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Худоҷон, чаро? Мани аҷузаи солхӯрдаро дар пеши пойи ӯ мекӯштӣ, намешуд?

Ин замину осмон, ин обу ҳаво, ин ҳавлию хонаи дара дигар ба сарам занам?

Кош ҷони маро мегирифтӣ, Э Худоҷон, кош бераҳмӣ намекардӣ…

-Э, вой, айби ман шуд, - сар ба сутуни пешайвон гузошта, даст дар ҳаво афшонда, ба гиряву фарёди ҷонхароши пиразан ҳамроҳ шуда, садо баланд кард падари писарак.

- Гӯшаи шаҳра макон карда, писарчама тани танҳо, ба ҳоли худ гузоштам. Худо зад маро. Ҳафтаҳо, боре хабаргирӣ меомадам модари пираму писарчама. Кай парвои марг доштам. Кай ба хотир меовардам, ки гурги аҷал дар паси дари хона писарчама пойида гаштааст. Агар худам ҳамин ҷо мебудам, шояд ин воқеа рӯй намедод, намегузоштам, ки писаракам ба таҳхона даромада, ба чормағзҳо даст бизанад. Эҳ, дардам зӯр аст, мардуми маҳалла, қавмо…

-Аз писараки ман доим шикоят мекарданд, хайр, вай шӯху шангу беқарор буд, - бо остини куртаи сафед ашки бари рӯ пок карда, ба нола даромад модари Фарҳод. Бачам мегуфт, ки маълимо дӯғу дарангам мекунанд, ҳамсояҳо доду вой мебардоранд, ки ман ягон лаҳза қарор надорам. Худо оқибати ҳамин бачаро ба хайр гардона. Хайр, ина ҳаматон аз бачаи шӯху беқарори ман халос шуден. Дигар ғамтон наметия. Неке дардам зӯри зӯр аст, охир, ман модарам! Осмон чаро ба сарам фурӯ намеафта, ман дар рӯйи замин бо чӣ ҳол зиндагӣ кунам? Э Худои бузургу ҳамадон, хонаам мотамсаро шуд, вой,- дод…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ҷавонмард дигар таҳаммулу бардошти навҳаи модари писаракро накарда, хост аз мотамхона берун барояд. Дар ҳамин ҳол, бо амри тасодуф чашмаш ба ҳавлии васеи соҳибхона афтид, ки дар зери дарахтони себ мурғобие ваҳшӣ ҳаросону ҳайрон ба анбуҳи мардум ва мотамзадагон, хешону пайвандони писарак нигариста, беҳаракат меистод. Гӯё бо нигоҳи моломоли ҳайрат пурсидан мехост: чӣ воқеа рӯй додааст, эй мардум?!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

# ХОНА

Ҳамааш аз он сар шуд, ки писаронам якбора дар фикри вайрон кардани хонаҳо шуданд.

«Аҷабо, - аз дил гузарондам ман, солҳое буданд, ки дар талабу дарёфти луқмаи нон ба ҳар кӯю дар сар мезадему на аз сохтмон ёд меомаду на аз бунёди хонаи нави замонавӣ. Зери боми хонаҳои чӯбии финнӣ шабро бо ҳазору як азоб рӯз мекардему субҳ андешаи пайдо намудани орду нон мағзро ханҷол мекашид. Солҳои ҷанги дохилӣ азоби саги саҳроро кашидем. Инак, имрӯз бачаҳо гӯё ҳеҷ воқеае рух надода бошад, он рӯзҳоро ба боди фаромӯшӣ супурда, ду пойро дар як мӯза зер карда, пофишорӣ доранд, ки бинои хонаҳоро аз ҳам мерезанд.

-Ота, - маслиҳатомез мегӯяд писари сарнухсини хонадон Фазл, дигар ин хонаҳои деворҳояш гилин аз мӯд баромадаанд. Нигоҳ кунед, ҳама хонаҳои замонавии дуқабатаю сеқабата месозанд.

-Ҳо, албатта, бояд бинои пешинаи хонаҳоро чаппа кунем,-суханони Фазлро тақвият мебахшад Компрони бародараш.

-Шукр, шароит дорем, маблағ мерасад. Хонаҳои нави мувофиқ ба замони имрӯзро, ки дар заминаи меъмории аврупоӣ сохта мешаванд, бунёд мекунем. Ҳар як қабат ҳаммому ташноби худро дошта, бо оби гарм таъмин аст. - Ба воситаи зинаҳои сафолакпӯш ба қабати дуюму сеюм мебароӣ.

-Розӣ шавед, ота,-суханони бародаронашро гӯё ҷамъбаст мекарда бошад, мегӯяд Асрор, фарзанди хурдӣ. –Иҷозат диҳед, хонаҳоро чаппа



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

кунему аз пайи бунёди бинои нав шавем. - Илтимос, ота, як дуои хайр бидиҳеду бо ҳамин…

Ман, инони сабру тоқатро аз даст дода, оташи ғазабам шуълавар мегардад:

-Шумо магар ҳазлу шӯхӣ мекунед?

- Бекор мондаед? Хона сохтаниед, марҳамат, ҳо, ана дар як гӯшаи дигари ҳавлӣ сохтан гиред. Лекин…

-Ин пилтаи хомро аз гӯшатон кашида партоед,-мегӯям қотеъона.

-Ман иҷозат намедиҳам, ин хонаҳоро, ки бо ҳазор азобу машаққат рост кардаам, вайрон кунед.

-Охир, як бор хонаҳои пешинаро худам вайрон карда будам. Дигар, бас, кифоя. Писари калонӣ – Фазл дафъатан, чеҳрааш ғарқи табассум даст ба китфам мегузорад:

-Ота, розӣ шав, бовар кун, дар як қабати бинои нав шумо бо модарам роҳат ҳаёт ба сар мебаред. Як хонаи бузургу бавусъат ва барҳаво ҳамчун ҳуҷраи кориятон хидмат мекунад. Тамоми шароитро муҳайё месозем. Пашша пар намезанад, менависеду менависед. Ҷон, ота, «не» нагӯед.

Пас аз фикру андеши тӯлонӣ ба писаронам, ки мунтазири посухи мананд, рӯ меорам:

-Медонед, баъд аз он ки хонаи чӯбии сохти финниро вайрон карда, ба сохтмони хонаи нав оғоз намудам, бобову бибиятонро, ба дардманду гирифтори бемории бедаво буданашон нигоҳ накарда, илтимос кардам, ки дуо диҳанду девори хонаҳоро бардорем. Қиблагоҳ аз болин сар бардошта дуои нек доданд ва андешаманд, ашк дар чашм:

-Кош, зудтар хонаатро месохтию як бор ҳамроҳи модарат меҳмонат мешудему аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

дастархонат нон мешикастем, - гуфта ҳасрат намуданд.

-Худованд амон диҳад, шояд ба он рӯзҳо бирасем.

***

Калтакалосҳо. Ин ҷонварон дар фасли зимистон, ки дар берун бо тундбоду сардиҳояш бедод карда истодааст, дар дохили хона, аз роғи чӯбҳои куҳнаву бо гузашти солҳо сиёҳтоб шуда сар кашида, роҳи халосӣ меҷӯянд. Аз зарбаҳои кӯбачаи дасти ман баногаҳ аз зери чӯбҳои қабат ба қабати хонаи сохти финӣ зуҳур карда, бо нигоҳи тарсомезу рамида, карахту пакар ноҷунбон меистанд. Гӯё ҳазор сол боз ҳамин гуна чун дар сурати аз дақёнусмонда дар девори чӯбин нақш гардидаанд. Ранги баданашон сип-сиёҳ, нофораму зишт аст, аз дидани «чеҳраи ношустаашон» дил беҳузуру тани касро раъша фаро мегирад. Калтакалосҳои бадранг!

Калламушҳо кам буданд, ки навбат ба калтакалосҳо расид. Кадом рӯз аз сақфи чӯбкории ин хоначаи касифу қадимии рутубатноку намкашида, ки аз девору фарши тахтагини пӯсидаву афсурдааш бӯйи мағор меояду димоғро месӯзонад, каждуми хокистарранги низ бадрӯе ба рӯйи фарш афтид.

Калламушу калтакалосу каждумҳо!

Мо, аҳли хонадон, ки тоза ба ин ҷо кӯчидаем, дар байни ин ҷонварони номубораккадам зиндагии талхе ба сар мебарем.

Кош намекӯчидам! Кош ба суханони қиблагоҳам гӯш фаро медодам.

Кош фармонбардори амру исрор ва пофишориву якравии ҳамсарам намешудам. Инак, калтакалосҳо (аҷиб, аз зери чӯбҳои болои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

ҳам мехкӯбшуда як-як баромада, аз думболи якдигар саф кашидаанд, палидҳо!) бо чашмони ҳаросон ба ин сӯ-он сӯ менигаранд ва оҳиста-оҳиста ба пеш мехазанд. Болғача дар даст даҳонво мондаам. Чӣ бояд кард? Корамро идома бидиҳам ё… Ман ба чӣ амале даст мезадам? Фаромӯшхотир шудаам. Бо ин азобу машаққате, ки мардонавор пушти сар мегузораму таҳаммул мекунам, аҷаб нест, рӯзе билкул хотираамро бар боди фано диҳам. Ҳа, ҳа, ба девори сафедкардашуда, ки аз қабатҳои чӯбҳои сахту маҳкам ва бақувват таркиб ёфтааст, қасд доштам, ки мех бикӯбам. Якчанд мех. Аз ин канор ба он канори хона (хоначаи тангу камбарест ки дарозияш се ва бараш ду қадам аст), ҳамсарам тор кашиданисту либосҳои шустаи кӯдаконамонро овезон бинмуда, дар тафсу гармии бухорӣ хушк карданист. Дастам суст шудаву азму иродаам сар рафта, болғачаро назди тиреза гузоштам. Ба девору чӯбҳои шикаста ва роғҳову калтакалосҳо хира мешавам. Чӣ тавр, бо кадом роҳу шева аз ин ҷонварони лаънатӣ халос шавам? Ана, овози ҳуштакмонанд ва моно ба виз-визу фиш-фиш аз зери фарш ба гӯш мерасад. Ду калламуши бадвоҳимаю сутурги хокистарранг ҳамдигарро думбол карда, аз кадом шикофие ба рӯйи фарши хона мебароянд. Визу-визу фиш-фишкунон бо чашмони калони нигоҳашон маккорона сӯям менигаранд. Бӯйи нохушу тааффун!

Ҳар гоҳ ки калламушҳо ба пайдо меоянд, ин бӯйи шабеҳи бӯйи моддаи хлор ва ким-чӣ гуна алафу гиёҳи баҳорӣ, ки дар поёни ҳавлӣ мерӯяду тақрибан як метр баланд мешавад ва шохачаҳои сабзи ситорамонанд дорад, ба димоғ ворид мешавад. Бӯйи тунд, ногувор аз роҳи нафас ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net мурочиат кунед

дилу ҷигар, ба хун меомезад ва меъдаро ба сӯзиш медарораду ин сӯзишро хун то мағз мерасонад ва ангезаи он ҷонро ба лаб меорад.

Дил коса мезанад, қай карданат меояд. Бад ҳолатест! Бо калламушҳо муборизаро аз дер ҳангом, аз ҳамон рӯзе, ки по бар остонаи ин хоначаи финнӣ гузоштаам, оғоз кардаам, аммо… Ин «хайл»-и бешумор чу гиёҳи ҳарза тамоми гӯшаю кунҷи хоначаро печонида гирифта, дандон ба ғизои андаки хонадон тез кардаю аз чормағзу қоқи меваҷоти себу шафтолу, зардолу, олу, ғаллаю гандум, сабзию картошка ва ҳатто пиёзи тунду тез рӯ намегардонанд. Калламушҳои наҳси фарбеҳ, муфтхӯрони айёр, бераҳму носипос!

Ибтидо аз мушқапаки тахтагин, ки симеро ба ҳалқааш ворид месозӣ ва як пора нон ё чормағзро ба зери он ҳалқа мегузорӣ, то калламӯш аз қавли шоир «ба бӯйи дона дар дом меояд», истифода кардам, ки дареғо, ҳеҷ натиҷа надод. Хармушҳои неруманди бо вуҷуди фарбеҳӣ ҷалду чобук, тапар-тапаркунон (аксаран шабҳангом, вақте ки аҳли хонадон ба хоби ноз мерафтанд) ноаён аз зери фарши пӯсидаву фатаротгашта ба пайдо омада, хазида-хазида, ҳаворо бӯ кашида, ба дом наздик мешаванд ва… садои ғайримунтазираи шароққосу тароққос задани симҳалқа бар рӯйи тахтачаи мушқапак баланд мегардад. Аз хоначаи дигар, ки дар рӯшноии чароғи хирасӯз китоби ғафси «Саргузашти Дон-Кихот»-ро мутолиа мекунам, аз курсии шалақи аз кадом асру замон меросмонда парида бармехезаму ба ҷониби «дом» қадам мезанам. Симҳалқа бар рӯйи тахта афтида, на аз калламуш дарак асту на аз чормағз дону нонпора. Танҳо думи сафедранги калламуш таҳи сим мондаасту халос.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Чанд рӯзу шабон ингуна ба беҳуда пушти сар шуда, ҳатто мушбачае дар мушқапак наафтоду дарнамонд. Илоҷи ҳалли «муаммо»-ро ҷуста, бо маслиҳати ҳамсарам (вай гоҳо бо фазлу донояш маро моту мабҳут ва мафтун ҳам мекунад), дар пайи доми бузурге шудам, ки ба қафаси мурғон шабеҳ буда, мураббаъшакл асту дарe дорад. Дар дохили доми қафасмонанд ба симҳалқаи нӯгтез пораи нон, дону чормағз халонда, даричаро кушода мондам. Шабе аз шабҳо боз ҳам ғарқи мутолиаи романи «Дон-Кихот» будам, ки шараққоси дом баланд гардид. Филфавр паридаму давидам ба «маҳалли воқеа». Дар тасаввур намеғунҷад, вале воқеият ин аст, ки калламуши баробар ба гурба ё харгӯшмонанде бо чашмони нигоҳаш саҳл озмоишкоронаю пайтҷӯёна дар қафас афтодаву ба сӯроххои он менигарист.

«Аҷабо, - аз дил гузарондам, ин махлуқи ғоратгар чӣ тадбире меандешида бошад? Вазъи баамаломада аз он мегуфт, ки калламуши маккор дар пайи анҷом додани ҳилаест, ки ба ӯ, аз саравлодаш – мири мушон мерос мондааст.

Ва дарвоқеъ, нохоставу ногаҳон калламуш дар саҳни қафаси васею фарох давида, худро ба даричаи он зад. Зарба сахт буд, аммо дарича кушода нашуд. Набера ё шояд абераи мири мушон ноилоҷу ошуфта қафо гашт ва ин дафъа бо нигоҳи маъюсу рамида гоҳ ба боло ва гоҳе сӯйи дар нигарист. Кунун дар фикри он будам, ки чӣ тавр, бо кадом роҳу шева ин калламуши дарди сарро маҳв созам. Ҳамсарам боз ҳам ба сарвақти корам расид ва зуд домро ба берун бароварда, сипас, ҳамчунон бошитоб зарфи обаш ҷӯшомадаи болои бухориро оварда, «ана ҷазои ту, бадкирдори



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

наҳс», гӯён обро ба болои дом рехтан гирифт. Оби ҷӯш аз сӯроххои тӯри симини дом ба бадани калламуш мешорид ва виззоси ҷонгудозонаи калламӯш гӯшро ба қомат меоварду захраи одам аз талвосаи ҷои кандани ҷонвар об мешуд. Манзараи риққатоваре буд. Калламуш ин сӯ медавиду он сӯ ва оқибат аз таъсири оби сӯзон сар ба дарича зад. Ин зарба аз зарбаи чанд муддат пештар анҷомдодаи калламуш бо садои баланди худ фарқ мекард. Зарба корагар баромад ва дарича во шуду калламуш бадани абгору сӯхтаашро кашолакунон ба даруни алафу буттаҳои анбуҳ даромада рафт ва аз назарҳо нопадид гардид.

-Ман ин бераҳмию мушоҳидаи чунин як манзараро таҳаммулу бардошт надорам,- саҳл димоғсӯхта гуфтам ба ҳамсарам ва афзудам:

-Агар ҳар як дафъаи ба дом афтодани хармушҳо ин ҷонваронро бо чунин усул бикӯшӣ, намедонам бо ман чӣ ҳолате рух хоҳад дод.

-Ту, ҳо як ҷо дуртар рафта ист,-фаҳмонд ҳамсарам. Ё аз китобхонию нависонависат намон. Ман худам ин ғоратгарҳоро ба ҷазои аъмолашон мерасонам. Қисса кӯтоҳ, бад-ин минвол ҳар дафъа, ки калламуше ба дом меафтод, ман худам онро бардошта, дар халтае андохта мебурдаму дар ғори поёни маҳалла, даричаро во карда, рав, дар даштҳои дур ба дуздию ғорат машғул шав»- гуфта, калламушро раҳо мекардам. Моҳе бад-ин аҳвол баромад. Ва чӣ аҷаб, тадриҷан калламушҳо ба нестӣ расида, шабҳо аз виз-визу фишшос задани ин махлуқҳои палид ва ғорати ошкорояшон наҷот ёфтем. Аммо шабҳо дар панҷаи кобуси саҳмгин монда, худро дар иҳотаи калламушҳо медидам. Медидам, ки ин махлуқҳои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

хира оҳиста-оҳиста ба ман наздик шуда, ба баданам дандон мезананду гӯшти лаҳму нарми танамро хоида-хоида фурӯ мебаранд. Боре ҷонҳавл, зери обу арақ монда, бедор шудам аз хоб. Ва хоби дидаамро як ба як ба ҳамсарам нақл кардам.

-Хоби хубе нест,-андешаманд гуфт ҳамсарам. Лашкари калламушҳои гушнапурзӯр боз гашта меоянд. Эҳ Худо, чӣ кор кунем-а? Ва фикре мағзашро барқвор равшан кард магар, ки ба рӯям бо тааннӣ нигарист:

-Мулло Саидро оварда, туро хонондан лозим.

Ман пушти сар хоридам:

-Ҳаминаш дар ин солу замона намерасид.

Аз калламушҳо то дер муддат халос шудему инак калтакалосҳо аз зери қабати девори чӯбкорӣ сар баровардаанд. Ростӣ, андоми сиёҳрангашон сахт ба тарсу ҳарос гирифторам кардааст. Чӯбдастеро бардошта, ба девор бо тамоми неру зарбаҳо задам. Калтакалосҳо пешу қафо (шояд аз тарси ҷон бошад!) зуд ба хазидан даромада, дар кадом сӯрохии шифти пӯсидаи хона пинҳон шуданд.

-Инҳо безараранд, - бо оҳанги ҳакимона фаҳмонд занам. Фақат чеҳраи хунук доранд. Накуш калтакалосҳоро. Гармӣ, ки фаро расид, баромада мераванд.

-Худо медонад,-машкукона гуфтам ман, баръакс, дар гармӣ худ берун баромада, кӯдакҳоро метарсонанд. Рӯзамон сиёҳ мешавад.

-Эҳ хайр,-даст афшонд ҳамсарам. –Дар насибамон ҳамин хонаи чӯбии фарсудаю лашкари ҳашароту хазандаҳо будааст.

***



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Қиссаи ба ин канори деҳа, саҳеҳтараш ба собиқ фермаи хоҷагӣ кӯчиданамону дар яке аз хонаҳои кучаки финнӣ зиндагии мустақилона оғоз намудана-мон, ҳароина, (тавре болотар таъкид шуд) ҳамсараму қарори ниҳоии ӯ буд. Аз хидмати афсарӣ (тарҷумони низомӣ дар яке аз қисмҳои ҳарбии шаҳри Тирмиз) баргаштаму бо зану се фарзанд ба мушкилоти хонаву рӯзгори алоҳида рӯ ба рӯ гардидам. Азбаски мо панҷ бародар будем, табиист, ки дар хонадони падарӣ дигар намеғунҷидем. Қиблагоҳ чун зиёд дӯстам медошт, исрор кард, ки ҳамроҳаш дар хона бимонам.

-Ҳавлии кушод, кӯдаконат чор тараф давида, бозӣ мекунанд,-хушҳол ва ҳайрхоҳона гуфт вай.-Андак-андак қоматат, ки рост шуд, дар як кунҷи ҳавлӣ хонаи нави замонавии табъи дилатро месозӣ.

-Ҳа, охир, ин ҳеҷ ҷойи пинҳон надорад. Ана-мана нагуфта, фарзандон калон мешаванд, ғами онҳоро бояд хурда, ҷудояшон кунӣ. Ростӣ, зиндагӣ косаи давр аст. Бобову бибиёнамон заҳмату ранҷ кашиданд, ҳамаи молу мулк, хонаву дар ва аз қавле «дову даҳанаро» ба падарону модарони мо гузошта, дасти холӣ бо худ хасе ҳам набуданд. Падару модарамон бошад, на шаб хоби ҳалол рафтанду на рӯз қарору ором доштанд. Боло давиданд, поён давиданд, гову мол гуфтанд, хонаву дару рӯзғор гуфтанд, моро хонадор карданд, армон нашикаста, бановақт ин дунёи сарсабзу шукуфонро падруд гуфтанд. Баъд молу амвол, хонаву дар, ҳавлӣ ба мо расид. Ҳамроҳи модарат қариб 40 сол дар фермаи колхоз заҳмат кашидем. Хонаҳои нав сохтем, панҷ фарзандро хонадор кардем. Акнун… дар вақти зинда буданамон мехоҳем, ҷудоятон кунем. Лекин як



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

нафаратон бо мо мемонед. Ва ман мехоҳам, бачем, ту ҳамроҳам бимонӣ, чароғи ин хонаро доим фурӯзон нигоҳ дорӣ!

Лаҳзае ба дарёи фикру хаёл ғарқ шуда, падарам ангушт ба лабон гузошта, ба муроқиба рафт.

-Дигар бародаронат соҳиби заминанд. Барои хизматҳоямон роҳбарони колхоз ба фарзандонам замин ҷудо карда доданд,-фаҳмонд қиблагоҳ.

Ғур-ғуру норизоиятии ҳамсарам, аммо шуруъ гардид ва рафта-рафта ба ғавғою ҳангомаи калон табдил ёфт.

-Дар ин хонадон писари кенҷагӣ бояд бимонад,-оқибат хулоса кард вай. Мо мекӯчем, ба боғе, ки дар ферма ҷойгир асту хонаҳои финнӣ дорад.

Ва падар ҳамсарамро аз раъйяш нагардонд ва ҳангоме ки бору буна ва асбобу анҷоми рӯзгорамонро ба бордони трактори Хушназари ҳамдеҳаам ҷо карда, озими роҳ ба сӯйи хонаю ҳавлии нав гардидем, қиблагоҳ даст ба дуо бардошта, фотеҳаи нек дод.

Инак се сол мешавад, ки дар хоначаи финнӣ, ки деворе онро аз байн ҷудо мекунаду ду хонаро дар бар мегирад, дар ҳалқаи хазандаву ҳашарот-калламушу калтакалосу каждумҳо бо чаҳор фарзанд – ду духтару ду писар зиндагӣ ба сар мебарем.

Аммо ҳеҷ орому осуда наем.

Тавре ки ривоят кардам, аз калламушҳо халос шудему калтакалосҳо дар кунҷакҳои шифт, ки дудзадаву рангбохта буд, сар ба дарун кашида, аз қавле орамиданд. Чӣ гӯям, ки ба балои дигаре мувоҷеҳ гардидем. Дақиқтараш ин вазъ танҳо маро домангир шуда. Шунида будам, ки ин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

хонаҳои финнӣ таърихи 60-70 - сола дошта, замоне онро бинокорони рус бунёд кардаанд. То аз ҳам фурӯ рехтани Шуравии абарқудрат дар ин хоначаи финнӣ подабонҳо будубош доштанд. Аз ин хонаҳои финнӣ чаҳортои дигар, ки дар шафати якдигар ҷойгир шудаанд, мавҷуд мебошад. Яке аз ин хоначаҳо қаблан ҳуҷраи кории мудири фермаю ҳисобчӣ, хоначаи дигар ҳуҷраи байторҳою хонае ҷойи нигоҳдории доруҳои гуногуни чорво ва хонаи охирин ҳамчун анбори асбобу анҷом хидмат мекарданд. Хоначаи будубоши подабонҳо бо боғи нисбатан доманфарохе ба шарофати талошу такопӯи падарам ба ман расид.

Шукр, шукр!

Ҳалолат бод, қиблагоҳи азиз, ки подоши заҳматҳоят раҳбарони хоҷагӣ қадратро шоиставу неку донистаанд.

Аммо… балои ногаҳонӣ чӣ буда? Ҳар шаб, бо сар ба болин гузоштану чашм пӯшидан садою ниҳеб ва пичир-пичир суханони бехигӯшии одамонро аз кадом давру қарнҳои гузашта, ба пиндорам, аз болохона мешунавам. Байни ҳам дар кадом бобу мавзӯе гуфтугузор анҷом медиҳанд, суханҳое радду бадал мекунанд, гоҳо ба нишони эътироз садояшон баланд мешавад, гоҳе паст-пастак, гӯё ки ба созишу мусолиҳа меоянд, ки гуфторашон оҳанги нарму навозишкорона мегирад. Лаҳзаҳое суруду чакомахонияшон фораму дилангез ба гӯш мерасад. Ва баъди чанде наъраю ҳамҳамаю дашномгӯйи як идда бо овози хирросӣ ва ғулғуладори мутантан иртифоъ мегирад. Ҳатто садои ашёву асбоберо шикастан ва шароққосу тароққоси васоили нопайдо аёну бармало мегардад ва хонаи танро эҳсоси тарс ва навмедию руҳафтодагӣ пур мекунад. Пеши худ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

мегӯям, ки магар хоби сиёҳ медида бошам? Чаро, умуман, вақтҳои охир сиёҳӣ зуд-зуд пахшам мекунад?

Тарсону ҳаросон, фиғону фарёд кашида, ҷаста мехезам аз бистар ва зану кӯдаконамро дар ҳайрату изтироб мегузорам.

-Боз калламушҳо ҳуҷумат карданд? - мепурсад ҳамсарам, ки ҳушёр шудаву ба рӯям як панҷа об мепошад. Ва мунтазири посухи мани карахту пакар нашуда, идома медиҳад:

-Гуфтам-ку, хобҳоят хубие надоранд.

-Калламушу калтакалосу каждумҳо дубора сар бароварда, ҳоли мову кӯдаконамонро табоҳ мекунанд. Ун шаб фир-фири овози парвозеро шунида, алалэҳтиёт бархостаму чароғро гирондам. Ду кӯршабпараки калону азимҷусса роҳат дар фазои ҳамин хонача парвоз карда, сар ба девор мезаданд. Ё Худои бузургу ҳамадон, аз ин ҳама фалокату офат кай халос мешуда бошем? Дар хусуси садоҳои шунидаам, ки руъёгунаву ҳавлнок буданд, ба тафсил қисса кардам.

-Оҳ-воҳ, ин ҷо руҳу арвоҳҳо моро ором намегузоранд,-носеҳона гуфт занам. Ба хаёлам, ин мавзеъ ҷондору ҷин дорад. Рӯзамон сиёҳ мешавад.

Воқеан, суханони ҳамсарам ибтидо дар пиндорам ҳазлеву зарофате беш нанамуданд, вале чун шабҳои дигар садои гуфтугузор ва баҳсу бигӯ-магӯи одамон муқаррар баланд гардида, ба хонаи гӯшам рехт, хобам парида, бархестаму рӯйи ҷогаҳ нишастам ва нақлҳои падарам ёдам омаданд. Солҳое қабл аз ин, ҳангоми бачагиҳоямон қиблагоҳ дар бораи вуҷуд доштани махлуқҳои гуногун, ба як сухан ҷину руҳҳои гузаштагон, ки дар ферма зиёд ба мушоҳида гирифтааст, ҳикоят мекард. Ҳикоят мекарду дар фарҷом ба хулосае



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

мерасид, ки «он ҳама махлуқу ҷинҳо кайҳо аз ин макону манзилҳо ғайб задаанд».

-Ғайб задаанд? –банди ҳайрату таачуб мепурсидем мо. – Ба куҷо?

-Хайр, ин қадар ободӣ шуд, одамон хонаҳои нав сохтанд,-мефаҳмонд падарам. Дигар ба ҷину руҳу дигар махлуқот, ки бештар дар вайронаҳо пайдо мешуданд, ҷой намонд.

-Ва онҳо ғайб заданд?-кунҷковӣ мекардам ман.

-Ҳо, ҳо, баромаданду рафтанд. Шояд ба пушти кӯҳи Қоф.

-Боре, -нақл кард падар, навбати подабониям дар ферма, шаб бедор шуда, хостам говҳоро хабар гирам. Рафиқам Сайдулло хоби маст буд. Бедораш накардаму худ ба оғили говҳо, ки бавусъату фарох буд, даромада, аз байни роҳрави сементӣ оҳиста – оҳиста қадам зада, говҳоро, ки чашмонашон нимпӯш ғанаб рафта буданд ва садои нафаскашияшон ба гӯш мерасид, муоина мекардам. Дохили оғилхонаро аз байн – байн девори баланде, ки аз хиштҳои гилин бардошта шуда буд, ҷудо мекард. Ба охири бино расида, ногаҳ чашмам ба сару сурати одаме афтид. Тахминан даҳ-понздаҳ қадам дуртар аз ман (ба чашмонам бовар намекардам!) говдӯши ферма, зани Маҷиди раҳматиро дидам.

«Ё тавба, -аз дил гузаронидам, охир, дар ин нисфи шаб (ба соати дастам нигаристам, ки 2-ро нишон медод) ин занак чӣ кор мекарда бошад дар ин ҷо?

Шояд ба назарам намуда бошад? Не, дубора ба сӯяш нигаристам: худи худаш, ҳамсари акаи Маҷид буд вай, ки дар тан хилъати кабудфом, дар пойҳо мӯзаҳои резинӣ, қадбаланд, остинҳояш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net мурочиат кунед

барзадагӣ ба ман ба таври асроромез нигоҳ дӯхтааст.

Хостам ба ӯ наздик шуда, пурсам, ки дар ин ғояти шаб чаро ба ин ҷо омадааст? Гоме чанд бардошта будам, ки ҳамсари раҳматӣ Маҷид қафо рафта, пушт ба девори баланди байни бино гузошт ва … (ҳеҷ боварам намеояд) якбора ҷисму ҷуссааш паҳну бузург шуд. Дастонаш ба ду тараф ёзидаву қоматаш баланд гардида, сараш ба шифт расид. Даҳонам воз, алахчаам, шах шуд. Нохоста фикре ба сарам зад, ки ин ҷондор ё махлуқест ба ҷин монанд. Аз тарс чӣ кор карданамро намедонистам. «Кош рафиқам Сайдуллоро бедор мекардам,- пеши худ гуфтам ман. Ба ҳар ҳол, ду кас ягон фикр мекардем». Нигоҳамро гурезонда, на пеш рафта метавонистаму на қафо. Як вақт ҷасорат пайдо карда, сар бардоштаму ба сӯйи девор, ки ҳамсари Маҷид такя бар он меистод, чашм дӯхтам. Занаки қадбаланди пуррапайкар оҳиста-оҳиста ба гарду ғубор табдил ёфта, ранги сафеди деворро ба худ гирифт ва… нопадид гардид. Субҳ зани Маҷидро дучор омадам, ки бидонҳои пурширро ҳамроҳи духтараш сӯйи ширхона мебурд. Вале дар бораи рухдоди шабона на ба ӯ, на ба Сайдулло чизе нагуфтам. Дар ҳар сурат, боварашон намеомад. Баъд аз гапу калоча ва овозаю дарвоза хушам намеояд. Ана ҳамин тавр воқеаҳо.

Як дафъаи дигар,-мегуфт қиблагоҳ, ҳанӯз вақти намози хуфтан масҷид рафта, намозамро гузоридаму бо роҳи байни хонаи Сайидалию бобои Асо, ҳамроҳи аҳли деҳ нею роҳро миёнабур карда, кӯталро боло шудам. Торикшаби тирамоҳон буд. Чанд қадам зада будам, ки аз думбол овози ғурридани ҷонвареро шунидам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Дарҳол ба қафоям нигаристам. Сагеро дидам дар бузургию азамат монанд ба шер. Танаш дарозу сиёҳранг, ёли гарданаш мавҷ мезанад. Бас азимҷусса, баландии пайкараш баробар бо деворҳо Сайидалию бобои Асо. Аз ҳама даҳшатангез чашмони оташгуни шоҳкосамонандаш буданд, ки тарсу ҳароси амиқе ба дил ҷо мекарданд. Он ҷонвари зиштшамоил даҳони ғормонандашро ончунон боз ва ашкҳои шабеҳи теғи ҷангияшро берун карда, наъра кашид, ки дар хаёлам замину осмон ба ларза даромад. Чашмони хунбораш ёд аз махлуқҳои афсонавию рӯъёӣ меоварданд. Ба дил гуфтам, ки ин махлуқ ба ҷуз бало чизи дигаре нест. Ва иродаву ҷасорате пайдо карда, сӯяш бонг задам:

-Бадбахти малъун, аз роҳат баргард! Ва вопас ба пасам нанигариста, ҳар чӣ тавону қудрат доштам, ба кор бурдаму «Ё Худои раҳим, аз ин шарру бало нигоҳам дор!»-гӯён давидаму давидам, то он ки нафасам печидаву дар гулу дармонда, ба хона расидам. Ростӣ, моҳе бемори бистарӣ шуда хобидам…

Ман бошам…

Батадриҷ ба дарди бедорхобӣ гирифтор шудаам. Аслан, амиқ ба хоби нӯшину ширин рафтан мехостам, аммо садоҳое, ки аз болохона шабҳо ба гӯш мерасаданд, диламро ғамхонаю мағзамро карахт карданд.

Ҳамин ки баногоҳ хобам мебурд, бар замми калтакалосу каждуму калламушҳо, сурати бадҳайбату ваҳмангези саги албастиеро медидам, ки аз чӣ бошад, ниҳебу ғурриданаш аз боло, шояд аз болохона ба гӯш мерасид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Аҷиб, саги бӯрранги шермонандро рӯ ба рӯ медидаму садои гӯшкаркунандаашро аз боло мешунидам.

- Ин ҳол як роҳи илоҷ дорад,-гуфт боре бо оҳанги ҳакимона ҳамсарам.

-Отпускапулиятро аз мактаб мегирию ба сохтани хонаи нав сар мекунӣ. Ва бо розу рамзе, ки танҳо ба худаш маълум аст, хандаи малеҳе дар лабонаш гул кард:

- Ба хонаи нав, ки кӯчидем, на аз калтакалосу каждуму калламушҳо нишон меёбию на хобҳои сиёҳ мебинӣ. Ба фикрам, ҳар ҷину балое, ки ҳаст, дар қабатҳои ҳамин хонаи чӯбии аз даврai ҳазрати Одам меросмонда мавҷуд аст.

***

Ниҳоят тобистон ба рухсатӣ баромада, баҳри кандани чӯбу тахтаҳои хонаи финнии «пурасрор» камар бастам. Тӯли се ҳафта хонаи чӯбиро канда, чӯбу тахта ва шиферҳоро алоҳида – алоҳида дар кунҷе ҷамъ намудам ва … ба сохтмони хонаи нав оғоз кардам. Бинои нав, ки аз чаҳор дар хонаи деворҳояш гилин иборат буд, то оғози фасли хазон бо мадади бародарон бунёд гардид.

Хостам, падару модарамро ба хонаи нав даъват кунам, вале…

Аввал падарам ва чанде баъд модарам ин ҷаҳони равшанро ба таври абадӣ падруд гуфтанд ва армонашон ношикаста монд…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

# ҚАССОБ

Вай чашмонашро кушодан мехоҳад, аммо… фавҷи чангу ғубори тирагун на танҳо ба ин амали ӯ имкон намедиҳад, балки шамоли сахту пуршиддате, ки ба вазидан медарояд, ҳамроҳ бо ин чангу ғубор якбораву нохоста худи ӯро ҳам печонида бо шаст ба сӯе мебарад. Дасту пояш аз замин кандаю дар фазо муаллақ монда, вай чизеро ташхис намекунад, чашмонаш ҳамон пӯшида, гоҳо болои боло, гоҳе поёни поён мефарояду такону албонҷ мехӯрад, дилаш ҳавоӣ мешавад ва танҳо бо азоби ваҳшатзо як лаҳза чашм во карда, давру бари худ сиёҳии ғафсу беохиреро ба мушоҳида мегираду халос. Чаро ин тавр? Чаро дар тасарруфи сипоҳи тирагӣ ва чангу ғубори нафасгиркунанда афтодааст вай? Ва чаро аз ҳеҷ кунҷу каноре як порча рӯшноиро намебинад? Осмон ку? Замин ку? Ё Худо, - меандешад мард, ин шамоли пуршасту саҳмгин то куҷоҳо гирифта мебарад варо? Чаро муттакое намеёбад, ки дошта, аз ин балои сиёҳфоми ваҳмангез халос кунад худро?

«Эҳей, эҳе-й-й… е е е,- доду фиғон кашиданӣ мешавад мард, вале садояш дар таҳти ошӯбу ғиреви бод гир афтода, аслан баланд намешавад. Шамол чу шахси золиму бераҳме ҳамоно мардро боло-боло бардошта мебараду мебарад. Ва вай, як вақт чашм боз намуда, рӯ ба рӯяш дарахти боазамату тановар ва шукӯҳманди чанори пиреро (шояд 500-сола ё 1000-соларо) мебинад. Дигар фурсати фикру андеша кардан наёфта, мард ҳамин қадар дарку эҳсос месозад, ки боди дайду суръати вазиданашро афзуда, бо тамоми неру пайкари ӯро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

пеш бурдаю қафо оварда, ба танаи чанори ҳазорсола мезанад. Аз зарбаи бархӯрдани пайкараш ба танаи чанор мард садои шарақкос задану шикастани сутунмуҳрашро эҳсос намуда, ҷонгудозона фарёд мекашад. Ва аммо фарёдаш дар коми тирагию ғурришу ғиреви шамоли ҷангал оҳиста-оҳиста пасту нимшунаво гардида, хомӯш мешавад.

Бедор мешавад мард ва сару рӯяш арақшор аз чашмаки тиреза ба берун менигарад. Субҳ кайҳо дамидаю ранги ширчоии рӯз ба домани осмон давидааст.

«Ҳич аз ин хобҳои сиёҳ халос нашудам, - пичиррос мезанад мард. Ҷонам ба лабам омадааст. Чӣ бало расидааст бар ман? Ё ба баданам ҷин даромадаю худро ҷой дода, руҳамро фишурда-фишурда, оқибат ба бистари марг меафтонад маро?

Ё тавба, аввалҳо ин тавр набуд-ку?!... Дарвоқеъ, аввалҳо баҳузуру роҳат мехобид. Баъдҳо тадриҷан дар хобаш садоҳои гуногуни ваҳшатзо ба пайдо омаданд. Аз ҳар ҷониб садоҳоро истимоъ карда, гӯшаш ба дард медаромад, гоҳо ҳини дамидани субҳ дар пиндору рӯъёҳояш ҳис мекард, ки ин садоҳо аз кадом олами дур меоянд. Олами дигар, олами мавҳуму ноошно. Ва ӯро ба ҳамон макон даъват мекунанд ин садоҳо. Чӣ оламе бошад он?-банди ҳайрат мепурсид аз худ мард ва дар посухи суолаш бечораю очиз монда, дар панҷаи тарс меафтид. Ва оқибат одат кард ба ин садоҳо. Дигар ин садоҳо садоҳои номафҳум набуданд, садои бонгу наъраи гову гӯсфандон ва ҷавонаҳо буданд. Вай шабҳои дароз дар моварои бонгу ғулғулаи тарсбарангезу



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

даҳшатовари говону гӯсфандон ва ҷавонаҳо монда, қариб дилкаф гардида, базӯр чашм мекушод.

«Чӣ мехоҳанд аз ман соҳибони ин садоҳову бонгҳо?,-ба дард меандешид мард. Ман чӣ гуноҳе кардаам? Як қассоб будам, қатори дигар қассобон. Қассобӣ ҳам ҳунар аст, пешаю касб аст, охир! Ризқу рӯзии зану бачаҳоро аз пайи ҳамин пеша меёфтам. Акнун бо гузашти солҳо ва ба ҷое расидани умрам ин балоҳо ба сарам омаданд? Хобам ҳарому майнаам ранҷуру хаста гардидааст. Мабод аз ақл бегона шавам? Эҳ, Худо, Худоҷон…»

Аммо қассоб ба зудӣ девонаю хандасори мардум нагардид. Аввалҳо хобҳои маъшуму кобусии дидаашро як ҷузъи зиндагияш пиндошта, аслан ба он эътибору парво ҳам намекард. Лек чанд моҳи охир хобҳои дидааш тарсу кардаанд ӯро. Вай ҳатто рӯзонаҳо аз хона берун намебарояд. Аз нигоҳ дӯхтан ба корди тези қассобияш, ки аз як устои истаравшанӣ дар бозори Суғд харида буд ва бо ҳунару санъати асил сохта шуда буд, ғашаш меомад, худро дилозурдаю афгор ҳис мекард.

«Аз ҳамин корд ҳам безор шудаам,- мегуфт пеши худ. Шабҳо хобамро ҳаром мекунад. Охир, ҷонам ба лаб омадааст. Кордро ба ягон қассоби ошноям туҳфа мекунам. Мон, ки аз ҳамаи ин офату балоҳо ба якборагӣ халос шавам.»

Аммо ҳеҷ офату балое домангир нашуда буд қассобро. Танҳо хобҳояш хастаю афсурда карда буданд руҳашро.

… Инак… вай кордро дар санг тез карда, муддате ба дами он ба таҳқиқ чашм медавонад,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

пас-он ҷонварро, ки пойҳояшро сахту маҳкам бо банди алои ғафс бастааст, хобонда (як худаш танҳо, чӣ бақуввату неруманд аст!) сарашро (аз чӣ бошад, дар тирагию зулмат тафовут карда наметавонад, ки ҷонвар гов аст ё буққа, гӯсфанд аст ё бузғола) бурида, аз тан ҷудо кардани мешавад. Корд ба гулӯи ҷонвар бурда, пеш кашиду кафо, пеш кашиду қафо ва якбора корд гулӯи ҳайвонро бурида, хуни сурхи омехта бо ранги сиёҳ фағғос зада, ба чуқурчае, ки канда буд, шорида рехтан гирифт. Вай дар равшание, ки аз кадом гӯшаи ҳавлии яккаду бавусъат рост ба болои сари ҳайвон партав меандохт, нигоҳаш ба чашмони бозу аз тарсу ҳайрат шахшудамондаи махлуқ афтид ва баданаш виҷиррос задаю арақи сард пахшаш карда, калларо бардошта каноре гузошт. Воаҷабо! Вай амиқ бо ду чашми сар бидид, ки сар сари гову ҷавона ё бузу гӯсфанд набуда, балки… (Худоё, наход ин ҳақиқат аст? Наход ки вай дидаю доништа … эҳ…) сари писарбузургаш Нӯзар аст. Бале, пеши пояш сари фарзанди маҳбубу азизаш, бо чашмони нигоҳаш маъюсонаю тааҷҷубомез (гӯё чашмонаш ях баста бошанд!) мехобид. Чанд қатра хун ба рухсораи сафедгуни писараш чакида, чун доғ нақш гузошта буданд.

«Бачем, ин худаш чӣ гап? Чаро ман даст ба қатли ту задаам? Наход ман ташнаи хуни ту бошам? Чаро як чунин воқеа рӯй дода? Не, не, набояд ин тавр мешуд. Бачем, дилбандам, маро бубахш, вале ман ба ин манзара ҳеҷ бовар надорам. Тавба, тавба…»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Қассоб кордро аз замин бардошта, ба чор ҳадди ҳавлӣ чашм дӯхт. Касе наменамояд. Ҳеҷ садое ба гӯш намерасад. Чаро вай танҳост?

«Наҳарос. Парво ҳам накун! Сар сари писарат нест. Ба назарат намудааст. Бигир кордрову пӯст кан молро. Дасту пойҳояш, дилу ҷигару шуш ва ишкамбаашро ҷудо кун. Кори ҳаррӯзаи муқарраррият. Вагарна, дар ин тобистони гарм бӯ мегирад ҳама ҷо. Ҳо, ҳо, натарс. Охир, ту хазрати Иброҳим нестӣ. Ҳа, ҳа… Ин овоз аз куҷо ба хонаи гӯшаш рехт? Кист соҳиби овоз? Чаро наменамояд? Шояд ба ростӣ, ба назараш тобидааст? Мард кордро дубора санги регӣ кашида, ба пӯст кандани ҷонвар шуруъ кард. Аммо… Пӯст сафеду нозуку нафис буд. пӯсти бадани инсон. Чаро ин тавр? Вай тарсидаву ларзида, ба буридану ҷудо кардани дасти рости махлуқ даст зад. Ҳангоме ки дастро бурида аз тани ҳайвон ҷудо кард, чашмаш ба соати банди даст афтод. Соати писараш. Охир … ин магар дар бедорист?

«Дасти писарам, - пажвок зад қассоб. Соаташро бин. Худоё, аз гуноҳам гузар, бубахшоям. Чӣ бад кардам, ки …»

Пойҳояшро бурида, рӯйи суфра гузоштанӣ шуд. Дар пойҳои ҷонвар кафшҳои сиёҳ… Ҷӯробҳои сафедаш намоён. Пойафзоли писараш.

«Нӯзар, Нӯзар. Чаро туро бояд қурбонӣ кунам? Дасту пойҳоятро аз ҳам ҷудо кардам. Наход, ин ту бошӣ? Худованд маро меозмояд? Ман куҷою ҳазрати Иброҳим куҷо? На, на… тобу тавони дидани ин манзараро надорам. Надорам…»

Пасонтар дилу ҷигар ва шушу гурдаро бурида, ба зарф андохт. Забони ҷонварро низ аз ҳалқаш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

ҷудо кард. Дил чу лахчаалови даруни оташдон шарора мепошид. Мард ба даст гирифт онро. Ҳай метапид. Дили ҳайвон не, аз Инсон буд он. Дили Нӯзар. Забон забони Нӯзар. Ҷигар ҷигари Нӯзар. Гурда гурдаи Нӯзар. Шуш …

«Вой, хок бар сарам,-фиғон кашид вай. Писарамро худам ба дасти худам куштам, узвҳояшро аз ҳам ҷудо кардам. Акнун ба кадом бозор бурда фурӯшам? Оё гӯшти Нӯзар харидор дорад?»

Нигоҳаш, нигоҳи бефарқаш рӯ-рӯи чашмони яхбастаи моломоли ҳайрати писараш лағзид.

«Ман аз нигоҳи лоуболонаи ту метарсам, бачем. Маро бубахш!»

«Метарсӣ? Аз нигоҳи писарат? Боз дар ҳайрат мондаӣ, ки гӯшти бадани фарзандатро кӣ мехарад? Дар кадом бозор фурӯхтани онро намедонӣ? Наход? Охир, гови ҳаромшударо кушта, аъзои баданашро буридаю ҷудо карда, бурда дар бозори шаҳри калон фурӯхтӣ-ку? Ҳо-ҳо, аз ёдат баромад? Ту дар ин кор устоӣ, соҳибтаҷрибаӣ. Натарс! Аз Худо боре тарсидӣ? На!»

«На, на,-садо баланд кард қассоб, ин овоз аз куҷо меояд? Чаро таъқибаш мекунад? Ман гову моли беҳисобе куштаам. Аммо… кай гӯшти гови ҳаромшударо ба бозор баровარда, ба савдо задаам? Кай? Кай?»

Ва оташи ғазабаш боло гирифта, чашмонаш аз косахонааш ҷаста баромада, табарро аз сараш баланд бардошта, ба қабурғаҳои ҷонвар фаровард. Баъд… ҳамчунон бардошта, ба фарқи сар зад. Сар ду қисм шуда, мағзи он ба чор тараф пош хӯрд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

«Гуфтему боз мегӯем. Ту Иброҳим нестӣ. На раҳм дорию на дили дардошнои инсонӣ. Ту қассоби гузаройӣ, қотилӣ, қотил!»

Бедор мешавад дигар қассоб ва хаёлан мепиндорад, ки ҷумла аъзояш олудаи хун аст. Даҳонашро кушода наметавонад. Шах шудаанд ҷоғҳояш. Вай сахт тарсидаю таппиши қалбашро бараъло мешунавад. Дар гумонаш садои тик-тики соати девор бо оҳанги таппиши дилаш ҳамнаво гардидааст.

«Кош ҳамсарам зинда мебуд, кош дар барам мебуд. Ҳамсари азизам, куҷойӣ? Дарду доғи диламро ба кӣ гӯям? Нӯзар дар мулки мусофират дар чӣ ҳол бошад? Мегӯянд, ки кайҳо ба даст афтодаасту ман бехабар. Қарздорҳо қасамашро хӯрдаанд. Маблағи андак ҳам набудааст. Чӣ балоеро ба сарам хоҳад овард ин касофати олуғдадоман. Фалокат болои фалокат. Эҳ…».

***

Вай аз хурдӣ бераҳм буд ва ингуна бераҳму сангдил ба камол расид. Бо бачагони ҳамсолаш аз субҳ то шом аз пайи шикори ҷонварон овора мегашт. Вале дар нисбати рафиқонаш бағоят золиму тундхӯ ва ваҳшатсиришт буд. Ҳангоми фарорасии фасли баҳорон, гоҳе ки ҷонварон ба парвоз меомаданду нағмасаройӣ мекарданд ва кирму ҳашараю хазандагон аз хобҳои нӯшин бедор мешуданду ба ҳаракат медаромаданд, дар замири мард, ки он айём писараки мактабхон буд, эҳсоси нохушоянду нофорам ва моломол аз танаффуру бадбинӣ нисбат ба ҳашараю парандаю ҳайвонот ба туғён меомад, авҷ мегирифту шиддат ва ин ҳис он қадар маҷзубонаю ҷунуномез буд, ки



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

писарак аз озору кинситезии ҷонварон хаёлан лаззату кайфияти аҷиб мебурд. Бахусус, дар пиндорҳои ваҳшатгунаш ба даст овардану куштани ҷонварон, пӯсту сар кандан ва рехтани хуни онҳо беқарораш месохтанд ва вай аз бӯю маззаи гӯшту хуни набудаю нопайдо дастпоча шуда, сиёҳ мезаданд чашмонаш ва фукашро боло, сӯйи осмон бардошта дурудароз ва бафурҷа бинӣ мекашид, мехост буйи хуну гӯштро ба димоғ гирад, самти аз куҷо омадану паҳн шудани он бӯю маззаро дақиқ намояд, аммо…

Аммо аз мавзеъҳои дуру ношиносу бегона, аз даштҳо, талу теппаҳои сабзгун ва кӯҳҳои дур, ки пушти фазои дудии деҳкада афсонавию рамзомез метобиданд, насимаки баҳорӣ бӯйи атри гулу гиёҳҳои ноошноро меовард. Ин бӯю роиҳаи гулу гиёҳҳои чаманистони аз ин макон фарсаххо дуру аз чашм ғоиб ба димоғи писарак менишаст, ба нафасҳояш меомехт ва ингуна дар хунаш ҳал мешуд, вале писаракро аз ин бӯйҳои муаттар нафрате дар дил ба пайдо меомад ва нигоҳаш шароратомез аз хонаи чашмонаш берун меомад. Дар ин ҳол, ғайриихтиёри ӯ дастонаш ба ларзидан даромада, қалбаш билкул баланд метапид, хумораш боло гирифта, шавқу шӯри хуни ҷонвареро рехтан ба изтироб меовардаш. Ва ӯ аз пайи мӯру малаху қурбоққаю сангпуштҳо ва мурғони ҳаво субҳашро ба шом мерсонд. Малаххоро ба даст оварда, қаноту поча меканду рӯ ба раҳми Худо сар медод, мӯрчаҳоро дошта меоварду ба ошёни замбӯрҳо партоб мекард.

Бадтарину бераҳмтарин амалаш ба азобҳои гӯшношунид гирифтор кардани қурбоққаю сангпуштҳо ҳисоб меёфт. Чун сангпуштро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

ҳангоми дарав аз зери буттаи алафу гиёҳе ба мушоҳида мегирифт, наҳаросида медошт, пеши ҳамсинфону ҳамсолонаш меовард. Ва баланд ба сӯйи осмон ҳаво медод. Аз осмон ба сӯйи замин ба суръат омада афтидани сангпуштро назора карда, фарёд мекашид, даст ба ҳам зада. Механдид, ҳай баланд механдид. Ва аммо вай қаноат намекард бо ин азоб додан. Сангпуштро, ки аз тарси ҷон сар ба дарун кашида, пойҳояш захмин ноҷумбону беҳаракат рӯйи хокроҳа мехобид, бардошта ба танаи девори бетонӣ, ки гирду атрофи фермаи колхозро фаро гирифта буд, пеш рафтаю қафо рафта бурда мезад. Ва на як бору ду бор. Сангпушт, ки косаҳои пушташ шикастаю маҷақ шуда, гӯшти баданаш метобид, дигар сарашро пинҳон карда наметавонист. Дар ин вазъ ба мушти хунолуди мардони миёнсол шабоҳат пайдо мекард.

Вай, ана дар ҳамин лаҳза бо ҳаракати ғайримунтазираи ҷаллодонааш ҳамаро: хурду ҷавон ва ҳатто баъзе солхӯрдагонро чунон метарсонду заҳракаф мекард, ки онҳо бархе рӯ ҷонибе гардонидаю чанд нафаре дилашон беҳузур шуда, роҳашонро дигар мекарданд.

Санги бузургеро бардошта ба сари сангпушт, ки чашмонаш имдодҷӯёна ба чор тараф менигаристанд, бо ғазабу фазиҳати ошкоро мезад. Сари пачақшудаи сангпуштро ба рафиқонаш нишон дода механдид. Механдиду механдид. Баланд механдид. Ва фарёди девонаворе мекашид, ки гӯшҳо ба қомат меомаданд. Қурбоққаҳоро аз пойҳояшон ришта баста, кашолакунон ин тараф мебурду он тараф. Саранҷом, ҳамчунон аз сараш боло бардошта, меоварду ба болои сангҳои азим



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

мезад. Пардаҳои луобии бадании қурбоққа бо хуни шорида омехта гардида, қурбоққа парчини роҳ мешуд. Манзараи даҳшатангезе ба зуҳур меомад, ки мушоҳидаю наззораи он дигар бачагонро дилмондаю навмед мекард аз зиндагӣ. Аммо мард, он айём бачаи тақрибан 12-13-сола, лагади сахте мезад ва ҷисми латтамонанди қурбоққаро ба «бозӣ» медаровард.

«Ҳа, ҳа, ҳа,»-даҳон калон кушода, хандаи ваҳшатгунаашро пинҳон дошта натавониста, тафохур аз қаҳрамонияшро ба навъе нишон медод ба рафиқонаш.

Ва тадриҷан ин бедодгариҳо моҳияти зиндагии ӯро таҷассум мекарданд. Эҳа, дар зулму тааддӣ расондан ба ҷонварон шуҳраи деҳу музофот гардид вай. Гӯё амали саҳлу сабук ва осонакак дар ҳаёти ҳаррӯзааш буд он ҳама бетараҳҳумию кинситезиҳо. Бад-ин назму насақ, мард, ки он ҳангом мактабхон буду парвои ташвишу гирифториҳои зиндагӣ надошт, ба шикори парандагон шуруъ кард. Барои нахустин бор мусичаи хоболудеро аз нигасаи хонаашон бо камонғӯлакаш зада, ҷисми хуншорашро шитобзада аз саҳни сементии ҳавлӣ бардошта, дарзамон сарашро «аз тан ҷудо» кард. Баъдан ҷисми кӯчаки мусичаро пар канда, тоза намуд. Рӯдаю меъдаашро пеши сагашон ҳаво дод. Ингуна мусичаро дар зарфе равған рехтаю гӯшти баданашро оҳиста-оҳиста бирён карда, намак пошида нӯши ҷон кард. Пас-он, шавқу талоши шикор кардану ба даст овардани мурғони ҳаво, алалҷумла, мусичаҳо дилу ҷонашро ба валвалаю изтироб оварда, шабону рӯзон бо ҳамин фикру андеша мезист. Бо хаёли он ки хун бирезад. Вай



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

ҳини аз тан ҷудо кардани сари ҷонварон ба рехтани хуни онҳо бо эҳсоси ҷунуномез менигарист. Бӯйи хун ба хориш меовард димоғашро. Ҳатто боре тасмим гирифт, ки хуни парандаҳоро хомохом биошомад. Ва майнаеро сар бурида, ошомид хунашро. Дигар ошомидани хуни ҷонварон одат шуд ба вай. Лаззати хуни ҷонваронро ҳангоми ошомидан амиқан дарку эҳсос мекард. Ҳар рӯз тақрибан 40-50 мусичаро куштаю пар канда, пеши модараш мегузошт. Модараш аз ин амали писараш истиқбол карда, зарфи пур-пури мусичаро лаби чашма бурда, шустаю тоза мекард. Меоварду дар дег равған рехта, бирён мекард. Ва гӯё ҳеҷ фоҷиаю фалокате сар назада бошад, гирди хон ҷамъ шуда, аҳли хонадон тановул мекарданд гӯшти мусичаҳоро. Ҳамдеҳагон ин ҳолро мушоҳида карда, аз ҳайрат чӣ гуфтану чӣ кор карданашонро намедонистанд.

Охир, убол аст хуни парандаи бегуноҳеро бедареғ рехтану боз гӯшти онро бирён кардану хӯрдан. Магар аз ҷазои Худованд наметарсанд аҳли ин хонадон?»-мегуфтанд ҳамдеҳагон ва сар меҷунбониданд, ки оқибати кори ин оила ба хайр анҷомад.

Ва аммо «ба хайр наанҷомид» оқибати кори ин хонадону писарашон. Дарди сӯзону тоқатфарсо аз қазои Яздонӣ чун балои осмонӣ гоми наҳс ниҳод ба ин хонадон. Пойи рости мард, он ҳангом ҷавони навхат, ки дар синфи 9 мехонд, дар ноҳияи зону ва перомуни он ба сӯзиш даромада, рӯз ба рӯз дардаш шиддат гирифт ва интиҳо захм ба пайдо омад. Ва захм зардоб гирифт. Оҳиста-оҳиста омос аз зону то соқи пойи ӯро фаро гирифт. Рӯзро бо нолаву фиғон ба поён



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

мерасонд ҷавон, вале шабонгоҳон сӯзиши устухонҳои зону ва соқи пой ончунон хурӯҷ мекарду авҷ мегирифт, ки вай бонги ваҳмангез бардошта, фарёди ҷонсӯз мекашид ва аз неруи шикanандаи дард замину осмонҳо ба ларза медаромаданд. Хоби ҳамдеҳагон мепарид ва ҳама ба гӯшҳо пахта хаста, намедонистанд, ки сарро ба куҷо пинҳон кунанд. Ингуна то субҳ шӯру ғирев ва бонгу фарёди ҷавон идома меёфт. Ва боз… то шомгоҳ. Ва шабонгоҳон муҷаддадан аз садои ҷигарсӯзонаи ҷавон замину осмонҳо ба ларза медаромаданд. Ва фариштаҳо дар осмонҳо аз ин садою бонги фалаксой ба изтироб омада, парвозкунон то болои деҳа меомаданд ва рӯ-рӯи боми хонаҳои ҷавон ба ҳаракат медаромаданд. Бонгу фарёди ҷавон комилан дигар садоҳоро пахшу хомӯш мекард. Падар китоби осмонӣ пешаш кушода, сураҳо қироат мекард ва аз Осмон, аз Офаридгори тавоно шифои фарзанд мехост. Аммо аз Осмон ҷавобею садое барнамехост.

Боре ба-ин ҳол пирмард ба танг омада, сар ба сӯйи само бардошта, овоз баланд кард:

-Эй Холиқи замину осмонҳо, эй сабаби ҳастии инсонҳову коинот, ҷумла ҷонварону инсу ҷинс! Агар ҳастию дар боло, дар тахти хеш биншаста ин азобҳои беохирро назора дорӣ, боре посухам бидеҳ, ки илоҷи ману писарам чист? Ин дарди кушандаро ба чӣ ваҷҳ ба сарамон чун бало фиристодӣ?

Ва баногоҳ, гӯё муъҷизае рух дода бошад, аз боло, Арши барин овозе баланд гардиду ба гӯши пирмард рехт, монанди садои ба ҳам бархӯрдани зангӯлаҳо…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

-Эй мард! Ин санҷишу озмоидане бузург аст туву фарзандатро. Бошад, ки аз анҷоми оқибати амалҳои хештан биандешед. Дарду азобҳои ҳашараю ҷонвареро боре дар пайкару ҷисму ҷони худ эҳсосу таҷриба намудан инсонро аз роҳи каҷ хоҳад гардонд…

Ва аммо пирмард сахт хурофотзада буду мазҳабӣ. Бо гузашти 15 шабу 15 рӯз писарро назди табибеву бемористоне набурда, интизори муъҷизаҳои ғайбӣ, писарро тасалло медоду андарзаш мехонд, ки: Худованд раҳиму ғафур аст, шокиронро дӯст медорад. Сабру таҳаммул ба ҳама маризию риёзату азоб кашиданҳо нишонаи растагорист. (Ҳарчанд аз дил мегузаронд, ки писараш куҷою ҳазрати Аюб куҷо?)

Ва бомдоди пагоҳоне мудири дабистон, зани ҷиддиҳайбату мардаксурат, ки аз мардумони Зарафшон буд, бо аҷала ва оҳанги хурӯшу ситез аз дари пирмард даромад ва дуруду пайғомро нася гузошта, ҳар сухани талху бокиноя, ки дар сандуқи дилаш ҷамъ шуда буд, ба сари пирмарду ҳамсараш рехт. Гуфту гуфт ва қаблан духтурро хабар карда буданд, ки (бо амри мудири мактаб) лаҳзае пас мошини гирдаш тасмаи алвонӣ печонидашудаи 03 пеши дари ҳавлии пирмард пайдо шуд ва тағояш писарро пуштора карда, то назди мошин бурд. Пас аз 8 моҳ баъди ҷарроҳӣ шифо ёфт ҷавон ва аммо пойи росташ мелангид дигар. Ин ҳама қиссаи рӯзҳои дерина аст.

Рӯзгори тозааш оғоз ёфт, ки инак…

***

Қассоб ҷонварро ба замин хобонда, дасту пояшро маҳкам баст, сарашро ба чуқурчае, ки тоза канда буд, наздик овард ва корди тезро ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

гулӯяш бурда, пеш кашиду қафо, пеш кашиду қафо ва якбора пӯстро бурид, корд аз гулӯгоҳ гузашта, хуни сурхи омехта бо ранги сиёҳ фағғос зада, шорида ба чуқурча рехтан гирифт. Пас-он каллаи аз тан ҷудокардаро бардошта, каноре гузошт мард ва дар ҳамин ҳол чашмаш ба чеҳраи сафедгун, абрувони пайвастаи теғгун, мӯйлаби зебо ва … нигоҳи аз ҳайрату тааҷҷуб моломоли писараш афтид, ки сӯйи қассоб менигарист. Гӯё мегуфт: ин ҳама амалат чӣ маънӣ дорад? Ҳеҷ аз хуни писарбузургат сер нашудӣ? Чӣ гуноҳе аз ман сар зада? Чаро ҳарфе бар лаб намеорӣ? Мақсадатро нафаҳмидам, падар.

Вай ба калла бо ҳарос дида дӯхта, араќи пешонаашро пок намуда, оҳе вазнин аз ҷигар берун мекашад. Охир, дигар илоҷе надорад. Бояд мақтулро пӯст канда, дасту пойҳо ва қабурғаашро ҷудо кунад. Дилу ҷигар, гурдаю шуш ва забонашро бурида, ба зарф андозад. Сароғоз забони писарро аз ҳалқ ҷудо месозад. Дастҳояшро мебурад, пойҳояшро. Дили шарорафишонашро, ки гармаку нармак аст, ба даст мегирад. Ҳай метапад дил, ҳай дурахше дорад.

Дили Нӯзар. Оҳ, оҳ, чӣ савдоест ин ҷо, намефаҳмам. Не, не..- мегӯяд қассоб ва аз ҷо баланд мешавад. Корд аз дасташ раҳо хӯрда, рӯйи сабзазор меафтад. Вай, дастонаш хунолуд ба қафо нанигариста медавад. Медаваду медавад. Ё боди пуршаст аст, ки девонавор ӯро печонида, кашола карда мебарад. Ҷисмаш дар фазо муаллақ монда, алвонҷ мехӯрад. Дилаш ҳавоӣ мешавад. Шамол ӯро пеш бурдаю қафо бурда, ба танаи чанори пири ҳазорсола мезанад. Пайкараш шарақќос задаю



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

устухонҳои сутунмуҳрааш шикаста, сӯзиши ҷонкоҳе тамоми баданашро фаро мегирад.

«Охир, барои кадом гуноҳам ин ҳама азобҳо? Чаро хобам ин гуна даҳшатовар мегузарад? Чаро бояд ҳар шаб писарамро ба қатл расонам? Худоё, аз гуноҳам гузар! Ман кирои санҷишу озмуданҳоят надорам! Ман маҳкуми маргам. Марг, марг, марг!»

Аз нафири ваҳмовари хеш бедор мешавад қассоб ва «Шукр, садҳо шукри Худои якто, ки ҳамааш дар хоб аст»,-пичиррос мезанад вай. Аммо хотираш ошуфтаю қалбаш хонаи ғам, меандешад, ки вопас як чунин зиндагии фалокатбору авҳомзо барояш имконнопазир хоҳад буд.

«Кош ҳамсарам зинда мебуд! Кош аз ин азоби танҳоию рӯзҳои тираю мағшуш наҷотам медод. Эҳ…»

Қассоб садои хиш-хиш ҷорӯб кашиданҳои келинашро дар саҳни ҳавлӣ истимоъ карда, оташи шарму хиҷолат ба рӯяш давида, (охир, офтоб кайҳо баланд шудаву ҳама рӯйи оламро сапедии субҳи кофурфом фаро гирифтааст), ба хонаи дигар гузашт. Эҳа, тамоми умри якҷояашон бо ҳамсараш дар ана ҳамин хона гузаштааст. Дар ҳамин хона шаб дар як болин паҳлуи ҳам сар мегузоштанд. Талхию ширинии ҳаёт, рӯзҳои хушу хурсандӣ, ҷангу хархашаю низоъҳо, суханҳои пасту баланд… кулли авҷу шукуфоӣ ва нобасомониҳои зиндагиашон ҳамин ҷо паси сар шудааст. Ҳай дареғ, чи зуду барқосо гузашту рафт ҳамааш. Аммо мард амиқу равшан медонад, ки рӯзҳои баду фалокатбор дар қиёс бо лаҳзаҳои ширину нишотангез бо ҳамсараш зиёд буданд,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

балки … як умр бо талхию шӯрӣ сипарӣ гардида буданд он лаҳзаҳои зиндагии ҳамсарияшон. Мард ба сурати дар девор овезони худашу ҳамсараш, ки даруни қоби зарҳалӣ ҷой дода шудааст, дурударoз ва бо ҳасрату алами бепоён нигаристу нигарист. Пас-он, ба чеҳраи сафедгуну зебои ҳамсараш, чашмони сиёҳи шаффофу беғубораш, ки нигоҳи рамзомезе дар аъмоқи онҳо нуҳуфта буданд, дида дӯхта , хаёлан ба гуфтугӯ пардохт бо ӯ.

«Баъд аз он ки суру базм ороста, туро ба хонаи мо оварданд, ҳусни чашмгират маро масту мадҳуш карда, дар танҳоӣ аз андешаи он ки Худованд раънотарин духтари деҳро ба ҳамсарии ман лоиқ дидааст, сарам ба осмон расида, рӯзҳои дароз аз хона берун намебаромадам. Зиндагиямон аз қавле, шаҳду шакаррез буд, вале, замоне ки туро ба хонаатон бурдем (аз рӯйи таомул маросими ҳафтаталбонро иҷро кардем), чанд муддате, ки аз чашмам ғоиб будӣ, ҳаҷру дурӣ афсурдаҳолам сохтаю ин эҳсос, эҳсоси аз чашм нопайдо буданат рафта-рафта ба рашк мубаддал гардид. Ман дигар сабру таҳаммул аз даст дода, дар кӯйи пиндору гумонҳои васвасаангез афтида, аз хобу хӯр мондам. Худро бохта, чашмонам ба умқаш нишаста, бар ивази он ки роҳат хушҳолӣ кунаму кайфу сафо, рӯз ба рӯз харобу наҳиф мешудам. Кирми рашк бар ҷисму ҷонам панҷа мезад, беқарорам мекард. Ман ба ту рашк мебурдам. Ин ҳис ва пиндори шароратомези сиёҳончунон дар ҳалқаи бераҳмонааш маро печонида, меафшурду меафшурд, ки гоҳҳо дар хаёлам туро ошкорою рӯшан бо дигар кас (ҷавони ҳамсинфат…) оғӯш ба оғӯш ва дар лаҳзаи бӯсобӯсию лаззату нишот медидам (ё мушоҳида



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

мекардам). Ё тавба,-мегузарондам аз дил. Ба ман чӣ шудааст? Чаро зеҳнамро дуруст идора карда наметавонам? Ақли ман! Шуури ман! Эҳсоси ботинии ман! Чӣ асар кард ба ман? Ё аслан дар ниҳоди ман аз рӯзи азал ин хислатҳои нек вуҷуд надоштанд? Дуруст, чӣ ҷойи пинҳон кардан, аз хурдӣ бераҳми гузаро будам. Инак ҳамон эҳсоси гунгонаи бераҳмӣ дар замирам ошӯбу туғён бардошта, водорам мекард, ки оташи ғазабу нафратамро (Кадом ғазабу нафрат? Сарчашмаи он нафрату қаҳр аз куҷост?) ба сари касе бирезаму паст кунам. Ва интихоб ба ту рост омад. Маросими ҳафтаталбон ба охир расиду туро ба хонаамон оварданд. Ва ман шабону рӯзон, хусусан, шабҳо туро чун муфаттиши бетараҳҳуми ноодил бо пурсишҳои булаҷабу музҳики худ маҷбур мекардам, ки аз муҳаббату ишқварзиҳои аслан вуҷуднадоштаат дар ҷавонӣ ба ман иқрор шавӣ.

«Ман касеро дӯст намедоштам ва умуман, аз мафҳумҳое, чун ишқу муҳаббат ҳеҷ хабар надоштам. Шояд касоне маро дӯст медоштанд. Аммо маро ба ин сӯхтанҳою дӯстдоштанҳо парвое набуд. Як духтари содаи рустоӣ будаму баъди хатми мактаби деҳа дар колхоз кор мекардам. Хайр, ба зебоию соҳибҷамолӣ ва ҳусни нодирам ҳеҷ шакку шубҳа набуд. Бисёриҳо мафтуну маҷнуни ҷамоли ман гардида, аз қафоям медавиданд. Аммо ин ҳаргиз маънои онро надошт, ки ман низ кадом яке аз онҳоро дӯст доштаву хоҳони ба шавҳар баромадан бо ӯ бошам. Не, не, ин тавр набуд. Ин хаёли хоми он ҷавонони ҳавасбоз буду халос. Хостгорҳои беҳадду ҳисобе низ пасодумколу бетанаффус ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

хонаи мо қадам ранҷа карда, танҳо розигии маро мунтазир шуда, саранҷом ноумеду хиҷил баромада мерафтанд. Падару модари ман бархилофи дигар мардуми деҳ ҳатман майлу хоҳиши дили маро фаҳмидан хоста, дар бораи ину он ҷавоне, ки волидонашон ба хостгорӣ меомаданд, андешаамро мепурсиданд. Аз чӣ бошад, онҳоро намехостам, чун посухи рад медодам, падару модарам ба ҳеҷ сурат намеранҷиданду хафагии хешро ошкор намекарданд. Ва тасодуф бошад ё хости Худованд, ки як рӯз модари ту ба хонаи мо омада, бо бибиям дурудароз суҳбат карданд. Баъд хушҳолу шодон бибиям модаратро то таҳи дарвоза гусел карда, қафо баргашт ва мужда расонд, ки одами чор кас мешинохтагӣ ва обрӯманди деҳ-Раҳими қассоб барои писараш ба хостгорӣ меомадааст ба хонаи мо. Ман гоҳу ногоҳ туро дар раҳу рӯ ва кӯчаҳои деҳ дучор омада, чун ҷавони орому камгап тасаввур мекардам. Мегуфтанд, ки мактаби ноҳияро тамом карда, дар колхоз шофёрӣ мекунӣ. Ҳамааш ҳамин. Бибиям ҳам падару модаратро ҳай таърифу тавсиф карда, аз ту ҳамчун ҷавони заҳматкаш ёдоварӣ мекард. Баъд аз фикру андешаи зиёд, рӯзе, ки падару модарат ба хостгорӣ омаданд, ҳини розигии маро пурсидан, бори аввал буд, ки ҳарфе ба забон наовардам. Сукути маро аломати ризо пиндоштаву рӯймол дарронда, маро ба ту фотиҳа карданд.»

Сарат хам ин суханҳоро ба забон оварда, мехостӣ гумону шубҳаҳоро аз сари ман дур бисозӣ. Аммо ман… Ба дарди бедавое гирифтор шуда будам гӯё. Ҳеҷ боварам намеомад ба ин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

гапҳоят. Ҳар шаб пофишорӣ мекардаму пурсиши худро такрор ва бонгу ниҳеб мебардоштам, ки ту дурӯғ мегӯӣ. Номи он ҷавонеро, ки ошиқу шефтаи ту будааст, бароям бигӯ. Рози ишқат набояд пинҳон монад, онро ошкор кун, вагарна…

Ҳарфе ба лаб намеовардӣ. Дар пиндори мани савдоӣ гӯё фазои хона ях баста буд. Ин гуна эҳсоси нохуши замони кӯдакиям дар хаёлам, дар замирам эҳё гашта, ман боз ҳам бӯеро мешамидам. Бӯйи хун, бӯйи гӯшт. Дубора манзараҳои бераҳмонаи куштани мӯру малах, сангпушту қурбоққа ва шикори майнаю мусичаҳо пеши назарам зинда ба пайдо меомаданд. Дандонҳоям ба ҳам расида, ғичиррос мезаданд. Баданам оташ гирифта, таб мебаровардам. Пеши чашмонам тира гардида, ғазабам боло гирифтаву муштонам гиреҳ хӯрда, дашномкунон ба сӯят медавидам ва …

Ва бехуду сармаст, ҷонам ташнаи қасду қасоси номафҳум мушт мефаровардам ба сару рӯят. Ин лату кӯб ва ваҳшоният чанд муддат давом меёфт, хабар намеёфтам. Вақте ки модарам ногаҳон ба хона ворид мешуд, аз дастам кашида, накуҳишам мекард, ки садқаи зиндагӣ шавӣ. Магар дарандаӣ? Наход, мард занро бо задан ба худ моил кунад? Вале ман дигар ба порсоиву покдомании ту шубҳаам зиёдтар гардида, пурсишу истинтоқи шабурӯзии худамро идома медодаму идома ва оқибат ҳосили ин бигӯ-магӯҳо он шуд, ки ту, рангат зарду заҳир гардида, ба беморӣ гирифтор шудӣ. Эҳ, чӣ беҳиссу карахте будам, чу санги сарди соҳили дарё. Медонӣ, пас аз писарчадор шуданамон (ҳамин Нӯзаре, ки ҳолиё дар кадом шаҳри Русия беному нишон аст) аҳволат бад шудан гирифт. Заифу нотавон ва камҳаракат



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

шудӣ, аслан иштиҳо ҳам надоштӣ. Бо гузашти тақрибан як-яку ним сол ба бемористон бурдемат. Муоинаву ташхис намуданд туро пизишкон. Гуфтанд, ки нишонаҳои маризии сил дар тани ҳамсарат пайдост. Бояд шитоб кард, то туро аз ин дарди муҳлик наҷот бидиҳем. Ва…

Хобонданд туро дар беморхонаи бемориҳои сили деҳаи Мачитон…

…Мард, аммо беқарор гардида, шабҳо чӣ худхӯриҳое дошт. Оташи рашк дар қалбаш фурӯзон гардида, дубора дар панҷаи изтироб фикр мекард, ки ҳамсараш парирӯю зебост, боз дар бемористон бо касе рози дил гуфта, ҳамдарду ҳамнавое пайдо накунад? Ин андеша тадриҷан дар шуураш ҷой гирифтаю камол ёфта, девори сабру таҳаммули гумонҳои ӯро аз ҳам мерехт.

Не, рӯзҳо-ку ҳеҷ воқеа рӯй намедиҳад, лекин шабҳо кӣ медонад, чӣ гапу корҳо дар он бемористон ба вуқуъ мепайвандад? Ба зан мардум магар мешавад эътимоду бовар кард? Ҳол он ки вай бисёр шунидаасту медонад, ки иддае аз занҳо дар бемористон шабҳо бо ину он марди ношинос, ки пештар шинос гардидаанд, вохӯрда… Магар вай ба ҳамсараш бовар карда метавонад? Э, не, аз куҷо? Ҳаргиз! Тайи чанд соли заношӯӣ то ҳол сирру рози қалби вайро фаҳмидаву дарк накардааст. Ончунон ки дилаш мехоҳад, ӯро омӯхтаву аз наздик шинос нашудааст. Бегона барин…

Ва мард дарди бехобӣ кашидаву чашмонаш варамидаю сурх шуда, шабҳо роҳи деҳаи Мачитонро пеш мегирифт, ки дар он соҳили рӯд ҷойгир шуда, ҳамсарҳади деҳаи онҳо ҳисоб меёфт. Ҳаш-ҳашкунону нафасзанон ба беморхона



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

расида, пайт меҷусту мепоид, ки чӣ тавр ба назди тирезаи палатае, ки ҳамсараш хоб буд, рафта, ӯро ба мушоҳида бигирад. Ва чун дузди шабрав, оҳиста-оҳиста, бо гузаштани дақиқаҳову сонияҳо ва тиратар гардидани ҳаво бех-бехи буттаҳову нихолҳо қадам зада, оқибат ба тирезаи ҳуҷраи хоби ҳамсараш наздик шуда, ду-се сангро болои ҳам гузошта, баромада аз пушти тиреза ба даруни ҳуҷра чашм медӯхт. Ва медид, ки занаш ва бемори дигар, ки зани солхӯрдае буд, катҳояшон рӯ ба рӯи якдигар зери партави чароғи шабафрӯз орому осуда хобанд. На шахси бегонае ба чашм мерасиду на садое ба ҷуз «хониши» чирчиракҳо ба гӯшаш мерехт. Бад-ин ҳолу ҳаво, вай соатҳо зери тиреза қарор гирифта, шабро дар бемористон ба рӯз мерасонд. Ин ҳол шабҳои зиёде идома ёфт. Танҳо боре шабаҳи ӯро духтури навбатдор пайхас карду аз дунболаш омада, рафтору ҳаракати мардро наззора карда, аз китфаш дошта, пурсид, ки кисту дар ин ғояти шаб ин ҷо ба чӣ кор машғул аст? Ва сирри мард ошкор гардид. Охир, дигар вай ҷойи гурез ва чорае надошт, ба ҷуз он ки ба гуноҳаш иқрор шавад. (Ҳарчанд ин амали худро вай гуноҳ ё кирдори ношоиста намеҳисобид).

Вақте ки духтур ӯро ҳамроҳӣ карда, ба ҳуҷраи хоби ҳамсари мард ва он зани солхӯрда даромаданд, ҳамсараш як қад парида, аз хоб бедору аз ҷогаҳи худ баланд шуда, шавҳарашро дар ин поси шаб дар рӯ ба рӯяш дучор омада, аз фарти ҳайрату таааҷҷуб чашмонаш боз гардида, суоломез сӯяш менигарист. Лаб газида, ҳаросомез ҳарфе ба забон наовард. Вай аллакай ҳис карда буд, ки шавҳараш аз рашку бадгумонӣ дар ин ҷо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

пайдо шудааст. Духтур ба мард нигариста гӯё пешниҳод мекарда бошад, хитоб кард:

- Агар шумо, амак, ба ҳамсаратон рашк бурда, ба ӯ бовар надошта бошед, метавонед шабҳо омада дар ҳамин ҷо хоб кунед. Мо шароит муҳайё мекунем.

Мард, чашмонаш моломоли ғазаб, сӯйи ҳамсараш теғи нигоҳ кашид:

- Ман ӯро пагоҳ гирифта ба хона мебарам. Беморхона ҷойи ӯ нест. Мебарам, тамом, вассалом!

Ҳангоме ки рӯзи дигар мард ҳамсарашро иҷборан аз бемористон ба хона овард, заҳри забон ба сараш рехт, ки «ба ту бовар надоштаму надорам. Боз ин ки дар касалхона бо баҳонаи табобат гирифтан ба чӣ корҳое даст назанӣ. Ҳа, ҳа… ҷойи ту ана ҳамин хона аст. Ин гапи маро чун ҳалқа дар гӯшат гир!»

Ҳамсараш бори аввал гирист ва дар ҳамон ҳолат, гӯё эътироз мекарда бошад, дилашро холӣ кард:

-Як умр азобам додӣ. Лату кӯбам кардӣ, ба ҷойи лаззати зиндагиро чашидан хуноба хӯрдам. Дар баданам ягон ҷойи ободе намонд. Гуфтам, ки дар духтурхона табобат бигирму саломатиям беҳтар шавад. Аз дилсиёҳию бадгумоният нагузоштӣ, ки ҷонам биосояд. Охир, мемирам. Аз рӯзҳои нахустин, ки ба покдоманиам шубҳа доштӣ, бояд ҷавобамро медодӣ. Не, ту ин корро накардӣ. Мехостӣ, ки дар пеши чашмат азоб кашида-азоб кашида, ҷигарам ғарқи хун ҷон бисупорам. Эҳ… чӣ гӯям?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Аввал ин ки ту ба зудӣ, кори Худо, ҷон намедиҳӣ, - киноямез гуфт мард ва бепарвоёна афзуд:

- Лекин агар мурӣ ҳам, дар ана ҳамин ҷо, дар рӯйи хонаи мо мемирӣ. Фаҳмида гир ва забонатро қафо каш!

Ва зан қатъан пеши худ қарор дод, ки аз ин хонадон баромада меравад.

Меравад ба назди падару модари азизаш, ба хонае, ки лаҳзаҳои хушу нишотовари айёми наврасию ҷавониаш он ҷо чун дар хобҳову афсонаҳои ширин пушти сар шудаанд. Вале… як рӯз дар байн нагузашта, воқеае рӯй дод, ки зан аз мушоҳидаи он бахусус, аз бетараҳҳумию золимӣ ва сангдилии шавҳараш тарсида, аз раъяш гашт. Ончунон тарсу ҳароси сангине дар дилаш ҷо гардид, ки бо ба ёд овардани он ки бояд рӯзе аз рӯзҳо орому бесадо баромада, ба хонадони падар фирор хоҳад кард, қариб заҳракаф шуда, хомӯшию сукутро ихтиёр карда, чун фармонбардори ҳамешагии шавҳараш аз пайи анҷом додани корҳои рӯзгор шуд ва дигар фикри раҳоӣ аз ин азобу машаққатҳоро бехӣ аз сараш дур кард.

… Падари мард-Раҳим-қассоб он рӯз кадом ошнои деринаашро ба хона кашола карда овард. Вай ҷавонаи зотии чорсолро ба ошнояш савдо карда, фурӯхтанӣ буд. Ҷувонаи моҳҳо парваришуда дар оғил по мекӯфту бонг баланд мезад. Аз чӣ бошад, беқарор буду сарашро ин тарафу он тараф меафшонд. Раҳим-қассоб ба писараш амр дод, ки ҷувонаро берун баровварда, дар бехи дарахти себ бибандад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Ҳо, ку дар берун, дар майдони кушод тану бадан ва гашти ҷонварро аз наздик бубинем,- хандида, мӯйлабҳоро молида-молида гуфт ошнои Раҳим-қассоб ва каме дуртар истода, илова кард:

- Боз ин ки падарат ҳам таърифу ситоиш кард ҷонварро.

Ва мард ҷувонаро аз мех кушода, ба берун баровардани шуд, ки ҷонвар бонги баланде бавроварда, фукашро ба замин бурда, бо пойҳои қафояш хоку гилро ба ҳаво пош дода, бо чашмони хашмгин, ки тоси хун гардида буданд, кинҷӯёна ба Раҳим-қассобу дӯсташ нигариста, якбора наъраи осмонхарош кашида, силтав зада, бандро раҳо карда давид.

Медавид ба чор канори ҳавлӣ ҷувона ва ҳамчунон наъра мекашид.

Бо шоххо ва пойҳояш хоки заминро кандаю пош дода, ҳумбас мезад.

- Чӣ бало шуд ба ҷонвар,-лаҳзае гаранг шуд Раҳим-қассоб ва каме ба ҷувона наздиктар гардида, хост аз банди овезони шохаш бидорад.

-Биё, Мишка, биё,-дасташро ба банд наздик бурда навозишомез хитоб кард вай ва бо эҳтиёт хост гардани ҷувонаро молиш бидиҳад. –Канӣ, ҳо, ана ҳозир бандатро медораму ором мешавӣ.

Дар ҳамин лаҳза буққаи хашмгин чун балои осмонӣ ба Раҳим-қассоб ҳамла карда, ӯро ба замин афтонда, бо шоххояш ба бадани ӯ зарба задани шуд. Кассоб худро қафо кашидани шуда, хост аз чанголи ҷувонаи девонаавзоъ як бало карда халос шавад, вале ҷонвар бонг бардошта, дубора ӯро ба замин хобонд ва ба баданаш паёпай шох задан гирифт. Писарашу дӯсташ дар ҷояшон шах шуда, чӣ кор карданашонро намедонистанд,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

чун аслан чӣ тавр рух додани ин воқеаи даҳшатангезро амиқан дарку эҳсос накарда буданд. Баъд аз он ки чашмашон ба бадани хунолуди Раҳим-қассоб афтид, дар ҷояшон такон хӯрда, белу шоха гирифта, баҳри халосии вай шитобиданд. Ҳарчанд зӯр зада, бо чӯбдасту шоха ба бадани ҷувона кӯфта, банди онро ба даст оварда, қафо кашиданӣ мешудандаш, бенатиҷаю беҳуда буд кӯшишҳояшон. Ҷонвар девонавор ба ҳар ҷои бадани Раҳим-қассоб шох мезаду шох мезад. Дигар инони ихтиёр аз даст дода, мард ба кӯча давида баромад ва ҳамсояҳоро ба ёрӣ даъват кард. Чанд тан «чӣ гап шуда бошад?-гӯён аз думболи вай ба ҳавлии Раҳим-қассоб даромада, аз воқеа огаҳӣ ёфта, бо каланду белу чӯб мусаллаҳ гардида, бо азобу талошҳои бисёре оқибат ҷувонаро дошта, дар бехи дарахти чормағзи ҳавлӣ сахт бастанд ва ба имдоди Раҳим шитофтанд. Қассоб чашмонаш беҳис рӯ ба осмон мехобид. Баданаш ҳар ҷо-ҳар ҷо сӯрох гардида, аз сӯроххо хун заҳида мебаромад. Ҳатто рӯдаҳояш ба таври даҳшатангез ба чашм мерасиданд. Вақте ӯро бардошта, оварда дар пешайвон хобонда, хостанд, ки ба беморхона бубарандаш, базӯр оҳувоҳкунон чашм кушода, пичиррос зад:

- Худатонро ташвиш надиҳед. Маро куҷо кашола карда ба духтур мебаред? Монед, ки ҷонам ҳамин ҷо, дар рӯйи хонам осуда барояд. Дигар…

Раҳим гапаш нимкора хомӯш гардид. Гиряву нола ва фиғони зану келин ва фарзандонаш ба осмон мепечид. Мард ҳайрону даҳонво сар ба сутуни айвон гузошта, оҳ кашид. Наход падараш бимирад? Ин худаш чӣ гап? Дар як лаҳза балову



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

фалокати осмонӣ ба сарашон дар сурати буққаи бераҳм, ки чашмонашро хун гирифтааст, фурӯ рехт-а? Эҳ Худо, эҳ Худоҷон…

Ба ҳар ҳол, мард падарашро ба бемористони шаҳри калон бурданӣ шуд. Вай дар роҳ ҷон дод.

Мард ба ин зарбаи тақдир тоб наоварда, намедонист аламашро аз кӣ, чӣ тавр бигирад. Дар саҳни ҳавлӣ чашмаш ба ҷувонаи аз қавли худаш, «наҳс» афтида, ҳасрату ғазабаш дучанд гардида, дар қалбаш ошӯбе бархоста, чун дар айёми наврасияш аз кадом макон, аз дуриҳо бӯйи хунро мешамид. Ин бӯй, ки дар пиндору рӯъёҳояш димоғашро хориш дода, дар хунаш ҳал мешуд, безобитаю беқарораш мекард. «Ман ин буққаи лаънатиро мекушам. Ҷонвари наҳс бояд бифаҳмад, ки бо фарзанди Одам шӯхию бозӣ набояд кард. Ана, мебинад вай. Ҳа, ҳа…»

Вай банди нав харида овард ва ҷувонаро маҳкам аз пою дастонаш ба дарахт баст. Пас-он белро гирифта, «ана ба ту, ман ба ту»-гӯён ба пешонӣ ва фарқи сари ҷонвар ба бераҳмии ошкоро задан гирифт. Ҷувона гӯё ба тақдир тан дода бошад, сар меафшонду аз ҷой ҷунбида наметавонист. Мард ҳамоно бо бели дамаш тез мекӯфту мекӯфт ба сару пешонии ҷонвар. Лаҳзае нафасаш гиреҳ зада, дам мегирифт. Боз ғазабаш шуълавар гардида, белро бардошта мезад ба сару пешонии ҷувона. Вай бо ин қонеъ нашуда, мисронро гирифта мукаррар зарба задан гирифт ба каллаю байни пешонии буққа. Ҳайвони безабон маҷоли бонг бардоштану зиддият нишон додан ҳам надошт. Ҳамсарашу модараш ӯро насиҳат мекарданд, ки ин корро накунад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Охир, ҷонвари безабонро азоб дода куштан гуноҳ аст. Вай ақл надорад. Ту, ки ақл дорӣ, чаро бояд ваҳшӣ барин ҷони ҷонварро дар азоб монӣ?- ғазаб кард модар.

Чанд нафар ҳамсоягон низ аз ҳақиқати ҳол огоҳ шуда, омада мардро панду андарз доданд. Вай ҳарфе ба лаб намеовард. Хомӯш буд. Ва ҳамин ки одамон баромада аз пайи ташвишу корашон мешуданд, фиғон кашида, ба назди ҷувона меомад.

- Падарамро куштӣ? Ҳа, ҳа, куштӣ! Ман ба ту куштанро нишон медиҳам.

Ва дафъатан белро бардошта ба сари ҷонвар мефаровард. Ин рафтори ваҳшиёна мард то бегоҳ давом ёфт. Танҳо вақти намози аср вай бандро аз пову дастони ҷувона кушода, ӯро раҳо кард. Ҷувона калавида-калавида қадаме чанд гузошта, якбора ба рӯйи замин афтид. Аз даҳону бинии ҷонвар хуни арғувонӣ ҷӯй кашида, берун мезаҳид. Ин ҳолро дида, ҳеҷ бовари мард намеомад, ки ду-се рӯз қабл ҳамин ҷувонаи таҳамтани пилзӯр падарашро аз по афтонда, ба ҳалокат расонида бошад. Мард ҳамон бегоҳ ҷувонаро хобонда, сарашро аз тан ҷудо кард ва корди қассобии падарро дар даст бозӣ доронда, ба модарашу ҳамсараш, ки тааҷҷубомез ба ӯ менигаристанд, хитоб кард:

- Аз ҳамин рӯз эътиборан ман қассобам. Дар қассобӣ то бераҳм набошӣ, ба мақсадат намерасӣ. Ва рост ба чашмони ҳамсараш назар дӯхта, кордро рег кашида, илова намуд:

- Дар зиндагӣ ҳам бояд одам бераҳм бошад. Раҳму шафқат шахсро оҷизу нотавон карда, вай дар ҳаёт дастнигару муҳтоҷ шуда мемонад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Корҳояш бебарор, берӯзӣ мешавад. Дигаронро намедонам, ман ҳамин хел мефаҳмам. Ҳа-а!

Ва мард тамоми умр аз рӯйи ҳамин шиор зиндагӣ карда, ба касе раҳм накард. Куштану пӯст кандани ҳайвонҳо-ку ба як амали муқарrariаш табдил ёфтаанд. Зиёдтар аз ҳама, ҳамсараш аз ӯ метарсид. Ҳарчанд бо гузашти солҳо онҳо соҳиби чаҳор фарзанд-ду писару ду духтар гардиданду баъдҳо як писари мактабхонашон аз ҷаҳон даргузашт, зан дардаш дар дил ниҳон, ҳама азобу ситами ба сараш овардаи мардро фурӯ бурда, ҳеҷ норизоиву эътирозе накард. Ба сарнавишт тан дод. Ва дар як рӯзи оғози баҳорон, ки ҳамакнун олам ҷилову дурахши тоза гирифта, сабзаҳои навдамида назаррабоӣ мекарданд, бе ҳарфу садо ин олами зебову шукуфонро падруд гуфт.

***

Мард аз сурати ҳамсараш чашм наканда, сарашро дудаста дошта, бо оҳанги наҷво хаёлан ба ӯ муроҷиат карда гуфт:

«Оҳ, ҳамсари азизам! Ту як умр метарсидӣ аз ман, хусусан, баъди он ки ҷувонаи чорсолро бо зарби бел ба тavri даҳшатовар ба ҳалокат расондам, ту аз рӯ ба рӯ шудан бо ман меҳаросидӣ. Шаб дар ҷогаҳи хоб меларзидӣ. Ё шояд гумон мекардӣ, ки мани бераҳм шабу нимашаб туро буғӣ карда мекушам? Ҳарчанд бо ину он баҳона лату кӯбатро давом медодам… Ҳол он ки дар давоми зиндагӣ ман бедодгариҳои зиёде карда будам. Ёдат ҳаст, ингуна маротибае сагамонро, ки дар канори ҳавлӣ занҷирбанд буд, ҳамчунон золимона ба ҳалокат расонидам. Саги бӯри қавиҷусса-Чарлиро гоҳ-гоҳе дар ҳавлӣ сар медодем, ки гаштугузор карда, зиқ нашавад. Боре чанд



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

дарвозаро кушода дида, тохта кӯча баромада, ба одамони раҳгузар чашм ало карда буд. Ҳатто гоҳҳо ба онҳо нияти дарафтодан намуда, охиру оқибат ба пойи духтари Маҳмади ҷангалбон, ки ба мактаб мерафтааст, даҳон зада, гӯшти пояшро канда мегирад. Се рӯз пайи ҳам ҳамсари раҳматӣ Маҳмади ҷангалбон ба хона омада, шӯру ғирев бардошта, ҳар суханеро, ки дар дил ҷамъ карда буд, бе рӯю риё изҳор намуд.

- Агар ба духтарам ягон воқеа рӯй диҳад, шуморо ба суд медиҳам,-таҳдид кард вай ва дарвозаро кушода баромаданӣ шуда:

- Ё пули табобати духтарамро медиҳед, ё худатон бурда дар духтур табобаташ мекунед, - гуфта дарро сахт пӯшид ба рӯямон, ки тараққоси он то ҳол тайи гӯшам садо медиҳад. Маблағи муолиҷаи духтари Маҳмадро пардохт кардем, албатта! Вале таънаю мазамматы ҳамсари раҳматии ҷангалбон сахтам расид. Аламам омад. Хунам ба ҷӯш омада, чунонки дар айёми кӯдакӣ ҷонваронро бо азобҳои сангину тасаввурнопазир гирифтор карда мекуштам, ҳамон гуна тапиши қалбам зиёд гардида, майлу хоҳиши ба муҷозот кашидани Чарли ба изтиробам овард.

«Аз боиси ту шуда, ин қадар суханҳои ҳақоратомези болохонадорро аз забони як бева шунида, хомӯшона таҳаммул кардам. Бас аст, дигар! Ҷазоятро медиҳам. Мо ба худамон обрӯю нуфуз дорем. Панҷ-даҳ кас мешиносад моро. Омада-омада як зани шавҳармурда маддаи дилашро пешамон кафонда, рӯинатаниро бин, ҳатто таҳдид карда баромада рафт. Акнун мебинӣ!»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Бо ин андешаҳо сагро кашола карда, аз ҳавлӣ берун баровардам. Бо занҷираш ба танаи симчӯби назди хонаамон чунон таранг бастам, ки батамом ҷунбида наметавонист. Белро гирифта, аз сари ҷонвар кӯфтанро оғоз намудам. Зарбаҳо бераҳмона ба тахтапушти Чарли партоб мешуданд. Оқибат пойҳои сагро нишон гирифта, девонавор белкӯб кардам. Зарбаҳо ончунон паёпаю босуръат ва бошиддат ба бадани Чарли мерасиданд, ки ҷонвар фурсати аккос задан намеёфт. Намедонам ин рафтори даҳшатзои ман чанд муддат давом кард. Як вақт аз қафо дасте дастаи белро аз ҳаво дошта:

- Бас аст, амак,-гуфт. Охир, аз рӯйи инсоф нест ин коратон.

- Кадом корам?-ғазабомез ба қафо нигариста пурсидам. Ва рӯ ба рӯям муаллими Зайдуллоро дида, саҳл дастонам суст гардид.

- Аз ин азобу машаққат додана, ҷонварро бурда ба дасти Шоҳини шикорчӣ супоред, як тир мезанад, ҷони саг ҳам халос мешаваду аз шумо ҳам.

-Гапатон маъқул, лекин…

-Чӣ лекин?

- Лекин ман мехоҳам, ин лаънатиро табъи дил бикӯбам. Устухонҳояшро бишканам, тавба диҳамаш.

-Эҳ,-даст афшонд муаллим ва норозиёна ҷониби хонааш гом бардошт.

Ниҳоят, бандҳои сагро кушода, аз симчӯб озодаш кардам. Ҷонвар рӯйи замин афтида, хомӯш гардид. Баданаш чунон ҳамвор шуда буд, ки мегуфтӣ, аз рӯзи ба дунё омаданаш устухон надошта бошад. Аз даҳону бинии саг хуни сурхи омехтаи сиёҳчатоб рехта, хокро рангин месохт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Чашмони Чарли бефарқ, як пора осмони нилгун дар оинаи дидагонаш нақш баста буд. Ана, ҳамин тавр, аз саги хонадони мо садое барнахоста, аз олам гузашт. Ту аз ин золимии ман огаҳ шуда, рӯятро бо ду дастонат пӯшида, болои суфа нишаста, бесадо мегиристӣ. Дар ин лаҳзаҳо аз дилат чӣ мегузашт, хабар надоштам. Оре, оре аз ҳамаи кирдорҳои «соҳиби сарат» амиқан хабардор будӣ. Ман чӣ медонистам?! Шояд дарунакӣ хун хӯрда, аз аламу ҳасрати бепоён ҷонат ба ҳалқат омада буд? Аз фикри он ки дигар аз ин ғамхона чораи халос шудан надоштӣ, дилу ҷигарат заҳру зардоб гардида буд? Ман ин ҳолати руҳии туро баъдҳо дарку эҳсос кардам, аммо…

Аммо дер шуда буд, дер!

Ёдат бошад, маротибае маркаби бузургҷуссаи кадоме аз ҳамдеҳагон дар нисфирӯзии гарми тобистон ба ҳавлӣ даромада, ба юнучқаи расида даҳон зада, хӯрдан як тараф истад, онро зери по кардаасту ифлос. Болои сӯхта-намакоб, хари зормонда себҳои нимхомро хоидаю шохаҳои пурбори онро шикастааст. Аз ин ҳол огаҳӣ ёфта, манзараи нохуши ба зуҳур омада, табъамро хираю кайфамро паронд. Чун одати дерин маркаби беақлро дошта, ба дарахти чормағз бастам. Ва белро гирифта, ба сару рӯву гардану тахтапушт ва думғозааш бо бетараҳҳумӣ задан гирифтам. Ҳамчунин, пойҳояшро ҳадаф қарор дода, бо тамоми неру белкӯб мекардам. Тақрибан ним соат ин «амалиёт» идома ёфт. Бандро кушода, оқибат харро раҳо кардам. Ҳайвони азияткашида, устухонҳояш шикаста, аз ҷо ҷунбида наметавонист. Дар ҳамин вазъ, якбораву нохоста, монанди дарахти тановари чанори пир гумбуррасзанон ба замин афтид. Даҳонаш кушода



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

гардида, аз мағзи дандонҳои калон-калони маркаб ва сӯроххои бинияш хун шорида, рӯйи сабзаҳо мерехт. Қарибиҳои бегоҳ бӯйи баде ҳотаро фаро гирифт. Хари берӯзӣ қолаб тиҳӣ карда буд.

Чашмонаш аз косахонааш ҷаста баромада, нигоҳи ҳасратомезе дар онҳо ях баста буд. Шикамаш дамидаву баланд гардида, ба дили кас тарсу ҳарос ҷо мекард.

- Сазои сарат ана ҳамин, ҷонвари худозада,- гуфтаму онро бо ёрии писаронам Нӯзару Анвар ба ароба бор карда, ба ғори назди сойи деҳа бурда ҳаво додем. Ҳо, ҳо, ҳамааш дар ёдат ҳаст. Ва як рӯзи гарму нарми баҳорон туро аз даст додам ман. Шояд пас аз вафоти писари хурдии нозпарварамон Фарҳод вопас маҷолу таҳаммули бардошти санҷишу озмоишҳои зиндагиро аз сар гирифта натавонистӣ?! Охир, ба марги Фарҳод, ки дар синфи 9-ум таҳсил мекарду писараки шӯху беқарори хандонрӯе буд, боз ҳам мани сангдили шӯрбахт гунаҳкор будам. Ҳо, ҳо, гунаҳкори азиме, ки инро ҳеҷ гоҳ ба худам бахшида наметавонам. Не, не, намебахшам! То ҳол виҷдонам азобам медиҳад. Иштибоҳи авфнопазире кардам, Худо маро зад. Ҷангҳои бемаънӣ шуруъ гардиданду зиндагӣ якбора мушкил шуд. Дарёфти як пора нон ба чӣ машаққатҳо даст медод. Ба азобҳои тоқатфарсову тавонкоҳ нигоҳ накарда, аз пушти қассобӣ аробаи зиндагиро ба навъе кашола карда, ризқу рӯзӣ меёфтам. Рӯзе аз рӯзҳои охирҳои айёми тирамоҳ гови дӯшоии хонадон дар сари заминҳо юнучқаи навдамидаро, нафсаш зӯрӣ карда, то шикамаш пуфаквор дам кардан хӯрда, пасон аз оби ҷӯйбор нӯши ҷон мекунад. Модагови ширдеҳ буду аҳли хонавода дӯсташ медоштанд. Аз дари



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

ҳавлӣ даромадан замон ҳайвони бечора таппӣ ба замин меафтад. Вақте ки ман аз бозор, аз савдои гӯшт баргаштам, аллакай дер шуда буд. Ҳаром мурда, ишкамаш дамида, мехобид. Аҳли хонадонро ҳақорату дашномҳои обдор дода, кордро гирифта, сари ҷонварро аз тан ҷудо кардам. Баъд пӯст канда, дасту қабурғаи говро бурида, ба зарфҳо кардам. Туву писарам Нӯзар ҳайратзада аз ман пурсон шудед, ки гӯшти гови ҳаромшударо чӣ кор карданӣ ҳастам.

- Мебарам ба бозору мефурӯшам,-фаҳмондам ба шумо.

- Охир, ин чӣ хел мешавад, ота,-таҳпурсӣ карда Нӯзар ва сар ҷунбонд:

- О, наход гӯшти ҳаромро бурда ба одамон фурӯшед? Убол аст, ота! Раваду касе аз ин ҳол воқиф гардад, шармандаи ду олам мешавем. Ин корро накунед!

- Дигар чора надорем. Солу замон вазнин. Одамон нон гуфта, ҷон дода истодаанд. Ту бошӣ… ҳамроҳи очаат каттагӣ мекунӣ.

- Замони вазнин гуфта, байни ҳарому ҳалол фарқ намегузоред. Аз ғазаби Худо битарсед, ота!

- Рав, рав, ба ман панду насиҳат нахон! Ана насиҳатгару…

- Оқибати ин корро фикр кунед, ота! Худо паноҳ диҳад, касофаташ ба аҳли хонадон мерасад.

- Гуфтам-ку, дар бехи гӯшам сафсаттафурӯшӣ накунед, - ғазаб кардам ман ва субҳи барвақт гӯшти говро ба мошинам бор карда, роҳи бозори ноҳияро пеш гирифтам. Ба фурӯхтан гӯшти гови ҳаромшударо фурӯхтам, вале… вале гӯё ҳамон рӯз одами бегуноҳро ба қатл расонда бошам, ғамгину дилгир ба хона баргаштам. Аз чӣ бошад, аксар ҳангом хотирам парешону афсурдаҳол фикр



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

мекардам, ки пайомади фоҷиаборе интизор аст марову хонадонамро. Чаро ба як чунин кори нангине даст задам? Чаро дар зиндагии мураккабу пурпечутоби худ (ки ин мушкилоту азобҳоро бе хеҷ гапу кор худи ман эҷод карда будам, ки нафрату лаънатҳо ба ман!!!) натавонистам хешро ислоҳ намоям. Чаро аз ирода мадад наталабидам? Дасти накбату бераҳми сарнавишт ҷони Фарҳоди шӯху шангро аз мо ситонид. Барқ зад вайро. Ин ҳодиса ба чӣ сабку шева сурат гирифтааст, то ҳол барои ман муаммоест сарбаста. Ҳаминаш маълум аст, ки чун барқ қатъ мегардад (ҳисобкунаки барқии мо аз кор мемонд), Фарҳод хонаро холӣ ёфта, болои курсӣ мебарояд ва фаҳмиданӣ мешавад, ки иллат дар куҷост. Шояд бо дасти урён симҳоро доштааст. Ҷараёни баланди барқ ӯро зада, аз по меафтонад. То аз бозор баргашта, писари нозпарвардамро ба духтур бурданӣ шудам, ки … (эҳ, чӣ гӯям, гӯё ки Худо аз ман рӯ гардонда буд!), дер кардам. Дер, дер!!!

Бо ҳамин дастони худам ба хок супурдам ҷасади Фарҳодҷони азизамро! Дигар, гоҳ-гоҳ чеҳраи хандону шукуфон ва чашмони нигоҳҳояш пурмеҳри ӯро дар хоб медидам.

Эҳ, дардам бисёр аст, кадом якеашро гӯяму диламро холӣ кунам.

Намедонам …

Аммо барои ман талхтарин лаҳзаҳо он лаҳзаҳое ҳисоб меёфтанд, ки ту дар пеши чашмонам сӯхта, дар ёди Фарҳоди тармаргамон обу адо мешудӣ. Аз ҳусни ҷавоният чизе намонда, ожангҳо чун гули хушкида, сафҳаи чеҳраатро зер кардаву чашмонат камнуру беҳис гардида буданд. Месӯхтию аз сӯхтанат хабар надоштам. Шояд дарунакӣ мегиристӣ, шабҳо хоб набудӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ман дар ин вазъият аз худу аз зиндагӣ ва сарнавишт гурехтан мехостам. Аламам беохир, гоҳо чунон ба ғазаб меомадам, ки мехостам даст ба домони само бизанам. Худоро ба сидқу инсоф бихонам, балки… ба истинтоқ бикашам. Пеши чашмонамро ғубор гирифта буд, чизеро намедидам. Ғазабам мечӯшиду мечӯшид. Рӯзи маргат ҳам ба сарвақтат расида омада натавонистам. Дар бозор будам, ки хабари сиёҳро расонданд. Рӯйи гарматро надидам. Чӣ рӯзҳои маъшуме ба сарам омада буданд. Иштибоҳ намекунам, агар ба такрор гӯям, ки Худо аз ман рӯ гардонда буд.

***

Қассоб оҳи сарде аз ҷигар кашида, аз хона берун омад. Даме ки вай андешаманд назди боғчаи гулу гулбуттаҳо, ки бо рангрезиҳои худ ба саҳни ҳавлӣ ҳусну тароват мебахшиданд, рост истода, Нӯзару Анварро пеши чашм овардани мешуд (мазмун, дар Русия ба чӣ кор машғуланд, соли дуюм аст, ки аз онҳо хату хабаре нест), садои радиои масҷиди деҳа баланд гардид, ки аз марги Ҷалоли ҳамдеҳаи ӯ хабар медод. Мард як қад парида, дар ҷояш такон хӯрд.

«Ҷалол?-зери лаб пичиррос зад вай. Наход? Ҷалоли ферма? Ҳамоне ки солҳои дароз дар фермаи колхоз подабон буд? Э, не-е, наход? Умри инсон тез мегузаштааст, ҳай дареғи одам, ки дирӯз буду имрӯз нест…»

Чанд рӯз пеш гӯшаш бод гирифта буд, ки бемор аст Ҷалол. Аммо ҳеҷ ба гӯшаи хаёл намеовард, ки … якбораву ногаҳонӣ хабари марги ӯро мешунавад. Мард бо шунидани ин хабар ранг бохтаву пойҳояш ба ларза даромада, дар бораи Ҷалол фикр мекард. Инсони поку заҳматкаш буд



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

вай. Вале боре бо маслиҳати ӯ (боз ҳам гуноҳи бузурги мард!) вай ба ҷиноят даст зад. Ҳар ду шарик буданд дар он кори ҳаром. Аҷаб воқеае, ки номи Ҷалолро доғдор кард. Қассоб боре бо мошинаш ба ферма алаф оварда, бо Ҷалол, ки гаправу сода буд, аз ҳар хусус суҳбат карда, пасон гӯё дар омади гап маслиҳатомез:

- Акаи Ҷалол, медонӣ-чӣ, ин дунё ба ҳеҷ кас вафо накардааст, ки ба ману ту вафо кунад,-гуфт ва овозашро пасттар карда, афзуд:

- Дар ҳамин ферма чӣ бисёр. Гову мол, ҷувонаву ғуноҷин.

- Мақсадатро нафаҳмидам,-тааҷҷуб кард Ҷалол.

- Гап ҳамин ки ягон шаб, аниқтараш шаби навбатдорият ягон ҷувонаи хушзотро оҳиста бароварда, ба хонаи ман меорем.

- Баъд чӣ?

- Баъд, субҳ надамида, онро ба бозори ноҳия бурда, ба савдо мезанем. Фаҳмидӣ?

- Охир, охир...-Ҷалол тарсидаву ларзида, нафас дар гулӯяш дармонда, худро аз ӯ дур кашиду сар ҷунбонд:

- Не, не, ин кори бозию шӯхӣ нест. Моли ҷамъиятро бурда фурӯхтан ҷиноят аст. Э, не, не, ман ин аҳмақиро дар ду дунё намекунам. Баъди ин ки, ҳар як гову мол, ҷувонаву ғуноҷин рақами давлатӣ дорад. Магар инро намедонӣ?

Мард хандид ва ба Ҷалол фаҳмонд, ки ҳама усул дар дасти худам. Рақамҳои шохи ҷувонаро суҳон кашида, тоза мекунам. Кӣ мефаҳмад, мол аз куҷост?

- Мебинӣ, ки пул дарза-дарза ба даст меояд,-даҳон мазза дод қассоб.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

«Ана, ҳамин хел, акаи Ҷалол,-гӯё бо раҳматӣ рӯ ба рӯ суҳбат мекарда бошад, хитоб кард мард. Оқибат ба нею нестонат нигоҳ накарда, туро розӣ кардам. Ду дафъа ҷувонаҳои дуздиро бурда, дар бозор фурӯхтем, вале маротибаи сеюм сирри дуздиямон фош шуду ба даст афтодем. Хабарро посбони ферма ба гӯши подабонону говҷӯшон расонд. Хуллас, шарманда шудем. Ҳо, ҳо, ту хафаву норизо, намедонистӣ, саратро ба кадом девор бизанӣ. Дар мурофиаи судӣ такрор-такрор «ман гуноҳ надорам, маро Соҳиби қассоб маҷбур кард»-гӯён имдодталабона овоз баланд мекардӣ, вале касе на ба доди ту расиду на ба ман. Ҳар ду чор сол дар маҳбас нишаста баромадем. Ту баъди ба озодӣ баромадан дигар бо ман ногап шуда, ҳатто саломамро алейк намегирифтӣ. Кори хуб нашуд, бояд рафта пеш аз маргат биҳилӣ металабидам. Аз гуноҳам гузар, мегуфтам, Ҷалол. Эҳ, дареғ, дареғи инсони шариф! Акнун ман дар қиёмат чӣ ҷавоб медиҳам, Ҷалол?!»

***

Қассоб дигар шабҳоро бо бедорхобӣ ба рӯз мерасонид. Гоҳе ки нохоста чашмонаш пӯшида шуда, ғанабаш мебурд, дарсоат ҳамон манзараи касифу ҳавлангез зинда аз пеши чашмонаш мегузашт. Кордро санг кашида, сари ҷонварро аз тан ҷудо карданӣ мешавад. Ана, хун фаҷҷос зада, шорида ба чуқурчае, ки пештар канда тайёр кардааст, мерезад. Вай дар рӯшноии нурҳои ширгуни маҳтоб чашмаш ба каллаи бурида меафтаду як қад мепарад дар ҷояш. Охир, ин сари писараш Нӯзар аст, ки бо чашмони нигоҳаш яхбаста каноре хоб аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

«Писарам, Нӯзари ҷигарбандам,-пичиррос мезанад мард. То кай дар ин азоби даҳшатангезу ранҷовар умрам ба сахтӣ мегузарад? То кай?»

Бедор мешавад аз садои баланди доду ниҳеби худ.

Ва бесадо, сараш хам ашк мерезад. Ӯ дар бинои зиндагиаш боре нагириста буд, ҳатто дар марги ҳамсарашу писараш гӯё ба ҳайкали сангин мубаддал гардида, сукут меварзиду гириста наметавонист. Ё шояд вай умре гириста наметавонист? Гиристанро барои мард мояи шарму хиҷолат ва оҷизию нотавонӣ мепиндошт?

Болои сӯхта намакоб, се рӯз қабл бародараш хабар овард, ки Нӯзар бо «хокаи сафед» ба даст афтодааст дар Русия, вале тақдири Анвар ҳанӯз номаълум аст. Барои аз маҳбас озод кардани Нӯзар пули калон, хеле калон лозим будааст. Боз ин ки, вай аз бисёре аз ҳамдеҳагони муҳоҷири худ қарздор ҳам шудааст.

Ҳамин гуна пайки нохуш овард бародари қассоб ва ӯро бадтар ба кӯйи навмедию варшикастагӣ тела дод.

«Вале чаро ин хоби сиёҳ маро аз панҷаи худ раҳо намесозад?-меандешид мард. Чаро дасту панҷаам доим ғарқи хун аст? Аз баданам бӯйи хун меояд. Хун, хун, хун…»

Қассоб субҳ надамида, сар бардошт аз болин. Хаставу ранҷур ва дилшикаста менамуд ба назари худ. Дилаш заъф карда, олам дар хаёлаш ғамхона метобид. Сараш ҳамчунон шабеҳи санги осиёб вазнин…

Вай, бо вуҷуди карахту хастаҳол будан бархоста, таҳорат кард. Намози бомдодро хонда, лаҳзае аз тиреза ба берун, ба саҳни ҳавлӣ чашм дӯхт. Ҳоло барвақт буд. Касе наменамуд. Фазоро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

хонишу навои мурғакон фаро гирифта. Субҳи тозаву муҷаллои тобистон.

Мард аз ҷо баланд шуда, ҷониби анҷомхона қадам зад. Аз ҷевони куҳна асбобу абзори қассобиаш-табари тез ва кордҳои ялаққосии гулдорро гирифта, дар халта андохт ва оҳиставу бесадо аз дарвозаи калони ҳавлӣ берун шуд. Вай дар ин бомдодон, ки кӯчаҳои деҳ сокиту хилват буданд, тез-тез қадам зада, ҷониби дарёи Кофарниҳон, ки аз канори деҳа мегузашт, равона буд.

«Ҳар чӣ бодо, бод,-аз дил мегузаронд қассоб. Меравам дигар ва… Эҳ… Зиндагие, ки бе ҳеҷ мақсад, ба беҳудагӣ гузаштааст, аслан зиндагӣ набуда, дарду азоби тоқатфарсои руҳӣ, зиндон, балки ҷаҳаннам аст. Оре, оре, ҷаҳаннам аст. Боз ин ки Худо аз ман рӯ гардондааст…»

Ниҳоят, банди андешаҳои хасратзову навмедона мард ба канори дарё расид. Лаҳзае бо таанӣ, бо чашмони нигоҳаш links мармузу хаёлманд ба мавҷҳои хурду бузурги дарё нигарист. Насими сарде, ки аз ҷониби дарё ба тан мерасид, касро ҳушёр мекард. Қассоб ибтидо кордҳои тез, сипас табари қассобиашро аз халта берун баровларда, ба дарё ҳаво дод. Ва баъд … оҳиста-оҳиста қадам зада, ба оби хурӯшони дарё по гузошт. Ин гуна ҳаракати худро давом дода, вай ба байни дарё расид. Дар ҳамин ҳол, ногаҳон ва ғайриихтиёри мард мавҷҳои саркашу тундрави дарё ӯро аз по афтонда, кашола карда, бо суръат бурдан гирифтанд. Мард саравал гарангу ҳайрон монда, хост дастҳояшро баланд бардошта садо занад… Вале чун амвоҷи бераҳму хурӯшон ӯро ба зер кашиданд, қассоб нафасаш гирифта, чашмонаш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

сиёҳ заданду ғайр аз талотуми оби дарё чизеро пай набурда, дарк намуд, ки кор аз кор гузаштааст.

Аз кучҷое, аз дуриҳои дур, чун дар рӯъё садое як лаҳза ба гӯшаш расид:

-Ту Иброҳим нестӣ. Нестӣ, нестӣ…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

## “МИЁНАРАВ”

Ҳар гоҳ ки Саидқули Саидхӯҷа аз Русия, аз муҳоҷират ба деҳа баргардад, албатта, бо Соҳиб вомехӯрад ва лабханди дандоннамое карда, баъд аз пурсупосу зикри ҳолу аҳвол ва кору бораш дар он кишвар, гӯё дар омади гап ҳамчунон хандида, бо оҳанги таассуф изҳор мекунад:

-Эҳ маълим, маълим, як вақтҳо шумо ҳам дар Расия, дар Санкт-Петербург азобу заҳмат кашида будед. Дар ёд доред, дар “загород” чӣ рӯзҳоро аз сар гузаронидед? Ҳа, ҳа...

Ва лаҳзае хомӯш монда, айёрона чашмонашро бозӣ доронда, монанди шахси пурхондаву таҷрибаманди рӯзгордида андешаҳояшро бо ин ҳикмат хулоса мекунад:

-Дар зиндагӣ, инсон дар ҳама ҳолат, новобаста аз мушкилию рӯзҳои вазнин бояд ба якдигар дасти ёрӣ дароз кунад. Гузаштагонамон гуфтаанд-ку: некӣ куну дар об андоз.

Муаллим ҳам зарофатомез, рӯирост ва баланд-баланд киноя мекунад:

-Оре, оре, бояд ба якдигар некӣ кард. Чунонки шумо дар Россия ҳамин хел “некӣ”-ҳо мекардед.

-Э биё мон, ҳамон воқеаҳоро,- даст меафшонад Саидқули Саидхӯҷа, ки қадбаланд буда, шиками дамида дорад ва тақрибан 65-сола аст. –Коҳи кӯҳнаро бод надеҳ, муаллим.

...Ҳамон сол, бори аввал Соҳиб ба Русия ба муҳоҷират рафт. Шогирдонаш зуду бошитоб аз фурудгоҳ мустақиман ба музофоти наздишаҳрӣ бурданд ӯро. Дар деҳа, дар вагони сайёре ҷой доданд ба ӯ. Фаҳмонданд, ки дам гирад, чанд рӯз баъд кор ҳам пайдо мекунандаш. Як, ду, се... шухӣ-шухӣ ду ҳафта дар чашм задан барқвор



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

гузашт. Тобистон, ҳаво гарму дим, нафас дар гулу гиреҳ мезанад. Санкт-Петербург шаҳри рутубатноку намияш зиёд. Азоби Соҳиб сар шуд.

Субҳе ҳангоми ноништа аз дари вагон Саидқули Саидхӯҷа сар даровара, Соҳибро аз қавле, “аз бари боло” дида, лаҳзае ҳайрону лол монд ва сипас, ба ҳолпурсӣ оғоз кард:

-Ҳа, Соҳиб, аҳволат чӣ тавр? Чӣ шуд, ки дар ин тарафҳо пайдо шудӣ? Шамоли куҷо паронд? О янга чӣ хел дилаш шуда, туро ба Расия роҳӣ кард-а? Ҷилавата сахт кашида буд-ку? Ва сар ҷунбондаю фукашро болою поён тоб дода, афзуд:

-Дилам ба ту месӯзад, маълим, як умр, аз нӯги қалам чор танга ёфта, бо кӯдако “а, б, те, маориф, пула те”, гуфта, рӯз кӯр мекардӣ. Дар ин мулки ғарибӣ аробаата кашида метавониста бошӣ?

Муаллим аз ин пурсупоси кинояомезонаи ба таъбири мардумӣ, пур аз мӯрчу қаламфури Саидқул, ки солҳои тӯлонӣ ҳамчун мудири амбор кор мекарду инак 7-8 сол боз дар Россия миёнаравию ба ҳамдеҳагон ину он кор ёфтанро шуғли худ қарор додааст, хиҷолат кашида бошад ҳам, сир бой надода, табассуми малеҳе дар лаб:

-Дар насиб будааст мулки ғарибиро дидану азобашро кашидан,- гуфт. Лекин, ҳеҷ гап не, ба шарофати шумо соҳиби кор ҳам мешавем. Мо “шумо” гуфта, ба Русия омадем.

-Э баракалло,- аз ин суханҳо қабат-қабат гӯшт гирифта, болидарӯҳ хитоб кард Саидқул. –Дуруст мегӯӣ, Соҳиб. Дар зиндагӣ аз одам як амал боқӣ мемонад – дасти некӣ дароз кардан ба бечораю афтодае. Тайёр шав, имрӯзу пагоҳ ба кор мебароӣ. Бешухӣ мегӯям, ҳа-а...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Бегоҳӣ Саидқул аз куҷое пайдо шуда, шитобзадаву осема ба муаллим фаҳмонд, ки фардо дар як зарфи калон солярка меоранду ӯ бояд партовҳои гирду атрофи деҳаро оташ занад. Баъд бо ҳидояти ӯ, муаллим қад-қади кӯчаҳои деҳа, ки Вирки ном доштааст, қадам зада, ғарами партовҳоро, ки аз буталҳои пластикӣ, коғазу картонҳои нодаркор, чӯбу тахтапораҳои боқимондаи иншооти сохтмонӣ, резину клеёнкаҳо ва дигар лашу луш иборат буд, аз наздик дида, ба дил гуфт, ки "ҳеҷ кори вазнине набудааст, дар як-ду соат ҳамаашро ба коми оташ хоҳам кашид".

-Ман бо раиси деҳа ҷӯраи деринаам, - тавзеҳ дод Саидқул,- корро бо тартиб, хушрӯ иҷро мекунӣ. Эҳтиёт мекунӣ, ки оташ ба хонаҳои одамон начаспад. Медонӣ-ку, хонаҳои деҳотиён чӯбин. Баъд хушҳолона ба китфи Соҳиб тап-тап зад:

-300 рублро ҳалол хоҳӣ кард! Ин аз нӯги хамир фатир.

Соҳиби содаю зудбовар чунон шодмону хушҳол гардид, ки шаби дароз хобаш набурда, дар интизории дамидани субҳ борҳо аз паҳлу ба паҳлу гашт, беруну дарун даромад, мижа таҳ накард. Субҳ барвақт бархеста, берун баромад. Дид, ки воаҷабо, фазои деҳаро дуди ғализе печонидааст... "Чӣ воқеа рӯй дода бошад?- аз дил гузаронд банди тааҷҷуб. Сӯхтор сар зада бошад?"

То нисфирӯз аз Саидқулу зарфи соляркааш дараке нашуд. Танҳо бегоҳ шогирдони муаллим хабар оварданд, кореро, ки бояд муаллим анҷом медод, Саидқул ба кадом додарарӯсаш, ки навакак аз деҳа омада будааст, супурдаасту вай



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

партовҳоро субҳи барвақт оташ зада, ҳаққи муаллимро соҳиб шудааст.

Соҳиб димоғаш сӯхта, ҳарфе ба забон наовард. “Ин хел ҳам мешудааст-да, - пичиррос зад зери лаб. Хайр, ҳеҷ гап не. Ризқ азалист, мегӯянд”.

Ду рӯз баъд боз Саидқул дар вагон пайдо шуд. Баҳузур, бо иштиҳо таҳтӯл карда, гӯё ҳеҷ воқеа рӯй надода бошад, ба муаллим рӯ овард:

-Ба шумо дурӯғгӯ шудем, маълим. Хусурбурдаҳо ба дилам задаанд. Кам не, ғам не, 10 нафаранд. Ана, инаш нав аз деҳа омадааст. Ночор ба ӯ фармудам оташ задани партовҳоро. Лекин... инаш аниқ, пагоҳ ду мошини калон хишти газоблок меоранд. Ҳамроҳи қайнию додаронам мефарореду ҳаққатонро мегиред, маълим. Кори саридастакӣ-да! Тайёр шуда истед.

Пагоҳӣ мошинҳои хишт, яке пайи дигар ғурросзанон аз роҳи деҳа, шафати ҷойи хоб – вагони муаллиму шогирдонаш оҳиста-оҳиста гузашта, ҷониби қитъаи сохтмоние, ки додарарӯсу бародарони Саидқул он ҷо кор мекарданд, равон гардиданд. Соҳиб даршаст либосҳои кориро ба бар карда, ҷониби қитъаи сохтмонӣ роҳ пеш гирифт. Ба он ҷо наздик нашуда, Саидқул аз фосилаи тақрибан 200-300 метр дасташро баланд бардошта, ҷониби муаллим ишораҳо кард. Муаллим гумон кард, ки дер шудаасту Саидқул “зудтар биё” мегӯяд.

Ҳангоме ки ба маҳалли сохтмон расид, дид, ки аллакай додарарӯсу бародарони Саидқул аз мошинҳои боркаш зуд-зуд хиштҳоро фароварда истодаанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net мурочиат кунед

-Ман ба шумо ишора кардам, нафаҳмидед,- паси сар хорида гуфт Саидқул. Маънои ишораам ҳамин буд, ки набиёед, худатонро саргардон накунед. Медонед, ман боз дурӯғгӯ шудам. Як мошинро қайниҳоям соҳиб шуданду мошини дигарро додарҳоям. Ҳоло ҷиянҳоям хафа. Ақаллан як нафари дигарро ҳамроҳ гиред, гуфтам, ҳам коратон сабук мешавад, ҳам як бечораи афтода соҳиби чор танга мешавад, "не", мегӯянду халос. Бахшиш, узр, маълим!

Баъд ба китфи муаллим даст бурда:

-Хафа нашавед, парво ҳам накунед, ман, албатта, ба шумо кор меёбам. Охир, дар ин дунё аз инсон танҳо як амал- дасти некӣ дароз кардан ба ҳамдигар боқӣ мемонад. Ҳа-а...

Се рӯз баъд Саидқул ончунон саросемаю ошуфта ва пурташвиш ба вагон сар халонд, ки гӯё воқеаи нохуш ё фалокате рӯй дода бошад.

-Маълим, зуд тайёр шав,- хитоб кард вай, ягон соат баъд мошинҳо тахта меоранд. Ҳама дар объектҳо машғули коранд. Танҳо ин ҷо худат ҳастию халос. Тахтаҳоро мефарорию ҳаққатро мегирӣ. Ҳо, зуд тайёр шав!

Воқеан, мошини боркаши боазамате, бордонаш моломоли тахтаҳои навъи гуногун ба деҳа омаду дар назди қитъаи сохтмонӣ қарор гирифт. Муаллим "дунё ба умед" гӯён, банди шубҳаву дудилагӣ ҷониби қитъаи сохтмонӣ роҳ гирифту... дар ҷояш шах шуд.

Як гурӯҳ ҷавонон зуд-зуд тахтаҳоро аз бордони мошин мефароварданду Саидқул:

–Зуд бошед, ҳай баракалло!- гӯён ба онҳо аҳсан мехонд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Вақте вай муаллимро рӯ ба рӯи худ музтару ҳайрон дучор омад, хандаи сохтае кардаву чашмонашро бозӣ доронда, панҷаҳояшро бо ҳам зада, сар ҷунбонд.

-Боз дурӯғгӯ шудем, маълим,- лаб ба сухан кушод вай. Мо-ку дурӯғгӯ шудем, лекин шумо беризқ будаед, бебарор. Ин дафъа "ҷиянҳо навбати мо фаро расид, тахтаҳоро мо мефарорем",-гӯён гӯшу майнаамро хӯрданд. Маро дуруст фаҳмед, маълим. Шумо ғам нахӯред, зиқ нашавед. Ҳоло корҳо дар пешанд. Ҳа-а... Лекин нағз донед, ки дар дунё аз одам танҳо некӣ боқӣ мемонад.

Чанд рӯз баъд Саидкул муаллимро ба ҷону ҳолаш намонда, розӣ кунонд, ки пагоҳ ба кори доимӣ шуруъ мекунад вай.

-Чӣ кор будааст?- пурсид Соҳиб.

-Кандани чоҳ,- фаҳмонд Саидхӯҷа ва тавзеҳ дод:

-Чуқурӣ канда, ҳалқаҳои бетонии азимҷуссаро ба тартиб болои ҳам мечинед. Як бор, ки ин корро анҷом додед, одат мекунед, минбаъд ба шумо осон мешавад.

Воқеан, пагоҳӣ мошин омаду муаллимро ҳамроҳи як шогирдаш ба канори дури деҳаи Вирки бурд. Мошине пур аз ҳалқаҳои бетонӣ низ баъди чанде расида омад.

-Ҳалқаҳои бетониро аз мошин фаровардан даркор,- фаҳмонд ронанда, ҷавони рус.

-Лекин, эҳтиёт кунед, ки вазнинанд ҳалқаҳо, мабодо нашикананд, баъд ин ки ба худатон низ осеб нарасад.

Чанд тахтаи мустаҳкаму чандирро ба бордон нишебрӯ гузошта, шогирд аз болою муаллими



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Соҳиб аз поён бо эҳтиёти том ба фаровардани ҳалқаҳо шуруъ карданд.

Нуҳ дона ҳалқаро бе осеб фаровардандy ҳангоми ҳалқаи даҳумро нишеб кардан он аз дасти муаллим лағжида, бо шаст ғелида, ба ҳалқаҳои дигар бархӯрд ва садои тараққоси вазнине баланд гардид. Боз нобарорӣ, боз ноомадии кор! Ҳалқаи ғелида баъди ба дигар ҳалқаҳо бархӯрдан шикаставу аз байн баробар ҷудо шуда буд. Бегоҳӣ аз дари вагон даромадани муаллиму шогирдаш ҳамон буду ҳаш-ҳашкунону нафасзанон расида омадани Саидқули Саидхӯҷа ҳамон.

-Шумо чӣ кор кардед?- ниҳеб зад Саидқул ва ба ҷавоби муаллим мунтазир нашуда, илова кард:

-Як ҳалқаро шикастед. Медонед, ҷаримаи он чанд сӯм мешавад?

Вай бадқаҳру ошуфта ин тарафу он тараф қадам зада, даст афшонд:

-Гап ҳамин, ҳар чӣ зудтар товони ҳалқаи шикастаатонро месупоред.

-Чӣ хел?- нафаҳмид Соҳиб.

-Пулҳоро то пагоҳ тайёр кунед, тамом-вассалом.

-Охир, ин чӣ хел мешавад,- ҳайрон монд муаллим, -кор накарда, пулро аз куҷо ёбем?

-То пагоҳ муҳлат,- ғазаб кард Саидқул.

-Некӣ мекунем, гуфта дар бало мондем. Мана оқибаташ.

Вай баромада рафт. Муаллим ҳайрону даҳонво монд...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

## ХУШ БА ҲОЛАТОН!

Ба Шумо, бонуи азиз, нома менависаму нома. Лек ҷавобе нест, аз қавли Лоиқи нобиға «номаҳо бинвишта будам беҳисоб, лек аз он сӯ намеомад ҷавоб».

Ба дил мегӯям: магар ранҷидааст? Аммо ваҷҳаш чист?

**Боз ҳам байте аз хазинаи зеҳн ба ёд меояд:**
**Чӣ кардаам, ки гирифтори бало шудаам,**
**Чӣ кардаам, ки ба ғам мубтало шудаам!**

**Ба ман мегӯянд, шумо шӯху зарифу ҳаззолед,** агар як рӯз набинематон, хонаи дил аз ғаму ташвиши ҳаррӯзаи кору зиндагӣ мекафад. Аммо… ман мавқеъшиносам, бо ҳазлу базлаҳоям ба қалбҳо сурури шодмонӣ меорам, лек ин дурр суфтанҳоямро то ҳадди ифрот намерасонам. Мабод ёрон ба такмаънии суханҳоям, ончунон ки мебояд, нарасанд ва биранҷанд.

Не, дигарон аз ман набояд биранҷанд. Ҳарчанд… иддае зиёд ранҷондаанд маро. Онҳо маро ранҷондаанд, ман не. Не, дилеро озор додан дар пиндору андешаи ман набуду нест. Аз қавли дӯсти ҳамқаламам, ман шӯхию ҳазлро дӯст медорам, дар ҳаққам суханони зарофатомезро таҳаммул мекунам, аммо ба ҳеҷ нафар, аз сағир то кабир иҷоза намедиҳам, маро таҳқир кунанд. Дӯсти донишманду закиям (ҳамкурси банда) ҳар ҷо, дар ҳар маҳфил, дар ҳалқаи равшанфикрону зиёиён, шоирону нависандагон, рӯзноманигорони ҳирфаӣ ва аҳли маънӣ чун бо ман рӯ ба рӯ ояд, ба таърифам мепардозаду ситоишам мекунад.

- Ман,-мегӯяд вай то ҳол варақаеро, ки бо гузашти солҳову тирвор гузаштани умр зарду афсурда шудаанд, дар ғалладони мизам нигоҳ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

медорам. Дар он варақҳо рӯйхати осори адибоне сабт аст, ки ман солҳои донишҷӯйӣ номашонро аз шумо, Суҳайли азиз шунида будам. Дар омади гап, ҳангоме ки дар курси 1 таҳсил мекардем, аз суҳбатҳои Суҳайл аҷаб лаззату завқе мебурдем. Вай гоҳ аз Чехову Гогол сухан дар миён меандохту гоҳ аз Бунину Толстой. Баъд аз Айтматову Думбадзе, Распутину Белов ва Шукшину осори онҳо баҳс мекард. Ҳайратзада мепурсидем: кай, аз куҷо осори ин адибонро дастрас ва мутолиа кардаааст?

Э хуш ба ҳолат, Суҳайл.

Дӯстам лаҳзае хомӯш монда, бо тафохур меафзояд:

-Суҳайли азиз, устоди аввалини ман аст. Охир дар рӯйхат 500 нависанда бо асарҳояшон зикр ёфтаанд. Мо Суҳайлро нахуст Шукшин меномидем, баъдтар Маркес!

Дуруст, дуруст, бародари донишмандам Ҳафиз. Аммо муболиғаро дӯст надорам. Эҳа, сухан сари чӣ буду куҷо лағжида рафтем. Ҳа, бонуе, ки ба номаҳоям ҷавоб намегӯяд. Аввалҳо аламу дард кашидам, вале баъдҳо… эҳсос кардам, ки ҳамин посух нагуфтанҳояш ба ҳусни отифаю сирати зебояш маъние лотасвир мебахшад. Ман медонам, дарк кардаам, охир, маърифатам олист, вай, ин бонуи хушпайкару сарвболо ҳам соҳиби истеъдоди баланд аст ва ҳам дили бузургу дардошно.

Хуш ба ҳолаш!

Ин ки ман ӯро бо истеъдоду дили бузургаш дӯст доштаам, гуноҳам чист? Моҳест, ки ошуфтааму савдою ташвиши нохостаро дар замирам эҳсос мекунам. Чаро бону ранҷидааст?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net мурочиат кунед

Охир, ин ҳеҷ имкон надорад. Аз қавли устод Бозор Собир:

**Хобам чу калобае пароканда шуда,**
**Монандаи тори тортан канда шуда.**
**Озори ту хок хӯрда чун занбӯре,**
**Дар синаи ман газандаи ганда шуда.**

Рӯи мизам ду повесту як роман нисф шуда, нанвишта мондааст. Наметавонам, дастам пеш намеравад, афсурдаам, шикастадилу маъюсам. На, аслан аз заҳмату ранҷ ҳаросе надорам. Парвои суханони дағалсириштону нотавонбинону ҳасудон надорам. Аммо… аз гуфти Хоҷа Ҳофиз- «кай шеъри тар ангезад, хотир, ки ҳазин бошад?»

«Ту навишта метавонӣ, дар ҳама жанрҳо, чӣ публитсистикаю чӣ адабӣ. Ман ба истеъдоди зотии ту бовару эътимод дорам. Ҳо, ҳо, балоӣ, чун ба гап дароӣ, касеро дар сухан гуфтан навбат намедиҳӣ. Аммо шабҳо менависию менависӣ ва рӯзи дигар ҳикояи тозатаълифатро пеши мо мениҳӣ». Ин суханони кист? Аз Шодмони ҳамкурсам, Ҳотаму Саида ё Муродию ҳамкорам ё бародарбузургам Азимхон? Ҳеҷ ба ёд оварда наметавонам. Суҳроб гоҳе занг мезанаду пас аз аҳволпурсӣ, хандида танзомез эҳсоси норизоию хафагӣ мекунад».

«Шунидам, чанд китобат аз чоп баромадааст. Ҳай серкору сертараддудӣ, ақаллан як китобатро тақдим накардӣ. Хайр, бигӯ, ҳамон китобҳоятро дар кадом мағоза ба фурӯш гузоштаӣ? Ту гӯй, мо худамон меёбем. Эҳ…» Суҳроб аз ҳамкурсони пурхондаи ман ва рӯзноманигори касбист. Кам мебинамаш… Инак, аз мутолиа ҳам дур шуда истодаам. Китобҳои Кафка- «Мурофиа» ва «Қалъа», Стриндберг – «Хонаи сурх», Сарамаго- «Диранги марг», Хуан Рулфо – «Педро Парама»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

ва…Зеҳнам фишор хӯрдаю аслан чизеро фаҳму дарк карда наметавонам.

Моҳест, ки ин савдо давом меёбад. Ба номаҳоям посух намедиҳӣ, бонуи азиз! Вақте буд, нарму ширин ҳарф мезадӣ бо ман. Чи шодмону фархунда будӣ он рӯз, ки қиссаи навиштаат дар маҷаллае нашр гардида буд. Ман аз чопи он қисса хабар надоштам, худ занг задию башорат додӣ:

-Салом, маълим,-омад садои ҷаззобу малеҳат аз он сӯйи гӯшӣ.

-Маро табрик кунед.

Ба суолам мунтазир нашуда («барои чӣ?» пурсиданӣ будам), афзудӣ:

-Қиссаи аввалинам дар маҷалла чоп шудааст. Бо суратам.

Ман забон ба таҳсинат кушодам:

-Офарин! Табрик, табрик!

Гум мезанад дилам ба ёди он лаҳзаҳои марғубу нотакрор. Шукӯҳу тантанае доштанд он рӯзҳо! Чун дар меҳвари он лаҳзаҳои фирӯзу пурнишот ту қарор доштӣ, бо чеҳраи зебою дилангез ва пайки хуши эҷодият.

Кунун ҳарфе ба забон оварда наметавонам, гӯё аз азал гунгу дамфурӯбаста будам. Пешат оҷизу нотавон гардидаам, аз сухан гуфтан метарсам. Мабод санги маломат бар сарам бизанӣ! Аммо вақтҳое буд, ки бо ҳазлу зарофат дар гуфтугӯйи телефонӣ забон ба таъзиру мазамматат мекушодам:

-Чаро ба зангҳои телефониям ҷавоб намедиҳӣ? Маро хафа накун, ки намебахшамат.

Ҳоло дигар забонам гӯйӣ ях бастааст. Ростӣ, ман розиям, ки ту ба занги телефониям ҷавоб диҳӣ. Бигузор суханҳои пасту баланд гӯйӣ. Охир,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

шояд иштибоҳу лағзише аз ман гузашта, ки ба он таваҷҷуҳ накардаам?!

Пас, маро бубахш!

«Ту азобу машаққатҳои зиёде кашидаӣ. Ёд дорӣ, замони ҷанги дохилӣ барои пеш бурдани зиндагӣ ва дарёфти ризқу рӯзӣ ба шаҳр раҳсипор шудию дар корхонаи шахсии хиштрезӣ ба кор даромадӣ. Шабҳо дар хоначаи тангу рутубатноки сементӣ мехобидӣ. Кӯрпаи ҷандаеро ба сар кашида, аз сардӣ то дамидани субҳ меларзидӣ, дандонҳоят шароққос мезад. Хиштҳои семблок вазнин буду ҳар якеш 25 кило вазн дошт. Дар байни ғубору чанги сементу регу шағал дар сардиҳои фасли хазон ва оғози зимистон дастону лабонат кафида, хунҷӯш шуданд. Хӯроки гармро хӯрда натавонистӣ. Аммо тоб меовардию тоқат мекардӣ. Рӯзҳои неку пурсаодат фаро мерасанд,- мегуфтӣ бо дили пур. Ту умре зиндадилу ба оянда хушбин будӣ. Дили софу бекина доштӣ, моро дӯст медоштӣ. Кӣ мегӯяд, ин суханҳоро? Ту, бародарбузургам Азимхон Ҳо, ҳо, Азимхон аст, ки пандомез мегӯяд:

-Мо одамони ношукр ҳастем. Дар як чашм задан он рӯзҳоро беҳӣ аз ёд мебарорем. Чаро? Кӯтаҳназару сармасту бехабарем…

Ҳо, ҳо ҳама одамонро дӯст медоштам. Касеро фиреб надодаам дар зиндагӣ, аслан намехостам фиреб диҳам. Аммо… чаро маро фиреб медиҳанду дурӯғ мегӯянд? Мани сода, зудбовар.

…Дар телевизор мебинам издиҳоми ҷоизагиронро. Якеш мебарояд ба саҳна барои гирифтани «Аълочии… , «дигареш мешитобад, барои гирифтани «Медали … , саввумӣ шитобзада пешпоӣ мехӯрад, барои гирифтани «Ифтихорномаи… «Ва дар минбар маърӯза



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

мекунанд, айнакдору беайнакҳо, кастуму куртаи сафед бар тану галстукҳои рангбаранг дар гардан сахт бастагӣ. Ҳама якранг. Суханҳо якранг, шодбошиҳо якранг, хандаю абрупарониҳо якранг, ҳатто қарсак заданҳо якранг, маснуӣ, дурӯғин. Масъулон сертараддуданд, лоф мезананд, хандаҳои мастонаашон ба фалак мепечад. Ман карахту лолу пакарам.

-Ба Шумо мукофот намедиҳанд?- мепурсад ҳамқаламам аз нашрияи кормандони соҳаи тиб. – Охир, 30-35 сол мешавад, ки бори сангини қаламро мекашед. Бо сабку услуби хоса менависед. Журналисти соҳибмактаб, беҳамто.

-Атояшонро, аз қавли Шайх Саъдӣ, ба лиқояшон бахшидам. Хуш ба ҳолатон, фазлфурӯшони ҳангомаҷӯ!

-Боз ин ки, шумо пурхондаед. Тамоми осори адибони ҷаҳонро мутолиа кардаед. Ин чӣ хел мешавад, ки…

Ва бонуи раъно, ки ба номаҳоям посух намедиҳад, замоне ки бо ҳам дӯст будему нуқтаи назарамон ягона буд, такрор ба такрор ба забон меовард:

-Шуморо барои он ҳурмату эҳтиром мекунам, ки доираи мутолиаатон васеъ аст. Ҳавасам меояд, ки чун шумо пурхонда бошам. Аз шумо меомӯзам, ростӣ ифтихор мекунам.»

Акнун танҳоям ва аз ин вазъи асафбор ба сутӯҳ омадаам. Гаштаю баргашта «Талафот»-и Фозил Искандар, «Тирамоҳ» ва «Омада»-и Шукшин, «Гусев»-и Чехов, «Авлоди ту»-и Г.Матевосян, осори Закария Станкуро мутолиа мекунам.

«Ман бояд худро ислоҳ кунам,-мегӯям пеши худ. Эҳсосу ҳаяҷонро канор бизанам. Аз ақл кор



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

бигирам. Ирода, эй ирода, аз ту мадад металабам.»

Ва аз ҳамкурсонам ёдам меояд. Муродалӣ, Фахриддин, Бозоров, Ҳафиз Раҳмон, Меҳриддин, Парвина…

Аз омӯзгороне, ки замоне бо онҳо якҷо дар дабистони деҳа кор мекардам, ёд меорам: Меҳриддин, Нарзулло, акаи Бобобек, Насриддин, Амриддин, устодон Ҳасану Маҳмуд Убайдовҳо (ҷояшон ҷаннат бод!), Додарбек, Лутфияю Муътабар, Муҳайё, Саидова…

Баногаҳ… садои телефон мебарояд. Касе паёмак ирсол кардааст. Мехонам:

«Салом, муаллим. Ман китоби шуморо, ки як моҳ пеш такдимам карда будед, хонда ба поён расондам. Дар ҳикояи «Бозгашт» азобҳои кашидаатонро дар корхонаи хиштрезӣ хонда, ростӣ, гиристам. Ман ба иштибоҳи худ сарфаҳм рафтам. Дарк кардам, ки дили оинасон поку беғубор ва бузурге доштаед. Ба истеъдоди нависандагиятон қоилам. Аз шумо ноҳақ ранҷида будаам. Шумо инсони соҳибдил,шариф ва бекинаю озоред. Узри маро бипазиред, хоҳиш мекунам! Интизори ҷавоби шумоям!»

Ниҳоят, дар уфуқи хаёл хуршеди умед рух намуд, шавқу нишоте тасаввурнопазир маро фаро гирифт. Аз шиддати эҳсосу тарокуми андешаҳо, ки дар мағзам ба зуҳур омада буд, аз ҷо ҷаста берун баромадам. Аз ҳавои мушкфому абиромез ва атри гулу гиёҳон амиқ нафас кашида, шукрона дар лаб пичиррос задам:

- Баргарду ба навиштан идома бидеҳ. Қиссаҳоятро ба анҷом расон. Хуш ба ҳолат, эй қаламбадасти савдоию ошуфтасар. Хуш ба ҳолат…»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

## БАЛОИ ОХИРЗАМОН

Дар зиндагӣ ҳама гуна ҳаводиси аҷибу ғарибро дучор омада будам, вале ин хелашро…

Уф-ф-ф… мағзам дуруст арсаи муқовимату муборизаҳои афкору хаёлҳои бесару нӯг ва мухталиф шудааст, ки сарҳисоби ин афкору андешаҳоро гум кардаам.

Ху-у-ш, мурод аз ин руҷуъ ё шикояту шиква чист? Аслан, воқеаи муқаррарию маълум, ки боз ҳам ба телефони мобилӣ рабт дорад, вале чунин нофаҳмию дарҳам – барҳамиро кам касоне шояд таҳаммул кунанду барои ин моҷаро вақти қиматбаҳои худро сарф.

Субҳе ба идора расида, акнун паси мизи корӣ нишаста будам, ки телефони дастӣ занг зад. Ба гӯш бурдам ва мунтазири садо аз он ҷониб шудам. Не-не, мунтазир ҳам нашудам, ба ин вақт ҳам нарасид, зеро:

- Гӯш кунед, шумо, намояндаҳои шуъбаи таъминоти иҷтимоӣ, чӣ ҳақ доред, ки аз книжкаи пенсаи ман 2 дирами боқимондаро «снимат» кунед. Ин худаш чӣ гап? Айбу шарма намедонед?

Маълум, ки ман ба асли воқеа сарфаҳм рафтам, мазмун, шахсе, ки иддаои 2 дирам маблағашро аз шуъбаи таъминоти иҷтимоӣ дорад, саҳв карда, бо ман дар алоқа ё чӣ тавре ки мегӯянд, дар тамос шудааст. Аммо…

- Ман пурсиданиям: ба шумо, ки ҳуқуқ додааст, ки 2 дирами ҳаққу ҳалоли маро аз картаам «снимат» кунед? Ҳа, чаро ҷавоб намедиҳед? Охир, ин бори аввал нест. Ҳа-а…

- Гӯш кунед, - дар ғазаб шуда, паст наомадам ман, шумо, ака, аз қавле, «нархи сабзию пиёзро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

напурсида», чӣ ин қадар доду фиғон мебардоред? Аввал пурсупос карда, орому беғавғо асли воқеаро фаҳмед, баъд, ана изҳори норизогӣ кунед. Лаҳзае хомӯшӣ доман густурд. Баъд аз садои фиш-фиш, ки аз он сӯ ба гӯш мерасид, овози «ҷабрдида» баланд гардид:

- Пас, шумо кистед?

- Ман?

- Ҳа, шумо!

- Ин муҳим нест, муҳим он ки шумо саҳван рақами маро чида, занг задед. Фаҳмо?

- Эҳ, ба ҳар ҳол… чӣ мегӯянд, дилам гувоҳӣ медиҳад, ки… овозатон айнан мисли овози мутахассиси шуъбаи таъминоти иҷтимоии ноҳия Дамдоров барин, - банди шакку тардид тавзеҳ дод ба суханаш «ҷабрдида» ва афзуд:

- Ё масхарабозӣ мекунед? Дамдоров, гӯш кунед, мардак барин ҷавоб диҳед, чаро 2 дирами маро…

- Ман Сайёд Валипур, журналист, - барошуфтам ин дафъа ва телефонро хомӯш кардам. Ё Худои бузург, ин чӣ рӯзи сиёҳест!

Хайрият, халос шудам аз марде, ки иддаои 2 дирами худро дорад. Аммо як чизро фаҳмидаму чизи дигарро не. Аввал ин ки, ин шахс, аз афташ, бисёр мумсику хасис будааст. Барои 2 дирам ин қадар ҳангомаю шӯру ғавғо! Дигар ин ки, фикре зуд ба мағзам фишор овард: агар пулро аз «карта», чӣ тавре ки «ҷабрдида» ҷор мезад, «снимат» карда бошанд, ин ба шуъбаи таъминоти иҷтимоӣ чӣ дахл дорад? Магар масъули ин амалиёт бонке, ки шахс дар он ҷо худро ба қайд мондааст, ҳисоб намеёбад? Э, бало ба паси ҳамааш.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ба кор шуруъ карданӣ шудам, ки боз занги телефони «Нокиа»-и хоксоронаам баланд гардид. Фикре барқвор майнаамро равшан кард: боз ҳамон «ҷабрдида» набошад?

- Алло, чихелӣ? – Овози маҳин, вале дар айни ҳол арбадаҷӯёнаи бонуе (шояд аз музофот буд?) ба гӯш расид. – Гӯш кун, Мартик, ту хаёл кардӣ, ки ҳар нағмаву усул карда гардӣ, мо намефаҳмему хабар намеёбем. Эъ, рӯят сиёҳ, пирхари бевабоз. Боз ту директори як мактаби калону бонуфуз-а!

Тоқатам сар рафт. Хунам ба ҷӯш омад:

-Эй бонуи беадаб, - садо задам ман, аввал, чӣ тавре мегӯянд, «пурсиш, баъд кушиш».

-Шумо ба кӣ занг зада истодаед? Ақлатонро кор фармоед. Охир…

- Ба кӣ занг зада истодаам? Ба ту, беимони аз шайтон пештар таваллуд шудагӣ.

Маро фиреб карда, «имрӯз дар ноҳия Шурои назди мудир (мудири шуъбаи маориф) буд, барои ҳамин дер карда, шаб омадам», мегӯӣ. Рӯзи дигар дар қабули муовини раис (раиси ноҳия) будам, навбат бисёр, қарибиҳои бегоҳ ба қабулаш мушарраф шудам, барои ҳамин вақтам рафту баъди намози хуфтан ба хона расидам», гуфта баҳона пеш меорӣ. Бегоҳиҳои ҷумъа, умуман, аз ту на пай ҳасту на ҳайдар. Боғазаб, ранҷидахотир (охир, ту актёри саҳнаи театр ё кино бояд мешудӣ!) дар кадом фестивали серӯза банд будем, мегӯӣ ва даст меафшонӣ:

- Чорабиниҳо аз мӯйи сар ҳам зиёд шудагӣ. Ҳамааш ба дилам задааст. Ариза навишта, аз вазифаи директорӣ даст мекашам. Бе ин ҳам, гапу калочаи мардум дар ҳаққам зиёд шудагӣ. Даҳони



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

дарвозаи шаҳрро баста мешаваду даҳони мардумро не.

Сарам ба дард даромад, дилам заъф кард. Оташи ғазабам афрӯхта гардид.

- Бонуи шаккок, - дод задам ман, шумо иштибоҳ карда, рақами маро чида, занг задаед. Ман журналист, корманди нашрия...

- Эҳа, гурсӯхта боз журналист ҳам шудӣ. О, сирри дузанагият нав дар деҳа овоза шуд. Дурӯғгӯй, машенник. Гӯш кун, ин пилтаи хома аз гӯшат кашида парто. Ё ману панҷ фарзандат ё ана он олуфтаи гесӯбуридаи таннози кохи фарҳанг. Фаҳмидӣ? Ҳе, фестивалу семинарот аз сарат монад. Се рӯз ба ту муҳлат. Шавад, обӣ, нашавад, лалмӣ. Ё зиндагӣ мекунӣ, ё ҷавобамро медиҳӣ!

Инони ихтиёр аз каф рафт. Дигар ҳарфе зиёдатӣ ба забон наовардам. Ростӣ, ба ин кор вақт ҳам нарасид. Он зан, ки дақиқан ҳамсари сарвари таълимгоҳе будааст, аламу ҳасрати ҷамъшудаи қалбашро ба сари ман рехту аз ғазаб худ алоқаро қатъ кард. Дар ҳар сурат, аз ин зан хеле-хеле миннатпазирам, ки ақлаш боло гирифту ба моҷаро нуқта гузошт.

Уф-ф-ф..., дар ин субҳи мусаффою муҷаллои фасли баҳорон шадидан хаста шудем, илҳоми навиштану эҷод кардан ва аз ҳама муҳим, таҳриру коркарди мақолаҳо аз сар бехӣ баромада рафт, ба куҷое ғайб зад. Ҳай, дареғ!

Сарамро байни панҷаҳоям дудаста дошта, оҳи амиқе аз ҷигар кашидам. Хайрият, телефон хомӯш асту касе занг намезанад. Ҷонам аҷаб осоиш ёфт. Вале “балоояд, қатор – қатор меояд”, гуфтагӣ барин телефон боз занг зад. Ибтидо онро ба даст нагирифтам. Гӯё дар наздам, рӯйи миз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

телефон не, балки кадом моддаи тарканда меистод, ки андак беэҳтиётӣ бо он метавонист боиси сар задани фоҷиаи тасаввурнопазир гардад. Худоё, каси ноошною бегона набошад боз?

Телефонро ба даст гирифта, ба рақами рӯйи он таваҷҷуҳ кардам: бале, ноошно, бори аввал мебинам. Кӣ бошад? Не, намебардорам. Аммо қасд кардагӣ барин, ду – се – чаҳор маротиба бетанаффус занг болои занг шуд. Ақл ба гӯши дил мегуфт: мабодо нафаре аз хешовандони дурат бошад, ё касе аз ҳамдеҳагон умед кашида, маҷбур шудааст, ба ту занг занад, то мушкилашро ҳал кунӣ. Ё ягон дӯсти давраи донишҷӯят аст, ки ба вохӯрии ҳамкурсон баъд аз 30 сол туро даъват карданист? Ё... ё...

Ниҳоят телефонро ба гӯш бурдам.

- Ҳа, муҳтарам раиси калон, овози пичингомези ришхандномое омад аз он сӯ.

Айба намедонӣ? Айба дон! Нав фаҳмидем, ки ихели ҳунарҳо ҳам доштаӣ. Маймунбози таппа – тайёриву боз мӯи сара руғану чарб карда, яллақос занонда, кастуму куртаи сафеди наппа – нави оҳарӣ бо галстуки сиёҳ дар гардан дар телевизор баромад карда, ҳай лоф задӣ-а! Чаро дурӯғ мегӯй? О, дурӯғ торикии имон, гуфтаанд. Аз даҳонат кафк парида, ҳангома мебардорӣ, ки ободӣ кардӣ, роҳҳоро таъмиру беморхонаю мактаб сохтӣ. Э, дурӯғгӯ, ба мо бигӯ, ҳамон беморхонаю мактаби сохтагият дар куҷо ҷойгир аст, ки мо надидаем? Роҳро мегӯӣ, таъмир кардем. Чӣ, он роҳро ту таъмир кардӣ? Худо ҳафтпуштааша раҳмат кунад, набераи бобои Раҳими Дӯста. Аз ҳисоби худаш пул ҷудо карду мардум бо ҳашар роҳро мумфарш карданд. Мо гапа бисёр карданӣ нестем. Фақат ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

ту фаҳмонданием, ки дар телевизор баромад накуну дурӯғ нагӯ, мардума гул назан. Шумо ба чӣ кор машғулед, медонем. Ба кадом муаллим, боз ин ки омӯзгори ҷавон як парча замини наздиҳавлигӣ додед? Аз дасти шумо “муаллими китобнавис” “ҳамон замини фермерие, ки ба ман ваъда кардед, саратонро хӯрад”, гӯён деҳаро тарк кард. Магар ин шармандагӣ нест? Телефон хомӯш гардид ва аз чӣ бошад, оташи ғазаби ман ҳам паст шуд. Суханони бисёр обдор, боадолатона, ки аз сари дилсӯзӣ гуфта шудаанд. Вале дар ин байн гуноҳи ман чӣ бошад? Ё “аз бало ҳазор гӯён”, аз баҳри симкартаам бароям?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

## «СИЗОН»

Ҳамааш аз ғур-ғури ҳамсараш оғоз шуд. Ба ӯ, Ҳакими Раҳим, ки дар дабистон ба омӯзгорӣ машғул буд, занаш амр дод: ба Русия меравӣ, қатори дигарон кор карда, пул роҳӣ мекунӣ, каму кости рӯзгорро дуруст месозӣ. Солҳои баъдиҷангӣ буду ҳоли мардум вазнину табоҳ.

-Ба умеди чор тангаи мактаб нашав,-маслиҳат пеш овард ҳамсараш, - пули ками бебаракат ба як халта гандум намерасад ва афзуд, ки зуд аз пайи хариди чипта шуда, худи ҳамин ҳафта ҷониби Маскав ё Санкт-Петербург роҳ гирад. Вагарна… дар зимистон нону орд як тараф, бе ҳезуму ангишт монда, аниқ ба ягон бало гирифтор мешаванд аҳли хонадон.

Ва Ҳакими Раҳим се шабонарӯз сар ба ҷайби андеша бурд, мазмун: пули хариди чиптаро чӣ тавр, бо кадом роҳ дастрас намояд. Аз андешаи зиёд сараш хонаи занбӯр шуд, вале муроде ҳосил нагардид. Се рӯзи дигар ниёз пеши дӯстону ҳамсоягон ва шиносонаш бурд, дар кафаш бод баргашт ба хона.

-Пул наёфта истодаам, чӣ тавр чипта бихарам?-ба ҳамсараш муддаои дил кард вай.

-Ягон чизро фурӯхтан даркор, -лаб ба носеҳӣ кушод занаш.

-Чизе нест, магарам туро фурӯшам,- шӯрид Ҳакими Раҳим.

-Говамонро бифурӯш, - роҳ нишон дод ҳамсар ва хулоса кард: -Бе шир ҳам рӯзамон мегузарад. Ва ягона гови хонадонро Ҳаким бурду фурӯхт дар бозор ва ба як миқдори он чипта хариду боқимондаро ба дасти ҳамсар супурд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

-Орду равғану биринҷ мехарӣ. Эҳтиёт мекунӣ, ки то кор кардану маблағ ба даст овардану ба шумо фиристоданам, кифоят кунад.

Ва субҳи зебою пурнакҳати баҳорон, ибтидои моҳи май ба Русия парвоз кард.

Додарарӯсаш аз фурудгоҳ гирифту бурд ӯро рост ба хонаи духучрагии «бачаҳои деҳаи Қамишзор»

- Ҳамин ҷо хоб мекунӣ, - фаҳмонд ба муаллим.

- Хӯрду хӯрокат дар яхдон.

Ва баромад аз дару чанд лаҳза пас бо як халта баргашт: нону ҳасибу чанд шиша пивои «Бочкарёв»-у як баста қуттии сигори «Пётр»

Ва аз қавле, зиндагӣ бо ҳама пастию баландияш сар шуд дар ғарибӣ, дур аз деҳу аз хонадону ҳамсару фарзандон.

Ҳаким субҳ аз хоб бармехест, ки пашша пар намезад дар ду хонаи калон-калони равшану босафо. Бачаҳои деҳа, 10-12 нафар ва додарарӯсаш баромада мерафтанд аз пайи кор.

Як рӯз сипарӣ шуд, ду-се, чаҳор… як ҳафта.

Аз яхдон маводи ғизоиро гирифта хӯрок тайёр мекард. Нисфирӯзӣ ба танҳоӣ тановул ва баъд сигор дуд мекард. Аз тиреза ба берун менигарист.

Шомгоҳ хӯроки гарми омодакардаашро пеши бачаҳо ва додарарӯсаш мегузошт:

-Иштиҳои том, хӯред, нӯши ҷонатон.

Рафта-рафта ҳамааш ба дилаш зад. Субҳ бархостану маскаю ҳасибу нони ширини мавиздорро бо чой ва гоҳо қаҳва хӯрдан. Сипас, хобу хоб. Аз хоб бедор шудану телевизор тамошо кардан. Ҳар хел кино дидан. Пасон хӯроки нисфирӯзӣ омода ва тановул кардан. Баъд боз хобу хобу хоб. Боз тамошои телевизор. Сигор дуд



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

додану аз тиреза ба берун нигаристан. Боз хӯроки шом пухтану назди бачаҳои деҳа ва додарарӯсаш гузоштан.

10 рӯз тирвор гузашт. Боре аламу дарди дилашро пеши додарарӯси оташпояш холӣ кард:

-Ман Россия коркунӣ омадаам, на хӯрдану хобидану телевизор тамошо кардану сигарет дуд додан. Ё маро масхара мекунӣ?

-Парво накун, язна,-бепарво даҳонашро калон кушода гуфт додарарӯсаш. - Ҳоли сизони кор сар нашудааст. Ҳамин ки сизони кор сар шуд, мебарем туро ба кор.

-Шумо кор карда истодаед-ку?-«кафид» Ҳаким.

-Ин корҳо боқимондаи сизони пешинаанд,-филфавр тавзеҳ дод додарарӯс. - Так что, то сизон сар шудан, роҳат куну дам гир, язна.

-Кор, умуман, ёфт мешавад?- таажҷуб кард Ҳаким.

-Конечно,-бо эътимод посух дод додарарӯс. - Ҳоли начунб, аз кори бисёра намедонӣ ба кучо фирор кунӣ.

Муаллим хандид.

-Бешӯхӣ мегӯям,- ҷиддӣ шуд додарарӯс, - наханду мазоҳ накун, язна.

Аммо…

Рӯзҳо мегузаштанду аз кор дарак нест. Моҳи май ба охир расиду июн даромад.

- Гӯш кун,-ғазаб кард як рӯз муаллим ба додарарӯсаш. - Моҳи май тамом шуд. Ту бароям кор меёбӣ ё не? Аз бекорӣ дилам мекафад. Баъд ин ки, пул роҳӣ кардан лозим ба хона. Мефаҳмӣ ё не?

-Тоқат кун, язна,-маслиҳатомез хитоб кард додарарӯс.-Бузургон гуфтаанд-ку, «меваи сабр



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

ширин аст». Ҳоло сизон сар нашудааст, ҳамин ки сизони кор сар шуд, мебарем туро ба кор.

– Ана, баъд кор ҳам ба дилат мезанад.

Пасонтар «шумо аҳли маърифат, китобу китобхониро дӯст медоред, язна», гӯён додарарӯс ба ӯ аз кадом бонуи шиносаш асарҳои адибони ҷаҳонро дастрас намуд.

-Китобҳоро бафурҷа хондан гиред, зиқ намешавед,-носеҳӣ кард вай. - Дар ин байн мебинед, ки Худо росту дуруст меораду кор пайдо ва олам гулистон, нуран ало нур мешавад.

Ва Ҳаким ончунон ба мутолиаи китобҳо пардохт, ки ҳатто хӯрок хӯрдану тамоку дуд доданро ҳам аз ёд баровард.

Танҳо баъд аз он ки субҳе бархосту дар тиреза ангушт задани боронро бо ду чашми сар дид, ҳушаш ба сар омад. Дар берун боду борони сахт буду дар шохи дарахтон барге не. Муаллим амиқ дарку фаҳм кард, ки тирамоҳ фаро расидаасту ҳанӯз вай дар мулки ғарибӣ кор наёфтааст. Осмони дилашро абри сиёҳи ғам печонд. Ба мазаммати додарарӯсаш гузашту арбада бардошт:

-Аниқ ту маро ба ин роҳи дур барои масхараю мазоҳ даъват карда овардӣ. Дар берун фасли тирамоҳ, моҳи сентябр даромад. Кор меёбӣ ё не? Апаат занг зада, ҳай гилаву ҷингила кард.

-Чӣ гуфт?-бепарво пурсид додарарӯс.

-Гуфт, ки 4 моҳ шуда, кай кор меёбию чор танга роҳӣ мекунӣ?

-Шумо чӣ ҷавоб додед?

-Ман… ман фаҳмондам, ки ҳоло, бо қавли додарат, «сезон» фаро нарасидааст.

-Сезони чӣ?-ғазаб кард апаат.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

-Сезони кор,-шарҳ додам ман.

-Лаънат ба ҳамон сезону кор,-дод зад апаат ва афзуд, ки дар як Россияи калон барои ҳама кор пайдо мешудаасту барои ту не?

- Сезонро як туву додарам медонен?

- Парво накун, язна,-тасалло дод ӯро додарарӯс. - Ҳамин қадар сол дар деҳа кору зиндагӣ гуфта азоб кашидӣ, хароб, пӯсту устухон шудӣ. Ҳеҷ гап не, камтар роҳат куну дами беғам зан. Вай, апаам гуфтан мегирад. Занҳо ҳамаашон ҳамин хел, фақат дар ғами пулу моланд. Аҳамият надеҳ!

Ва як бегоҳ додарарӯс муаллимро ба кӯрпачаю болишту ҷойхоб ва либосҳои корияш ба мошини нафаре аз бачаҳои деҳаи Қамишзор савор карду ба ноҳияи Рошина гӯё ба кор фиристод. Ин ноҳия дар фосилаи тақрибан 250 километр аз шаҳри Санк-Петербург дуртар ҷойгир буд. Дар он ҷо ҳам дар вагоне як рӯзу ду рӯз не, моҳе дар интизории пайғоми сар шудани кор хоб рафт муаллим. Рӯзе оварданд, ки ба сабаби омадани хунукӣ кор дар ин иншоот муваққатан боздошта шудааст.

Ҳаким-ро додарарӯсаш омаду ба шаҳр бурд.

-Кор пайдо нашуд, ки нашуд,- андуҳомез гуфт муаллим.

- Ахмақ шудем, ки ба Россия омадем.

-Худатон бо чашмонатон дидед, ки сезони кор ҳоло сар нашудааст. Ҳамин ки сезон сар шуд, шумо як сония дар ин хона намемонед.

-Кай охир?-барошуфт муаллим, безор шудем-ку!

-Тоқат, сабр, язна. Шумо доим панд медодед, ки бузургон бо пушти сар кардани азобу



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

мушкилиҳо ва сабру таҳаммули зиёд ба қуллаи шаъну шухрат расидаанд.

-Дурусту.. лекин бо ин хел маймунбозӣ не-да.

Ва ӯ субҳе аз хоб бархесту аз тиреза дид, ки дар берун барф борида истодааст. Аз шаб оғоз шудааст бориши барф, ки қабати ғафси он заминро пӯшондааст.

Муаллим дар ин савдо нафаҳмида монд, ки баҳор рафту тирамоҳ ва инак, зимистон фаро расида.

-Чӣ кор кунем?-пурсид аз додарарӯс. - Сизони кори мегуфтагият кай сар мешавад?

-Эҳ язна, -хандид додарарӯс - сизони имсола ҳамин хел гузашт, ки хабар нашудӣ. Акнун рӯйи баҳору гармиҳоро нигоҳ мекунӣ. Моҳи март, Худо хоҳад, сизони кор сар мешавад.

Ҳоло муаллим аз хобу хӯр монда, сарро таҳи кӯрпа кашида, намедонад, чӣ тадбир андешад. Дар гӯшаш суханони додарарӯсаш ҷарангос мезанад:

-Ҳоло сизони кор сар нашудааст.

Воқеан, мавсими кору маблағе ба даст овардан дар Россия кай фаро мерасида бошад?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

## «АЗИЗАМ, МАРАНҶ!»
## (Нақиза ба як ҳикоя)

Азизи дилу дидаам, Гулнозҷон! Ман ба шумо аз рӯзи аввали ба коргоҳ ба сифати котиба ба кор оғоз намуданатон бо як дил чӣ ки бо сад дилу ҷон ошиқ шудам. Аммо намедонам, барои чӣ аз мани дар роҳи ишқ собиту устувор ва иродатманду яққавлу якрӯ якуякбора дилмонда шуда, ҳатто саломамро алек намегиред. Нағз не, ҷони ширин, нағз не! Ман аз аҳду қавлам ҳеҷ гоҳ намегардам, агар дар таҳи дор бошам ҳам, номи шумои азиз дар лаб ҷон месупорам. Ҷон медиҳам, тамом-вассалом. Вале чанд рӯзи охир ба ҷоми айшу нишот ва хушҳолиям заҳри ҳалоҳил рехтаед. Рӯ ба рӯ оем, шумо рӯятонро дигар тараф мегардонед.

Ҷони ширин, маҳбуби дилам, ахтари тобноки осмони ишқам, рангинкамони назаррабои ман, хуршеди босахою равшанбахшам, чӣ шуд, ки аз ман хафа шудеду рӯй тобидед? На, на, ман тағйир наёфтаам, ҳамонам, ки ҳастам. Маҷнуни сарсупурдаи шумо! Фарҳоди кӯҳкан, Вомиқи ҷонфидо, Хизрхонам ман. Охир, шумо дар зери маҷнунбед, даст бар гесӯвони ин дарахти зебою чун арӯс шармгин бурдаву ба пешниҳоди ман розигӣ додед, ки омодаед, ҳамсари дувуми ман шавед. Оре, оре, шумо даст ба гесӯвони маҷнунбед мебурдеду ман даст бар гесӯвони шумо.

Бӯйи атру мушку анбари гесӯҳоятон маро сармасту шайдо мекард. Зебосанами ҳиндусурати ман! Дишаб то субҳ хоб накарда, асрору рамзи дилмондагиятонро пеши худ таҳлил кардам. Ва тамоми рухдодҳои рӯзҳои охирро аз парвезани хаёл гузаронида, оқибат



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

сабаби сард гардидани муносибататонро дақиқан дарёфтам. Ҳатто аз ҷой парида, дод задам: «Эврика, эврика». Ҳамсарам тарсидаву ларзида аз хоб бедор шуда, норозиёна сӯям нигоҳи таҳдор афканд:

- Чият шуд? Сиёҳӣ пахшат кард, чӣ бало? Худо бигӯ, азизу авлиёҳоро ёд кун. Эҳ…

Ва рӯяшро дигар ҷониб гардонида, ба хоб рафт.

Ҳо, ҳо, сабаби хафагиятон, ҷони ширин, бароям рӯзи равшан барин маълум шуд. «Ҳай бекаллае, ҳай беақле, ҳай содаи гуле!» - худро сазо додам ман. Ана, ришта дар куҷо гиреҳ хӯрда будааст! Сешанбеи ҳафтаи дуюми моҳи май ҳама якдилу яктан чун одат ба кор банд будем. Нависонавис, таҳрири номаҳо, охир, шумораи навбатиро бояд мебаровардем.

Ногоҳ… садои шараққосу тараққос баланд гардид. Гурум-гурум, болою поён давидани ҳамкорону кормандони идораҳои ҳамсоя сар шуд.

Ҳа, хотиррасон бояд кунам, ки муассисаи мо дар ошёнаи сеюми бинои аз давраи Шӯравӣ бозмонда, ки хеле куҳнаву фарсуда ва садамавӣ аст, ҷойгир аст.

Воқеаи маълум: заминларза.

Ана, дар ҳамин ҳолат ман (охир, ҷон ширин аст, медонед- ку!) аз ҳама пеш хез зада, аз поғундаҳо поён шудам. Замин сахт меҷунбид. Дил дар қафаси синаам гуп-гуп мезад, парвои шумо ҳам надоштам. Ниҳоят, ба саҳни ҳавлӣ баромада, оҳи сабук кашидам.

Фавҷи одамон дар саҳн мушаввашхотиру рамида, аз чӣ бошад, ба осмони каб-кабуд менигаристанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Дар байни одамон шуморо надидаму яке ба ёдам расидед. Азизи ман, шумо баъди лаҳзаҳое тӯлонӣ аз дари бино берун омадед ва каноре рафта, бо табъи гирифта рост истодед. Ман кебида-кебида ба шумо наздик шуда:

- Азизам, ҷонаки ширинам, шумо магар сахт тарсидед? – пурсидам.

Шумо ҳарфе дар посухам ба забон наовардеду ғазаболуд аз ман дур шудед.

Ман аз нигоҳи чашмонатон ин маъниро хондам:

“Ҷонатон ин қадар ширин будааст, ки маро ҳатто ба ёд наовардед. Э, садқаи мардию фидокорӣ шавед.”

Аммо ман аз ин ҳама ҳеҷ парвое надорам. Ба шумо амр медиҳам, ки аз ман ҳаққи ранҷидан надоред.

*Ба шумо ҳеҷ кас ҳаққу ҳуқуқи хафа шуданро надодааст.*

*Ман шуморо аз дилу ҷон дӯст медорам.*

*Зани дуюми ман мешавед, тамом - вассалом!*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

# МОҶАРОИ ТАСМА

- Аз тамоми ҳодисаву рухдодҳое, ки ба сари банда омадааст, шояд инаш аҷибтарину шавқовартарин (албатта, барои шунавандаю хонанда!) ва дар зимн, нисбат ба худам тавонкоҳтарину пуразобтарин ба шумор равад,- лаб ба гуфтор кушод собиқ омӯзгори дабистони русто Муҳаммадлатифи Муҳаммадшариф ва афзуд:

-Аммо дар чанд ҷое, ки ин «моҷаро»-ро бо тамоми ҷузъиёту лаҳзаҳояш нақл кардам, сомеъон хандиданду хандиданд, то он андоза, ки шикамҳоро доштанду аз чашмонашон ашк беист ҷорӣ шуду ҷорӣ. Ман ҳикояти он лаҳзаҳои ба маргу ҷон кандан баробарамро бо тааннию муфассал, бе ҳеҷ обуранги бадеию аз қавле, «пардозу сифатчинӣ» нақл мекардаму ҳозирин, лабонашон дар тасарруфи ханда: «Э, зинда бошӣ, бо ин дурӯғбофиҳояте, ростӣ, дар обу тоб додани сухан устухон надорӣ, - мегуфтанду механдиданд ҳамон. Ростӣ, дар ин қиссаи булаҷаб, ки дар тасаввур намеғунҷад, ҳеҷ ҷойи суханбофию корбурд аз тахайюли бадеӣ вуҷуд надорад.

Аммо ҳар гоҳ ки маҷбурам мекунанд, ҳамин воқеаро нақл кунам (дар зимн, хотиррасон бояд кард, ки дар деҳа аз ноқилону сухангӯёни мумтозу соҳиблаё-қат маҳсуб меёбам!) дигарон тадриҷан ба хандидан майл мекунанду худам ҳар як лаҳзаи «ҷонситон» -и он рухдодро пеши назар оварда, на танҳо намехандам, балки забонам чу моҳичаи аз об берун афтида хушк ва нафаскашиям душвор мегардад. Вале мешавад, ки дар байни нақл ва бо ишораю ҳаракат ба намоиш гузоштани он азобҳои тӯлонӣ (воқеан, ба назару пиндорам он қадар тӯлонӣ буд, ки ту гӯӣ соле идома ёфту



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

ҷонамро ба ҳалқам овард!) ба суолу ҷойҳои нофаҳми сомеъон посух нагӯӣ? Хуб, асли гап чӣ будаву дар меҳвари ривояти мо чӣ ҳодисаи хандадору музҳиқ қарор дошта?

Он тирамоҳони соли 2000-ум, баъд аз якуним соли муҳоҷират – мардикорӣ, аз Русия ҳамроҳи бародарам баргаштам. Эҳ, шодию хушҳолиямро интиҳое набуд!

Ончунон сарафрохтаю волоназар будам, ки сарро аз пову заминро аз само ҳеҷ фарқ намекардам. Ба қадри ҳолу тавонам маблаҒе ҳам кор карда оварда будам, ки аз ин хотир ба саломи ину он ҳамдеҳаам базӯр алейк мегирифтам. Боз ин ки воқеаю мушоҳидаҳои бешумореро, дар зеҳн, дурусттару саҳеҳтараш калла, ин «гумбази ақлу хирад» ҷамъ намудаю барои нақл кардан ба мардуми деҳ армуғон оварда будам.

Хуб, ба сари матлаб баргардем, даҳонам гарм шуда, риштаи суханро ба дигар тараф кашола карда бурдаму худ бехабар.

Сари субҳи шанбеи ҳафтаи дувуми моҳи октябр ҳамроҳи бародарам ба қароре омадем, ки мошин ё автобусе киро карда, ба шаҳр, ба бозори «Шоҳмансур», маъруф ба «Зелёний» меравем. Чаро маҳз бозори «Шоҳмансур»?

Зеро бо хомчӯту ҳисобу рақамзанияҳоямон моро хариди бузурге дар пеш интизор буд: на кам аз 15-20 халта орди навъи аъло (ё якум), чанд зарфи калони равған, 60-70 кило биринҷи хушсифат, макарон (чанд халта), мошу нахӯду лубиё, наску марҷонак, 5-6 - халтаӣ пиёзу картошка, сабзӣ, тарбузу харбуза, помидору бодиринг ва … ба ин монанд гуна-гуна меваҷоту хӯрданиҳои лазизу қанду набот. Ҳа, аз ёдам набарояд, ҳамчунин, хариди собуну хокаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

ҷомашӯйӣ, маводи косаю табақшӯйӣ, даҳ-понздаҳ сатилу кафлес, дегҳои кучаку бузург, асбоби ҷомашӯйӣ, яхдон ва ҳатман телевизори васеъэкрани «Самсунг» ё «Шваки». Ҳа, ҳа, инчунин, гилему қолин, палосу малос ва… қисса кӯтоҳ, дигар ашёву коло дар рӯйхате, ки шаб омода намуда будам, сабт гардида буд. Чӣ мегӯед? Тӯй доштам магар?! Не-не, ҳамаи ин харид маънои омодагӣ ба зимистон ва рафъ намудани камию костиҳои рӯзгорро дошт. Пулҳоро бо диққат, ҳисоб кардаму баъд ба рӯймолча бастаму таҳи сар монда хобидам…

Субҳ бо автобуси он айём маъруфи «Пазик»-и Абдувоҷиб, додарарӯси бародарам сӯйи шаҳр, дақиқтараш, бозори «Шоҳмансур» роҳ гирифтем. Ҳаво софу офтобӣ, гарму нарм, руҳу ҷон ҳаловат мекунад. Дил ба шодӣ омадаву аз нишоти афзун хун дар рагҳо меҷӯшид. Ба бозор наздик шудему Абдувоҷиб, ки пухтаву таҷрибаманд, аз қавле «гурги борондида» буд, автобусро дар паси иморати сеошёнае, ки замоне омӯзгорони кишвар дар ин ҷо аз такмили ихтисос мегузаштанд, дар майдони фарохе, ки автобусҳои зиёде қатор-қатор меистоданд, гузошт.

-Автобус ҳамин ҷо меистад, -фаҳмонд вай, молу коло ва анвои ғизоии харидаатонро бо ароба оварда, дар он ҷой мекунем ва афзуд:

-Лекин аввал дар ошхонае ягон пиёла чой менӯшем, хайр, таҳтӯл мекунем, баъд ба харид шуруъ. Чӣ гуфтед?

-Мо розӣ,-тасдиқ кардем баробар пешниҳоди Аблувоҷибро.-Бо шиками гурусна харид кардану дар бозор ин тарафу он тараф гаштан ҳеҷ маънӣ надорад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ба ошхонае, ки дар қисмати поёни бозор ҷой гирифта буд, ворид гардидем. Ҳа, ба хотирам расид, ки Абдувоҷиб тақрибан ним кило ангури ҷавзи Роҳатӣ харида буд.

-Бо нони гарми бозорӣ хӯрдани ангури ҷавзи Роҳатӣ аҷаб лаззату кайфияте дорад, - даҳон мазза дод Абувоҷиб ва чою ширинию қаймоқ, ҳасибу тухм фармуд ба пешхидмат.

Чойю ширинӣ (қанду набот як сӯ, асал ҳам буд дар лаълӣ), қаймоқу ҳасибу тухм пайи ҳам аз гулу поён рафтан гирифт. Иштиҳо дар авҷ. Нони гармаку нарми дастсӯзи бозорӣ зуд-зуд пора шуда, ҷойи «даркорӣ» - яшро мегирифт. Баъди холӣ шудани лаъличаю тақсимиҳо ба хӯрдани ангури ҷавзи машҳури Роҳатӣ шуруъ кардем. Дар омади гап, бояд тавзеҳ дод, ки ангури ҷавзи Роҳатӣ на танҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ, ҳатто дар ҷаҳон аз навъҳои нодир ба шумор рафта, олимон исбот кардаанд, ки дар таркиби он маводи табиие мавҷуд аст, ки дар ҳеҷ мавзею макони рӯйи замин дида намешавад. Ҳароина, чунин хушобу аз ҳад ширину болаззат будани ангури ҷавзи Роҳатӣ ба маҳалле вобаста аст, ки дар қисмати болоии деҳаи зикршуда ҷой гирифтааст. Ангури ҷавзро на ҳар шахс истеъмол карда метавонад. Ба одамоне, ки фишорашон баланд аст, билкул нӯши ҷон кардани ин навъи ангур мамнуст. Охир, ба онҳое, ки сиҳат-саломатанду ба гуфте, «чор шикелашон бутун ва бо як ҳамла думи хукро мекананд», хӯрдани ангури ҷавзи Роҳатӣ душворӣ пеш меорад. Мазмун, чашми кас сиёҳ зада, дил беҳузур мешавад. Арақат пахш мекунад, ҳарорати баданат баланд мешавад. Оре, оре, на ҳар кас тавони бардошти ҳазми ин ангурро дорад! Шумо шояд суол диҳед, ки ба чӣ ваҷҳ ман монанди



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

муҳаққиқон дар хусуси ангури ҷавзи Роҳатӣ таҳлили муфассал анҷом додаву маълумоти сареҳи илмӣ пешниҳод мекунам? Ҳа-да, ҷавҳару мағзи рухдоди мазкур маҳз ба ҳамин ангури ҷавз вобаста аст. Зеро баъди истеъмоли ангури таърифӣ, ки бо анвои ширинӣ, ҳасибу тухму қаймоқ ва маска омехта шуда буд, аллакай ҳангоми дар бозор ба харид шуруъ кардан андак-андак вазъам ноҷӯр шуда, сарам чарх задаву пеши чашмонам пулакчаҳои ранга ба пайдо омада, оҳиста-оҳиста дилам беҳузуру баданам тасфидан гирифт.

Аммо худро мард гирифтаву дар дил тасалло медодам, ки «сабур бош, Муҳаммадлатиф, ҳамааш мегузарад. Одам-да, гоҳо табъи кас хираю хотираш ошуфта мешавад. Иллаташ мизоҷ. «Иродаатро мустаҳкам гиру дил қавӣ дор…»

Бо азоби алим, гоҳ арақ кардаю гаҳе нафасам гиреҳ зада, ҳаракати хун дар рагҳо суст шуда, базӯр-базӯр гом ниҳода, гирифтаабрую парешонавзо бо мадади бародарам ва Абдувоҷиб харид карда шудему молу колоро ба ду аробаи бузург бор карда, ҷониби автобус, ки аз бозор тақрибан 200-300 метр фосиларо дар бар мегирифт, равон шудем. Аз думболи аробаю аробакашҳо қадам мезадему ҳолам вазнин мешуд. Кунун «ба болои сӯхта намакоб», ба замми сардарду ҳарорати баланди бадан, дилбеҳузурӣ ва сиёҳ задани чашмон, дарди шикам аз худ дарак дода, дар пиндорам рӯдаҳоям ба ҳамдигар печида, гӯё дасте меъдаамро сахт-сахт мефишурду сар медод, мефишурду сар медод, чунонки тубчаи резинии санҷиши фишори хуни касеро зер карда, баъд раҳо кунанд. Даст ба ноҳияи нофам бурда, мехостам дардро фаромӯш кунам. Аммо на,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

печиши рӯдаҳою дарди шикам шиддат меёфт, замину осмон дар нигоҳам давр мезад. Дар канори роҳи мошингард, лаби ҷӯйи сементӣ сари ду по нишаста, нафас рост карданӣ шудам. Лаҳзае бародараму Абдувоҷиб аз роҳашон монда, ба қафо мутаваҷҷеҳи ман шуданд.

-Шумо рафтан гиред,-фаҳмондам ба онҳо, - ҳеҷ гапе нест, ишкам камтар ба дард даромадааст, мегузарад. Ман расида меоям.

Онҳо ба роҳашон идома доданду дард бо чанголҳои бераҳмонааш шикамамро тагурӯ кардаву ҷонамро ба ҳалқам овардан гирифт. Сӯзиши рӯдаҳову меъда тоқатфарсо гардида, ба он андоза вазнин мешуд, ки қоматро рост карда натавониста, ҳайрону лол ва оҷизу нотавон чӣ кор карданамро намедонистам.

«Боз ин чӣ бало буд, ки ба сарам омад? – аз дил гузарондам. - Баднафсӣ карда, ширинию шарбат, қаймоқу маска, тухму ҳасиб, асал ва ангури ҷавзро ба ҳам омехта, ба таҳи бинӣ задем. Ана, оқибаташ…»

Ҳарчанд саъйю азм кардам, неру аз пойю дастонам рафта, хаставу афсурда чанд қадам бардоштаму дафъатан сари по нишастам. Баъд аз сипарӣ гардидани лаҳзаҳое, ки осмону замин ва ҷумла мавҷудот дар нигоҳам дилгиркунандаю тазъйиқовар менамуданд, бо мадади бародарам, ки баргаштаву вазъам нигаронаш карда буд, аз ҷо бархоста, вазнин-вазнин ҷониби автобус роҳ пеш гирифтем. Рӯдаҳоончунон ба дард даромада буданд, ки қулдур-қулдурашон баланд – баланд ба гӯш мерасид. Илоҷи раҳоӣ маълум: ман бояд ба халоҷо мешитобидаму худро аз ин бори воқеан, ноҳинҷор халос мекардам. Бародараму додарарӯ-сам Абдувоҷиб «ту ба ҳоҷатхона рафта биё, мо як-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

ду колои дигари рӯзгору латта-путти занона харида зуд бармегардем»,-гуфта маро тасалло дода, бо ҳам суҳбаткунон гом бардошта, сӯйи бозор шитобиданд. Ман аз марде, ки ба ниҳолакону гулу гулбуттаҳо об мемонд ва ба гумони ғолиб, боғбони биное, ки омӯзгорон дар он аз такмили ихтиос мегузаштанд, ба ҳисоб мерафт, маҳалли воқеъ гардидани ҳоҷатхонаро пурсон шуда, ба кунҷи дуртари ин ҳавлии фароҳдоман, ки халоҷо ҷойгир шуда буд, шитобидам. Дарди ҷонситону сангин гоҳо ба дараҷае авҷ мегирифт, ки тамоми рагу паямро як карда, имкон намедодам, ки рӯдаҳо суст шуда, якбора… ҳамаро расво кунаму шарманда шавам. Лаб таҳи дандон ва зери обу араќи фаровон монда, ҳаш-ҳашкунон, дабба-дабба қадам зада, то халоҷо расидам. Расидаму…

-Уҳӯ, уҳӯ,-дар ин лаҳза месулфад муаллими Муҳаммадлатифи Муҳаммадшариф ва ин тарафу он тараф сар меҷунбонад. Ва меафзояд:

-Ҷойи аҷиби воқеа акнун сар мешавад. Эҳ, хоҳ бовар кунед, хоҳ не, аз зӯрии дарди шикам пойҳоям, аз қавле, «об фароварданд», Ана, ҳоло ҳамон азобҳои дандонишканро ба ёд меораму ҳеҷ боварам намеояд, ки ҳамин хел ҳодиса бо ман рӯй дода бошад. Худе, ки хоб дида бошам, ё рӯъё буд…

Ху-уб, ба ҳоҷатхона даромада, хостам тасмаро кушояму ҳар чи зудтар… бишинаму ҷонам биосояд.

Аммо… тавре ки гузаштагонамон фармуда-анд, «агар бахт аз одам рӯй гардонад, шикаст андар шикаст ояд, ё камбағала дар болои асп саг газидааст». Боз намедонам…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Тасма кушода намешуд, аниқтараш, сагаки оҳанин (шояд тунукагин)-и аз ғилофаки тарафи муқобили камарбанд, ки низ оҳанин буд, намебаромад. Ин ҷо як каме дар бораи ҳамин тасмаи сабилмонда маълумоти амиқу дақиқтар доданам лозим меояд. Чаро? Зеро маъмулан мо ба камарбандҳои муқаррарӣ, ки оҳанаки дароз ба даруни сӯрохакҳои муқобили он медаромад ва гоҳи кушодан он оҳанаки дарози ба гӯгирдчӯб монандро аз сӯрохакҳо мебаровардем, одат карда будем. Вале «болои сӯхта намакоб», ҳангоме ки аз Русия баргаштам, дар фурӯшгоҳҳои шаҳру ноҳияамон танҳо бо тасмаҳои нав, ки зикрашон болотар рафт, вохӯрдам ва маҷбур шудам, аз ин навъи камарбанд бихарам. Ҳа, ҳа, тасма кушода намешуд, ҳарчанд тамоми нерую тавонамро истифода карда, хостам сагаки оҳанинро аз оҳанаки ҷониби муқобили тасма барорам, намешуд, ки намешуд. Сагаки оҳанин ончунон ба дохили оҳани муқобил даромада буд, ки бо ҳеҷ роҳу шева онро кушода намешуд, ки намешуд. Дард акнун афзунтару афзунтар гардида, ба рӯдаҳо бераҳмона чангол мезад. Давру бари нофамро сӯзиши тасаввурнопазире фаро гирифт. Сарам низ тадриҷан ба дард даромада, ҳарорати баданам баланд шудан гирифт. Оре, беҳуда нагуфта будаанд, ки:

**Чу узве ба дард оварад рӯзгор,**
**Дигар узвҳоро намонад қарор.**

Не, кӯшишҳоям барабасу беҳуда буданду вақт талофӣ мешуд. Шикамамро дошта, шабеҳи мубталоёни бемории домана оҳиста-оҳиста аз мабраз берун баромадам. Аҷиб он буд, ки дарди шикам боло мегирифту боло ва лаҳзаҳои охирини… чӣ гӯям, аз ин балою шармандагӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

халос шудан фаро мерасид. Чӣ кор карданамро надониста, аз ин канори ҳавлӣ ба он канораш, ба назди автобус омадам. Аз бародараму додарарӯсам ҳанӯз дарак набуд. Ба автобус, боз ҳам лаб зери дандон, базӯр по монда, чашмонамро пӯшида, оҳувоҳкунон ворид шудам. Тоҷиддин, ки дар синну сол 5-6 сол аз ман хурдтар буду ҳамроҳи бародарбузургаш Шарофи агроном бо мо дар бозор ҳамроҳ шуда, «нуран ало нур шуд», Худо росту дуруст овард, ки бо шумо вохӯрдем, барои гузарондани маъракаи оши чили кампири модар харид кардан лозим»,-гӯён бо хариди меваю сабзавот, тарбузу харбуз, бодирингу помидор, гашнизу пиёзу шибит, анвои гуногуни беҳисоби меваҷот ва орду равғану биринҷу аз ин табор маводу колои ғизоӣ салони автобусро пур карда буданд, вазъи тоқатфарсои маро дида:

-Ҳа маълим, чӣ воқеа? Тинҷист ё…-гӯён сабаб пурсид.

-Ҳолам бад, ногуфтанӣ,-базӯр лаб во карда пичиррос задам.-Шикамам ба дард даромадааст. Лекин гап сари он ки…

Тоҷиддин китф дар ҳам кашид:

-Ба ҳоҷатхона нарафтед?

-Медонӣ, ошно гап сари он ки тасма кушода намешавад. Ку, ту як бин, шояд ҳилаи кушодани онро медонӣ. Ин лаънатӣ аз тасмаҳои мӯди нав аст. Барои ҳамин…

-Кани, биё, як бубинем, -гуфт Тоҷиддин ва ба камарбанди шимам чашм дӯхт. Вай хост сагаки оҳанинро бикашаду аз оҳанаки муқобил озод кунад, вале ҳарчанд ҷаҳду талош кард, мурode ҳосил нашуд. Баръакс, бо ин тарафу он тараф кашидани тасма сӯзиши шикамам, ки пуфаквор



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

дамида буд, шадидтар гардида, ҷонам ба ҳалқам омад.

-Бас, бас, кифоя,-базӯр овоз баровардам ва бар нишастгоҳе худро ҳаво додам.

-Ин тасма аз тасмаҳои муқаррарӣ набудааст, -дар илоҷи кор тадбир наёфта ғурунгид Тоҷиддин. – Ҳеҷ кушода намешавад. Сагакҳо ба ҳам сахт часпидаанд. Ман ҳам ҳайрон.

Ва Тоҷиддин гӯё роҳи раҳоӣ аз ин «муаммо»-ро баногаҳ дарёфта бошад:

- Ҳо, ана, автобусҳоро дидӣ, -ба дасташ ба девори баланди рӯ ба рӯ, ки дар шафати он ду-се автобус ва дар атрофаш одамони зиёде ҷамъ омада буданд, ишора кард:

-Онҳо, савдогарон аз роҳи дуранд. Аз бозори «Зелёний» молу коло харида, бурда дар ноҳияи худ мефурӯшанд. Назди онҳо рафта, аз ягон ҷавонтараш мадад пурс. Шояд бахтат омад мекунаду тасмаатро кушода, ҷонатро аз ин бало мераҳонад.

Ман аз рӯйи таъбири «дар ноумедиҳо басе умед аст, поёни шаби сиёҳ сафед аст» амал карда, дардро фурӯ нишонда, бо азобҳои алим аз автобуси Абдувоҷиб поён шудам ва беморгуна ҷониби савдогарони кӯҳистонӣ раҳсипор шудам. Вазъамро ба чанде аз ҷавонтаринашон шарҳ ва тасмаамро ба онҳо нишон додам. Онҳо низ дар илоҷи боз намудани камарбанд нотавон монданд.

-Инхелашро бори аввал мебинем, -гуфт яке аз онҳо ва ба шимаш, ки бо рӯймоли албонӣ баста шуда буд, даст бурд:

-Мо тасма-пасмаро истифода намекунем. Беҳтарин восита рӯймол аст, ки даври миён мебандию роҳат мекунӣ. Бастану кушоданаш беташвиш аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ҳарфе нагуфта, «куҷо донанд ҳоли мо сабуксорони соҳилҳо», гӯён дар байни ҳавлӣ музтару ҳайрону даҳонво ва оҷизу бечора ба чор тараф менигаристам. Оре, ҳоли зору нобасомони хешро танҳо худам медонистаму Худои болои сар. Дар ҳамин ҳол фикре ба мағзам хутур ва кулбаи қалбамро равшан намуд.

«Ягон кордча ёфта, нӯги тасмаро буридан даркор. Дигар роҳ нест, хайр, як тасма будааст, садқаи сар».

Аз Тоҷиддин кордча пурсидам, надоштааст. Боз ба назди савдогарони кӯҳистонӣ рафта, аз онҳо кордча пурсидам.

Воқеан ҳам, бахт аз ман рӯй гардонда будааст, ки ҳеҷ яке аз онҳо низ бо худ кордча надоштаанд. Дард афгору сарафкандаам карда, аз шиддати печутоби рӯдаҳо ба девори баланд такя карда, бо тамоми неру имкон намедодам, ки рӯдаҳо суст шуда… шимамро расво накунаму шарманда нашавам.

Ниҳоят, «ба мақсад мерасад ҷӯёи ком оҳиста-оҳиста», гӯён роҳ гирифтам ба сӯйи бозор. Охир, аз бародараму додарарӯсаш дараке набуд, ки набуд. Куҷо шуданд онҳо? Шояд илоҷи раҳоӣ аз ин «фоҷиа»-и ба сарам омадаро онҳо меёфтанд? Чанд қадам зада будам, ки аз пеш Шарофи агроном, бародарбузурги Тоҷиддин баромада, ҳоло ман ҳарфе ба забон наоварда, вай, ки аз думболаш аробаи пурборро аробакаши миёнасоле кашола карда меовард, бо тааҷҷуби ошкоро:

-Ҳа, муаллим, -гуфт, - тинҷист? Ранги рӯят мисли дока сап-сафед кандагӣ метобад. Офтоб задагӣ барин, ё ягон касали…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

-Медонед, акаи Шароф,-арзи ҳол кардам ман, - шикамам тақрибан ним соат шуд, ки сахт ба дард даромадааст. Ҳоҷатхона рафтам, лекин…

-Чӣ «лекин?»

-Тасма кушода намешавад. Ин аз тасмаҳои навбаромад аст.

-Медонам, медонам, -бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд Шароф-агроном.-Ба ман гӯед, ки чӣ кор кунам?

-Ҳеҷ чиз, фақат ман пурсиданӣ, ки кордча доред?

-Кордча?

-Ҳа, кордча.

-Не, мутаассифона, кордча надорам. Лекин ман фаҳмидан мехостам, ки кордчаро чӣ кор мекунед?

-Бо кордча сари камарбандро бурида, аз ин «бало» халос мешавам,-фаҳмондам ба ӯ.

-Наход, як тасмаи навро бурида, ҳайф кунед-а, -таассуфу дареғ хурд Шароф ва сӯйи автобус гом бардошт, аробаи пурбор аз қафояш.

Ҳамин дам аз он канори роҳи рӯ ба рӯи Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорон бародарам Шоҳин намоён шуд, ки ду халтаи калон – калони селофании пурбор дар даст шитобзада қадам мезад.

«Хайрият,-зери лаб пичиррос задам ман, Шоҳин омад, вай пухта аст, роҳи «наҷот»-и маро аз ин «вартаи махуф» меёбад. Ба ин ҳеҷ шакку шубҳа нест. Ҳангоме ки Шоҳин ба ман наздик шуд, хостам давида-давида як халтаи пурборро аз дасташ гирифта, ёрияш расонам, аммо… беихтиёр пеши чашмонам сиёҳ зада, дасту пойҳоям батамом суст шуда, аз ноилоҷӣ рӯи роҳ сари зону



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

амонат нишастам. Шоҳин зуд халтаҳои пур аз латтаю матоъҳояшро аз даст гузошта, пурсид:

-Чӣ воқеа, ака? Мазаат нест? Ба бӯйи заказои занак дертар кардам. Нағз нашуд.

Овозам гирифта, базӯр-базӯр калимаҳоро ба забон оварда, ҳодисаро бо тамоми ҷузъиёташ нақл кардам. Вай бо таассуф сару даст афшонда.

-Хез, як зӯри дигар зан,-гуфт, - то назди автобус расем, як бало карда, аз ин тасмаю аз ин «рӯзи сиёҳ» халосат мекунем.

-Ҳо, ҳо, мард бош, ака, мард.

Билохира, то назди автобус расидему ман аз шиддати дард баданамро ба автобус ҷафс карда, то ки шимамро расвою бадбӯ накунам, бо ҳазорон азоб, арақ аз сару рӯям рез-резон, сархам, ба умеду муттакоям - бародарам Шоҳин менигаристам. Вай борҳояшро дар автобус ҷо ба ҷо карда, наздам омад.

-Аҷоиботи оламро бин, дар як шаҳри калон як кордча наёбӣ – а, - тааҷҷубашро пинҳон надошта, баланд овоз баровард вай ва аз тасмаам дошт.

Ҳарчанд зӯри бозуяшро истифода кард, сагаки оҳан кушода нашуд. Азбаски Шоҳин паҳлавону фарохшона ва тахтапушташ, аз қавле, заминро надида буд, аз нӯги тасма дошта, бо тамоми неруяш зӯр заду кашид, зӯр заду кашид…

Дар ин зӯр задану кашиданҳо баногоҳ тасма канда шуду ман чанд қадам онсӯтар ба пушт рӯи замин афтидам.

Як нӯги тасма дар дасти бародарам Шоҳин, нӯги дигараш дар дасти ман, бархоста, нафаси сабук кашида, ҷониби ҳоҷатхона давидам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

## ҲАЗЛ

Дар корхонаи мо, ки коргаронаш ба чопи китобҳои гуногун машғуланд, тарроҳ Ризои хурдҷуссаи доимо серҳаракат, ки тақрибан 30-сола мебошад, бо ҳазлу зарофат ва нақлҳои муболиғаомезу пуробурангаш маъруф гардидааст. Аҷобати кор дар он аст, ки мо ба суханони шӯхиомез ва ҳикоятҳои бофтаю сохтаи вай, азбаски бо ҷиддият ва эътимоди амиқ нақл мекунад, нохудогоҳ бовар мекунем. Бовар мекунему баъд аз гузашти чанд муддат аз воқеият дур будани он ҳама маълумамон мегардаду «э намурӣ, Ризо, ба ҳамин дурӯғҳоят»-гӯён» ӯро сабук мазаммату мекунему худро тасалло медиҳем. Ҳарчанд ӯ нақлҳои аз воқеият дурро рӯзҳои дигар ҳам идома медиҳад, чӣ сирру маҳорати хосаи қиссагӯйӣ дорад, ки мо боз ба «домаш» меафтем, боз фиребашро мехӯрем. Ана, баъд вай шакарханде дар лаб изҳор медорад, ки шӯхие кардааст, то моро бихандонаду хастагиямонро рафъ бисозад. Ин пагоҳӣ низ табъи Ризо болидаву чеҳрааш шукуфон ва лабонаш пуртабассум буд. Гоҳ паси миз нишаста, дар компютер кор мекарду гоҳе беқаророна аз ҷо бархеста, каф ба каф мезад ва хушҳолона садо медод:

-Ана, оқибат мурғи бахт ба сари мо ҳам менишастааст. Ҳа, охир, мо аз кӣ камӣ дорем?

Ва меафзуд;

-Худо, ки дод, намегӯяд, бачаи кӣ ҳастӣ!

-Ҳа, ҳа!

Мо, ҳамкорон, аз ин тағйироти ногаҳонӣ, ки дар рафтору кирдори Ризо, ки пайваста машғули



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

ҷо ба ҷо намудани матолиби ину он китоб ва суратҳо, вақти сархорӣ намеёфт, ба амол омада буд, ҳайрону шигифтзада ба маънии он ки «ба ӯ чӣ воқеа рӯй дода бошад?» як-як, ду-ду дар дафтари кориаш ҷамъ омада, сабаби хушҳолию «заминро аз осмон фарқ накарданаш»-ро пурсон шудем.

-Ман чанде пеш ба шумо гуфта будам, ки як орзу дорам,-ба берун чашм дӯхта, сухан оғоз кард вай. - Он ҳам харидани автомашинаи сабукрави тамғаи нав буд. Оқибат орзуям ҷомаи амал пӯшид.

Ин пайки хушро расонда, Ризо аз чӣ бошад, аз паси тирезаи ошёнаи сеюм (идораи мо дар ҳамин ошёна ҷойгир аст) ба берун асроромез дида дӯхта, табассум аз лабонаш канда намешуд.

-Мошин харидам гӯй,- ба хурсандияш шарик шудем мо ва кунҷковона пурсон шудем:

-Агар махфӣ набошад, кадом навъашро харидӣ?

-Беҳтаринашро,- саҳл ҷиддинамо посух дод Ризо,-Тойота-кемри, рангаш сиёҳ.

-Наздиктар биёед, ба шумо нишон медиҳам.

Вай аз берун, аз саҳни корхона чашм намеканд.

Мо ба ӯ наздик шуда, гӯё саҳни фарохи назди корхонаи боазамати китоббарориро бори аввал медида бошем, ба берун нигаристем.

-Ку, нишон бидеҳ, мошинат дар куҷост? Ҳай лоф задӣ-да!

Ризо ба дасташ ба канори рости саҳни корхона, ки якчанд мошин паҳлуи ҳам ҷой гирифта буд, ишора кард:

-Ҳо, ана мошини байнангиро дидед?

-Кадомашро мегӯӣ?-ҳайрон шудем мо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

-Мошини сеюм, худаш маълум-ку!

«Тойота-кемриҷон»-и ман. Бубинед, аз дур чӣ тавр ялаққос мезанад. Ҳамин хел не? Э, балоша гирам!

Мо бо диққат ба қатори мошинҳо нигариста, воқеан, «Тойота-кемри»-и сиёҳранги ялаққосиеро дида, аз ҳайрат даҳонамон воз монд.

-Ин бача шӯхӣ надорад, -лаб ба таҳсин кушодем, ростӣ, соҳиби «Тойота-кемри» шудааст.

Бо вуҷуди ин, банди ҳайрату тааҷҷуб ва нобоварӣ ба ҳамдигар менигаристем.

Охир, бо як маош вай, Ризо, чӣ тавр тавонистааст, ки чунин автомашинаи гаронбаҳо бихарад? Э не-е, ҳеҷ имкон надорад. Боз кӣ медонад?

-Нархи «Тойота-кемриҷонат» чанд пул будааст?- таҳқовӣ кардем мо.

-Э, бо маблағи калон харидам,-даст афшондаю бо оҳанги ҷиддӣ ва ифтихоромезу пуртантана фаҳмонд Ризо.-Хайр, акаам ёрдам кард, боз мӯйсафеди падар аз пули пасандозҳояш ба болояш монд. Муҳим ин ки, ман ба орзуям расидам.

Ва дафъатан каф бар каф зад:

-Эҳ, чӣ хел хушбахтам ман! Охир, соҳиби мошин, боз «Тойота-кемри» шудан, шумо медонед, чӣ лаззату кайфияте дорад?

-Қанд зан, офарин!-ба таърифу тавсифи Ризо гузашт муовини раиси корхонаамон.-Хуб ғайрат кардӣ! Медонӣ, ман тақрибан 15 сол заҳмат кашидаю ҷон коҳонда, аз шиками худу кӯдаконам зада, сарфа карда, маблағ ҷамъ намудаму оқибат «Опел-астра» харидам, он ҳам куҳна. Худо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

додааст ба ту, якуякбора соҳиби «Тойота-кемри» шудӣ.

-Хайр, канӣ, корро ба ҳоли худ монда, дар ин ҷо ҷамъ шудаед, тинҷист?-аз остонаи дари ҳуҷраи кории Ризо овози раисамонро шунида, нигоҳамонро аз берун, аз саҳни корхона ҷамъ карда, ба ҷониби он кас нигаристем.

-Имрӯз рӯзи саид, метавон гуфт, таърихист,-хандида бо эҳсоси хурсандӣ гуфт муовини раисамон, айнакашро ба чашмаш наздиктар бурда.

-Медонед, муҳтарам раис, Ризо мошин харидааст. Мо бовар накардем, аммо вай савганд хӯрд.

-Наход?-ҳайрон шуд раисамон, канӣ, канӣ, фаҳмем, чӣ хел мошин будааст?

-«Тойота-кемри»,-баробар хитоб кардем.

-«Тойота-кемри»?-ҳайронтар шуд раисамон, ҷавони болобаланди тақрибан 30-35-сола,

-Муборак бошад, муборак бошад!-таҳсин хонд вай ва луқма партофт:

-Хайр, «Тойота-кемри»-ро кай мешӯем?»

-Зиёфатро мегӯед, раис?-қадре ҳаяҷономез пурсид Ризо.

-Ҳа, боз чиро дар назар доштем, ба фикри ту?

-Гап нест, ман шуморо ба деҳа, ба хона таклиф мекунам. Дар қатори кабобу ошу қурутоб аз моҳибирёни таърифии Кофарниҳон тановул карда, ҳай лаззат мебаред, - баланд-баланд хандида, суханони раисро тасдиқ кард Ризо. Ва боз ҳам, аз чӣ бошад, асроромез ба берун чашм дӯхт вай.

-Хайр, мебинем, мебинем, ҳимматата,-гуфт раисамон ва сар ҷунбонд:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

-Агар ин ҳама дурӯғи навбатият набошад.

-Не-не, Худо занад, ки ман дурӯғ намегӯям. Охир, дурӯғ-торикии имон аст, гуфтаанд,- якравӣ кард Ризо.

Аммо баъди чанде овозаи мошини нав харидани Ризо ба гӯши ҳамсоягони мо-маркази технологияи иттилоотӣ ҳам расида будааст, ки чанде аз кормандони ҷавони он, ки шиносони дерини Ризо мебошанд, дар роҳрав пайдо шуда, ба ҳуҷраи кории вай сар халонданд. Ризоро муборакбод намуда, қарор доданд бегоҳ баъд аз анҷоми кор аз наздик мошини «Тойота-кемри»-и ӯро дида, баҳо хоҳанд дод. Ин фикри онҳоро мо низ ҷонибдорӣ намудем. Ризо бепарвоёна «бошад, ман ҳамроҳи шумо, боз нагӯед, ки дурӯғ мегӯяд, гурехтаву думро хода карда, - гуён ҳамаамонро дилпур намуд.

Ҳоло ҳам иддае аз ҳамкорон ба ин гуфтору кирдори Ризо нобоварона, бо шакку тардид менигаристанд. Дар байн Расул, муҳаррири техникии коргоҳ, ногаҳон аз Ризо озмоишкорона пурсид:

-Ризо, мо ба бовар кардан бовар мекунему лекин мехостем, калиди ҳамон «Тойота-кемри»-ятро як бор нишон медодӣ? Охир, гуфтаанд-ку, гумон аз имон ҷудо, боз ин ки шунидан кай бувад монанди дидан.

Ризо саҳл беқарору бесаранҷом шуда, дубора ба тиреза наздик омад.

-Ҳе, аҷаб гап мезанед, шумо,-«кафид» вай. Мегӯед,ки шунидан кай бувад монанди дидан». О, ба шумо мошинро нишон додам, ҳо ана, дар саҳни корхона, аз тарафи дасти рост, сеюмаш «Тойота-кемри»-и ман. Ялаққос зада истодааст. Ҳар қадар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

дилатон мекашад, аз ҳамин ҷо тамошо кардан гиред. Шарту қавл ҳам кардем-ку: бегоҳ баъди анҷоми кор аз наздик рафта, нағзакак тамошо мекунед. «састаяниша» худатон баҳо медиҳед. Боз чӣ лозим ба шумо? Ба Худо, намефаҳмам.

Ва лаҳзае шабеҳи он ки ранҷида бошад, хомӯш монда, даст ба ҷайбаш бурд:

-Дар бораи калид бошад, ҳоҷати гап нест,- вай намоишкорона калидеро бароварда, бо нӯги ангуштон дар ҳаво бозӣ доронд:

-Балоша гирам, мана калиди «Тойота-кемриҷон»! Лекин агар… ба ман бовар накунед, ихтиёратон. Мошин харидем гуфта, заб дар бало мондем-ку!

-Қабул, қабул,-оромона суханони Ризоро тасдиқ кард Расул.-Ош шавад, мошинат фақат дар рӯзҳои хурсандӣ, дар тӯю тамошоҳо хизмат кунад! Ҳамин тавр, пас аз табрику шодбошии Ризо ва эътимоди амиқ ҳосил кардан дар хусуси он ки вай дар ҳақиқат мошин харида, соҳиби «Тойота-кемри» шудааст, ба ҳуҷраҳои кории худ ворид гардидем… Бегоҳӣ бо анҷом ёфтани рӯзи корӣ мо, ҳамкорон, мувофиқи аҳди бастаамон аз зинаҳои ошёнаи сеюм поён шуда, ҳамроҳи Ризо ба саҳни корхона баромада, оҳиста-оҳиста ҷониби қатори мошинҳое, ки дар байнашон «Тойота-кемри»-и сиёҳранг қарор дошт, раҳсипор гардидем. Ҳангоме ки ба мошинҳо наздик шуда, давру бари «Тойота-кемри»-ро ботааммуқ назорат карда, акнун аз Ризо хоҳиш карданӣ будем, ки дарҳои мошинро кушояду дохили онро низ бафурҷа муоина кунем, ки марди миёнаумри тақрибан 65-солаи қоматбаланди мӯйсараш равғанхӯрдаро, ки дар тан костуму шими сиёҳ, куртаи сафеду галстук



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

ба гардан дучор омадем, ки хандон ба мо менигарист:

-Хайр, хуб тамошо кардед, маъқул шуд? - суол кард ва ба ҷавоби мо мунтазир нашуда афзуд:

-Пешакӣ гуфта монам, боз хафа нашавед, ман мошинамро намефурӯшам. Бачаҳо чанд дафъа мошинҳоямро фурӯхта, навашро хариданд. Дигар қавл додам, ки мошин намефурӯшам. Ҳамин «Тойота-кемри» хизмат кардан гирад, он тарафаш Худо подшоҳ. Аз ҳайрату хиҷолат чӣ гуфтанамонро надониста:

-Не, бепарво бошед,-узр пеш овардем, мо.- Ҳамту барои худамон… э. э. вай… тамошо кардем. Ҳамин хел мошин хариданӣ ҳастем. Ҳа-а…

-Ҳеҷ гап не,- хандаи малеҳ дар лаб ба «Тойота-кемри» нишаст мард ва муҳаррикро ба кор даровард:

-Саломат бошед!

Мо ба Ризо, ки каноре аз шиддати ханда хам шудаву шикамашро дошта, аз қавле, «аз ханда рӯдакан гардида буд» менигаристему аз зудбоварию содагӣ ва бо доми навбатии нағмаю усули Ризо афтиданамон шармамон омада, ҳарфу калимаи сазовору обдор намеёфтем, ки ба Ризо «нисор» намуда, диламонро холӣ кунем. Танҳо чун ҳарвақта «Э намурӣ, Ризо, бо ҳамин дурӯғҳоят», гӯён ӯро накуҳишу худро тасалло медодем…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

## «ШОГИРД»

Олим Олимзода, ки дар кадом як мактаби олии пойтахт дарс мегуфту соҳибунвон буд (доктори илм, профессор, физики шинохта), дар истгоҳи деҳа мунтазири мошинҳои роҳ меистод, ки баногоҳ дар наздаш мошини сабукрави тамғаи «X-6»-и наппа-нави сиёҳи ялаққосӣ қарор гирифт. Дарро ронанда боз намуд ва ба чеҳраи муаллим дида дӯхта, лабонаш ғарқи табассум хитоб намуд:

-Марҳамат, устод, бароҳат бинишинед.

Пас аз аҳволпурсӣ маълум гардид, ки ронанда, ҷавони қадбаланди 30-35-сола, мӯйҳояш шонахурдаи равғанӣ, айнаки сиёҳ дар чашм, бо либосҳои наву мӯди замонавӣ Раҳимбек, писари Саидбек, набераи бобои Ҷӯрабек будааст, ки муқими шаҳри Маскав асту ба тиҷорату савдо дар он шаҳр машғул.

-Э устод, устод,-афзуд бо хушҳолӣ Раҳимбек, хеле шуд, ки шуморо вонахӯрда будам. Охир, шумо кам не-ғам не 5 сол ба мо дар мактаби деҳа дарс дода будед. Мо як умр агар хизмати шуморо ба ҷо орем, кам аст. Ҳаққи шумо бар мо зиёд аст.

-Ҳеҷ ҷойи ташвиш надорад ин ҳама,-чашм аз роҳ наканда посух дод Олим Олимзода, -Мо аз шумо хурсанд ҳастем, муҳим ин ки ҳар ҷо бошед, сиҳату саломатии шумо барои мо давлат аст, шогирд.

Аснои ҳаракат дар роҳ банохост нигоҳи чашмони Раҳимбек ба ҷузвдони устодаш афтид, ки рангбохтаю фарсуда ба назар мерасид.

-Устод, сумкаатон хеле кӯҳна шудааст-ку,-дилсӯзона гуфт шогирд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

-Шумо одами чор кас мешинохтагӣ, обрӯю ифтихори деҳаи мо чӣ ки, ҷамоату ноҳия, балки ҷумҳурӣ ҳастед. Ба шумо бардошта гаштани сумкаи кӯҳнаю фарсуда намезебад.

-Ман, Раҳимбекҷон, ростӣ, ба сумкаам эътибор ҳам намедиҳам,- бепарво гуфт муаллим ва илова кард:

-Лекин шумо ишораи хуб кардед, сумкаи нав харидан лозим. Ҳа-а…

-Шумо дар ин бора фикр ҳам накунеду ташвиши зиёдатӣ ҳам накашед,- бо оҳанги дилпурона ба суханаш идома дод Раҳимбек.

-Ман аз Россия чанд сумкаи мӯди нав овардагӣ. Чунон зебову хушранганд, ки бо ҷилои худ чашм мебаранд. Дар байни ин портфелҳо махсус ба шумо мезебидагияш ҳам ҳаст. Бегоҳ-пагоҳ ҳатман оварда ба шумо ҳадя хоҳам кард, устод. Дар ин бобат бепарво бошед.

Олим Олимзода аз хушҳолӣ чеҳрааш шукуфта, бо миннатдорӣ ҷониби Раҳимбек нигарист:

-Раҳмат, писарам, саломат бошед. Лекин гуфтам-ку, ташвиш накашед ҳам, мешавад. Як сумка-да, насиб кунад, мехарем.

-Э, не, не, дар ин хусус дигар ҳарфе ба забон наоред. Масъала ҳал, тамом – вассалом.

Сумкаро пагоҳ ё бегоҳ ба шумо мерасонам, устод.

…Бегоҳ аз кор баргашта, Олим Олимзода ҳеҷ тағйироту дигаргуниро мушоҳида накард. Аммо, содаю зудбовар, ки буд, ба ёдаш Раҳимбеку ҷузвдони наву таърифияш расиду лабханде кард…

Рӯзҳо яке пайи дигар тирвор мегузаштанду аз Раҳимбеку ҷузвдонаш хабареву дараке набуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

Баъдтар муаллим огаҳ гардид, ки аз рафтани Раҳимбек ба Русия ду ҳафта пушти сар шудаасту ӯ бехабар.

Ингуна тақрибан баъди сипарӣ гардидани соле боз дар истгоҳи деҳа муаллим Олим Олимзода интизори мошинҳои роҳ буд, ки мошини сабукрави тамғаи «Икс»-и нави пурҷило наздаш қарор гирифт.

Дарро муаллим худ кушода, шогирдаш Раҳимбекро паси чамбар дида, аввал каме ҳайрон шуду сипас хушҳолие фаро гирифташ. Пас аз аҳволпурсӣ Раҳимбек фаҳмонд, ки ба хабаргирии падару модарашу бародаронаш омадааст. Аз сумкаи ваъдагӣ умуман, гап накушод.

-Ба кор рафта истодаед?-пас аз хомӯшии ба миён омада пурсид Раҳимбек. Хаёлам, ҳоло ҳам дар донишгоҳ дарс мегӯед-а?

-Дар донишгоҳ дарс мегӯяму лекин ҳоло дар рухсатиям,-шарҳ дод Олим Олимзода ва афзуд:

-Дандонҳо ғам дода истодаанд. Сол, ки рафт, дандон мерезаду мӯят сафеду чашмат хира мешавад…

-Чӣ, шумо дандон карданиед?-бо қиёфаи ҷиддӣ кунҷковӣ кард Раҳимбек.

-Ҳа, ҳамин хел ният дорем.

-Шумо, устодҷон, дар ин бобат парво накунеду зиқ нашавед. Ман худам шуморо бурда, дар духтури шинос дандонҳоятонро нав мекунонам. Аз хусуси маблағаш ҳоҷати гап нест. Мо, устоди азиз, ба шумо ҳамин қадар хизмат накунем, айб нест магар? Дандон асоси зиндагист, устод.

Шоир беҳуда нагуфтааст-ку:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

**Зиндагонӣ бо зану дандон бувад,**
**Бе зану дандон ҷаҳон зиндон бувад.**

-Худи пагоҳ ман шуморо хабар гирифта, аз пайи кор мешавем. Бадин тариқ, як пагоҳ чӣ ки, даҳ пагоҳ дар як пилк ба ҳам задани чашмон гузашта рафту аз Раҳимбек хатту хабаре нашуд. Дар хусуси пизишки шиносашу дандонҳои нави устод Олимзода табиист, ки ҳоҷати гап ҳам набуд.

Маълум шуд, ки Раҳимбек кайҳо ба Русия баргаштааст у боз ҳам Олимзода аз рафтани ӯ бехабар мондааст.

Соле баъд (шояд бо амри тасодуф бошад!) боз Олим Олимзода дар истгоҳи деҳа мунтазири нақлиёт азми ба кор рафтан дошт, ки мошини тамғаи «Х-класс»-и наву оҳарии пурҷило наздаш қарор гирифт. Дарро кушода, (воаҷабо!) Раҳимбеки шогирдашро дид, ки хандаи дандоннамое чеҳраашро фаро гирифта (дандонҳояш болою поён тилло буду медурахшид), аз паси айнаки тира ба ӯ менигарист.

-Марҳабо, устоди азиз, марҳабо,-ханда дар лаб муроот кард Олимзодаро шогирди «бовафо»-яш.

-Чӣ ҳол доред? Хубед?

-Хубам, хубам,- изҳор намуд устод ва ба кабинаю салони мошин ишора кард:

-Муборак шавад, мошини нав. Дуо мекунем, ки ҳамеша дар рӯзҳои тӯю хурсандӣ хизмат кунад.

Пасон Раҳимбек аз Олимзода пурсон шуд, ки чӣ ташвишу гирифториҳое дорад. Олимзода фаҳмонд, ки ҳама корҳояш хубанд, ҳеҷ ташвишу мушкиле надорад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

-Фақат, - ба ёдаш чизе расид, ки хитобид вай, ҳоло аз пайи чопи китоби навам ҳастам. Китоби калон, маҷмуи мақолаҳои илмии солҳои охир навиштаам аст, ин китоб.

-Ана чоп кардани ин китобу хароҷоташ ба зиммаи ман, устодҷон,-бо тафохур гуфт Раҳимбек. –Ман аз ин проблема кам-кам хабар дорам. Медонам, ки барои тайёр кардану ба нашр расондани китобе маблағи калон зарур аст. Ҳамин маблағи чопи китобатон тани ман. Чӣ гуфтед, устод?

Ҳангоме ки Олимзода дар маркази шаҳр аз мошин поён мешуд, Раҳимбек бо овози баланд:

-Устод, пагоҳ ман шуморо хабар мегирам, бепарво бошед.-гӯён дарро пӯшид…

Пас аз гузаштани соле боз ҳам Олим Олимзода дар истгоҳи деҳа мунтазири мошин, озими шаҳр буд, ки тифоқо сабукрави тамғаи «А»-И боазамате наздаш қарор гирифт.

-Раҳимбек? –дарро кушодан замон шогирдашро паси чамбар дида, беихтиёр нидо баровард муаллим. –Аз Русия баргаштед?

-Ҳо, устодҷон, хабаргирӣ омадам, -посух дод Раҳимбек. Ва ба суханаш идома дод:

-Ҳолатон хуб аст, устоди азиз? Ба шаҳр, ба кор равонаед?

-Ҳа, ба кор рафта истодаам, -гуфт Олим Олимзода. Баъди каме хомӯшӣ ба шогирдаш тавзеҳ дод, ки се рӯз баъд зодрӯз дорад.

-Э, табрик, табрик, устодҷон,- хандида гуфт Раҳимбек. Нафаҳмида мондам, хуб нашудааст.

-Хайр, ҳеҷ гап не, ҳоло вақт аст. Худи пагоҳ, дер нашуда, ба шумо шиму кастюми нав харида, туҳфа мекунам. Ана ҳамон шиму кастюми



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

гаронбаҳоро дар рӯзи мавлудатон ба бар мекунед. Нуран ало нур мешавад.

Олим Олимзода маънидорона сӯйи шогирдаш нигариста, гулӯ равшан кард:

-Шумо, шогирди азиз, ягон хел ташвиш накашед. Бачаҳо кайҳо шиму костюм харида, тухфаам карданд. Умуман, бояд донед, ки ба шарофати ваъдаҳои шумо банда соҳиби сумкаи нави ялаққосӣ шуда, дандонҳоямро нав кунондам. Дар ин байн китобамро низ бо дастгирии шогирдон ба нашр расондам. Ҳазорсола шаванд, дӯстону шогирдони содиқи банда! Аз шумо хоҳиш доштам, ки дар зодрӯзам иштирок кунед, тамом-вассалом.

-Э раҳмат, раҳмат, устоди азиз, гӯё ки ҳеҷ воқеа рух надода бошад, бепарво ба забон овард Раҳимбек.

-Ҳатман дар зодрӯзатон иштирок хоҳам кард.

Аммо… худи ҳамон рӯз Раҳимбек чипта харидаву ба Русия «думро хода кард».



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед

# МУНДАРИҶА

Ҷемпери сабз…………………………………… 3
Ошиқи чашмони сиёҳ................................ 19
Духтарак, бенавоӣ ва фариштаҳои зарринбол................................................... 25
Бегона………………………………………… 31
Тадбир……………………………………….. 43
Меҳри безавол……………………………… 58
Алам………………………………………….. 67
Вопасин лаҳза……………………………… 72
Навбат……………………………………….. 78
Имтиҳони қисмат.................................... 86
Сарнавишти ду тан………………………… 108
Хона………………………………………….. 129
Қассоб………………………………………… 145
"Миёнарав"................................................. 185
Хуш ба ҳолатон!......................................... 192
Балои охирзамон........................................ 199
«Сизон»....................................................... 205
«Азизам, маранҷ!»……………………….. 211
Моҷарои тасма.......................................... 214
Ҳазл…………………………………………… 227
«Шогирд»…………………………………….. 234

Ба чопаш 00.00.2024 ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 54x84,1/16. Ҷузъи чопии шартӣ 15.
Адади нашр 150 нусха.

Дар матбааи ҶДММ «Меҳроҷ-граф» ба табъ расидааст.
ш. Душанбе кӯчаи Айнӣ 126



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://kitobkhon.net муроҷиат кунед